Аммо дар оянда зиндагии шоир душвортар гардид. Дӯстонаш Сайидоро хонадор мекунанд. Ҳаёти оилавӣ адибро маҷбур мекунад, ки мадрасаро тарк намояд ва ба кори бофандагӣ машғул гардад. Ба ҳамин маънӣ дар ғазали «Мекунам бофандагӣ» мегӯяд:

Дар баҳор аз фоқа ранги заъфарон бошад маро.
Пораҳо бар дӯш аз барги хазон бошад маро...
Баҳри рӯзӣ мекунам бофандагӣ чун анкабут.
Хона ҳамчун дорбоз аз ресмон бошад маро.
Гаштаам аз фоқа ҳамчун тири бепар гӯшагир.
Хонаҳои хушку холӣ чун камон бошад маро.
Чун фалак аз меҳру маҳ бар суфра дорам нони кок.
Рӯзу шаб шармандагӣ аз обу нон бошад маро.

Сайидо ба мақсади аз ин қашшоқӣ раҳоӣ ёфтан бо баъзе соҳибмансабон, аз қабили Ҳоҷидодхоҳ ва Раҳимбийи Юз наздик мешавад ва бо маслиҳати онҳо дар васфи амирони аштархонӣ Абдулазизхон (1645–1780), Субҳонқулихон (1680–1702) ва Убайдуллохон (1702–1711) қасидаҳои мадҳӣ иншо мекунанд. Аммо он абёт ҳам дили аз санг сахттари амирони номбурдаро гарм накард. Ба шоири қашшоқ ҳатто тӯҳфаи ночизе инъом накарданд.

Сайидо пас аз ин эҳсос кард аҳли ҷоҳ, ки аштархонӣ буданд, ба соҳибҳунароне чун ӯ эътибор намедиҳанд, дилгир шуд ва танҳо ба воситаи шеърҳояш худро таскин медод:

Дар аҳди мо ривоҷ ба аҳли ҳунар намонд.
Имрӯз обрӯй ба лаълу гуҳар намонд.
Аз хеҷ ҳонае набиромад садои ҷуд.
Дар рӯзгори мо зи каримон асар намонд.
Гардуни сифла беҳунаронро ривоҷ дод.
Азбаски эътибор ба соҳибҳунар намонд.

Шӯҳрати шеъри шоир на танҳо дар Мовароуннаҳру Хуросон, балки ба Ҳиндустону Эрон ҳам паҳн гардид. Вале ҳаёташ талх, зиндагиаш қашшоқона буд. Барои ҳамин аз рӯзгори нохушаш шикоят мекунад:

Ба мулки Исфаҳону Ҳинд мехонанд ашъорам.
Зи Туркистонаму ҳаргиз надорам эътибор ин ҷо.

Дар он рӯзгор, ки вазъияти сиёсиву иҷтимоӣ хеле бад буд, ҷангу хунрезиҳои пай дар пай, афзудани зулму истисмор мамлакатро харобу ҳаёти омма, махсусан аҳли ҳунарро вазнин гардонид. Аз ин ҷост, ки бисёр арбобони илму адаб якумрӣ кишварро тарк намуда, ба Ҳиндустон сафар карданд.

Ҳамраҳон рафтанду ман по дар ватан дорам ҳанӯз.
Такя чун сурат ба девори бадан дорам ҳанӯз.

Сайидо мехост, ки ба сарзамини Ҳинд равад, аммо ӯ имконияти сафар кардан надошт. Аввалан, шоир пиру заиф шуда буд ва роҳ дур, бештар пиёда рафтан лозим меомад. Сониян, барои рафтан андаке маблағ даркор буд, лекин шоири бечора тиҳидаст, қашшоқ ва бесармоя буд:

Аз тиҳидастӣ[1] чу сарви боғ поям дар гил аст,
Раҳт мебандам, агар зоди[2] сафар бошад маро.

Нохушиҳои рӯзгор қалби шоирро реш кард. Ӯ дигар ба амиру ҳокимон бовар надошт. Балки онҳоро дар шеърҳояш мазаммат менамуд. Сайидо карор дод, ки дигар рӯи чунин ашхоси пастфитратро набинад. Бинобар ин гӯшанишиниро ихтиёр намуд. Гӯшанишинӣ аҳволи шоирро, ки бе ин ҳам бад буд, боз бадтар кард. Маҳз ба ҳаёти ҳамин давраaш ишорат намуда, бо сӯзу гудоз мегӯяд:

Он кӣ мегиряд ба ҳолам, чашми хунини ман аст,
В-он ки бардорад сарам аз хок, болини ман аст.

Даврaи гӯшанишинӣ ба шоир бадбахтиҳои зиёд овард. Ӯ худашро танҳо ва бекас ҳис карда, дарду аламашро бо оби чашм, андаке бошад ҳам, сабук мегардонд.

Шоир зарари гӯшанишиниро фаҳмид. Ӯ эҳсос намуд, ки ба роҳи ғалат рафтааст. Бояд гӯшанишиниро тарк намуда, ба назди дӯстон ва ҳамкасбонаш баргардад. Ҳамин тавр ҳам кард:

Ҳосил нашуд зи гӯшанишинӣ муроди ман,
Худро зи хона бар сари бозор мекашам.

Пас аз ин шоир гӯё аз нав зинда шуд, боз ба сари дастгоҳи бофандагӣ нишаст, боз ба гуфтани шеър оғоз намуд, боз бо шеърҳои рангини худ қалби мардумони дардошноро ба шӯру ҳаяҷон овард. Қалами адиб бурротар, танқидаш нишонрастар гардид. Қалам ба ӯ нон намедод. Барои як лукма нон пайдо кардан шоир аз субҳи содиқ то шом бофандагӣ мекард. Ӯ дар ин маврид худашро ба Фарҳоди кӯҳкан монанд карда, чунин мегӯяд:

Ба зӯри дасту бозӯ меҳӯрам, эй Сайидо, рӯзӣ,
Маро чун кӯҳкан хуни ҷигар бошад беҳ аз ширам.

Шоир шабу рӯз меҳнат мекард, аммо зиндагияш фақирона буд. Танҳо як ҳуҷра дошт. Илова бар ин, шоир бо таассуф қайд мекунад, ки хонаашро дуздон ғорат кардаанд. Сайидо нақл мекунад, ки боре ба хонаи дӯсташ ба меҳмонӣ рафтааст. Ҳангоме ки субҳ бармегардад, дарро боз ва ҳуҷраашро холӣ мебинад. Шоир дар ин бора чунин мегӯяд:

Видоаш карда мерафтам ба хона,
Таваҷҷӯҳ зад қадам бар остона.
Даре дидам ба нокомӣ кушода,
Ба роҳам дидаи во истода.
Фиғон ногаҳ зи қуфли дар баромад,
Ки: «Имшаб турфа дузде бар сар омад.
Қавичанголи гурге, тезчашме,
Ба бозу филзӯру тангчашме.

---

[1] *Тиҳидаст* - дасти холӣ, бечора, камбағал.
[2] *Зод* - асбоб, тӯша.

Сари ӯро зи дор андешае не,
Ба ғайр аз дуздӣ ӯро пешае не».
Ман он ҷо то саҳар дар хоби роҳат,
Кушода дузд ин ҷо дасти ғорат.
Даруни хонаам ҷуз бӯрё не,
Ба зери пой ғайр аз нақши по не.
Зи беасбобиам дар сина чок аст,
Матои хонаи ман обу хок аст.
Чӣ гӯям ман ба рӯи хонаи худ,
Шудам шарманда аз кошонаи худ.
Шудаш торочи ӯ кунҷи фаромӯш,
Зи дасти дузд гаштам хонабардӯш.
Туро бод, эй фалак, даврон мусаллам,
Ба як шодӣ кунӣ омода сад ғам.

Дар байти охир шоир нисбат ба замона эътирози сахт мекунад. Натиҷаи бенизомии давлат аст, ки дуздону авбошон зиёд гардида, ҳатто охирин намаду бурёи камбағалонро низ дуздида, ғорат намуданд.

Сайидо дар дил орзую ҳаваси бисёр дошт. Аммо ӯ ба мурод нарасид. Дар шаҳри Бухоро тахминан соли 1711 вафот кард. Ба наслҳои оянда асарҳои пурарзиш ба мерос гузошт, ки онҳо дар тарбияи меҳнатдӯстӣ ва ахлоқии инсон роли калон мебозанд.

**Мероси адабӣ**

Эҷодиёти Сайидои Насафӣ дар шакли пуррааш то замони мо омада расидааст. «Куллиёт»-и ӯ аз 8500 байт иборат аст. Ғазал дар эҷодиёти шоир дар ҷои аввал меистад. Чаҳор ҳазору шашсад байти «Куллиёт»-ро ғазалҳои шоир ташкил медиҳанд. Мухаммас ҳам дар эҷодиёти Сайидо мавқеи калон дорад.

Ғайр аз ин, Сайидо маснавиҳои хурде эҷод кардааст, ки ба масъалаҳои мухталифи рӯзмарра бахшида шудаанд. Масалан, «Дар мазаммати дузде, ки хонаи шоирро ғорат кардааст» ва ғайра. Ин маснавиҳо ҳаҷман хурд буда, аз 16 то 68 байт доранд.

«Шаҳрошӯб»-и Сайидо низ идомаи анъанаи гузаштагон буда, ба тавсифи ҳунар ва ҳунармандон бахшида шудааст. Шоир дар «Шаҳрошӯб»-аш ба тариқи ҳазлу шӯхӣ кору рафтори 212 нафар намояндагони касбҳои гуногун: заргар, бофанда, кулол, мӯзадӯз, деворзан, кабобпаз ва дигаронро таърифу тавсиф менамояд. Ҳаҷми шеърҳо мухталиф буда, аз як то се – чор байтро ташкил медиҳанд. Ин шеърҳо дар вазнҳои гуногун навишта шудаанд. «Шаҳрошӯб» аз шеърҳои ба ҳунармандон бахшидаи Сайидо, пеш аз ҳама, бо он фарқ мекунад, ки дар онҳо ҳаҷви сабук, ханда, умуман ҳаҷви рафиқона меъёри асосӣ ба ҳисоб меравад.

**Мазмуну мундариҷаи идеявии шеърҳои ба ҳунармандон бахшидаи Сайидо**

Шеърҳои ба ҳунармандон бахшидаи Сайидо аз он ҷиҳат муҳиманд, ки дар онҳо аз кору зиндагии аҳли ҳунар сухан меравад. Инчунин онҳо дар адабиёти классикии тоҷик боби тозаеро дар шакли маснавӣ кушодаанд. Эҷод шудани шеърҳои ба ҳунармандон бахшидашуда аз тарафи Сайидо бесабаб нест.

Пеш аз ҳама, шоир худ аз аҳли ҳунар буда, табиист, ки дар эҷодиёташ

орзуву омоли ин табақаро васф мекунад. Шумораи шеърҳои ба ҳунармандон бахшидаи Сайидо ҳафттоянд:

1. Дар ситоиши таштрез.
2. Дар таърифи Хоча Мирзочони Баққол.
3. Дар таърифи шотире.
4. Дар таърифи наққош.
5. Дар таърифи наччор.
6. Дар таърифи нонвой.
7. Дар таърифи қассоб.

Ҳамаи ин шеърҳо дар як вазн (ҳазачи мусаддаси маҳзуф ё мақсур) навишта шудаанд.

Биё, эй Сайидо, хатми сухан кун,
Сухан бо андалебони чаман кун.
Мафоилун, мафоилун, мафоил
(V – – – /V – – –/ V – –)

Пеш аз Сайидо хам шоирон дар бораи ҳунармандон шеърҳо иншо кардаанд. Сайидои Насафӣ ин анъанаро дар адабиёти бадеӣ аз нав зинда карда, инкишоф додааст. Шеърҳои ба ҳунармандон бахшидаи Сайидо аз шеърҳои дигар шоирон, бо чунин хусусиятҳо фарқ доранд:

1. Дар шакли маснавӣ навишта шудаанд ва хусусияти касидаро дарбар гирифтаанд.

2. Дар охири ҳар як шеър Сайидо ба соқӣ мурочиат мекунад. Дар ин санъат ӯ пайрави Фахриддини Гургонист.

3. Сайидо ба содагии забон, ташбеҳҳои тоза ва ибораҳои халқӣ диққат додааст.

4. Ин ё он ҳунар хеле моҳирона баён ёфтааст.

**1. Дар таърифи Хоча Мирзочони Баққол**. Дар ин шеър шоир баққолеро (мевафурӯш) тасвир кардааст, ки нозукиҳои касби худро хуб медонад. Дӯконаш тозаву озода, сабадҳои мева чо ба чо чида шудаанд. Дар баробари хислатҳои писандида, ин дӯкондор ҳилагариҳо хам дорад:

Зи савдояш тарозу ҳалқа дар гӯш,
Зи сангаш гашта санги сурма хомӯш.

Мевафурӯш, ки Мирзочон ном дорад, ба соҳибони молу пул меҳрубон буда, ба Сайидо барин одамони тиҳидаст бенлтифот аст:

Маро чун сурма чашми ӯ ба мастӣ
Ба санги кам занад аз тангдастӣ.

Ё ки:

Матои ӯ бувад бо чон баробар,
Бувад санги ками ӯ лаълу гавҳар.
Надорад аз камӣ санги вай андӯҳ,
Ки дорад аз тарозу пушт бар кӯҳ.

**2. Дар таърифи шотире.** Дар шеъри «Дар таърифи шотире» Сайидо косидеро васф мекунад, ки ӯ хеле чобук аст. Садои зангӯлаи ӯ аз дур шунида мешавад:

Ба ишва оҳувонро банда карда,
Ба чилва сарвро шарманда карда.
Чу дида чилваи он кадди дилчӯ,
Тазарви боғ шаҳпар дода бо ӯ.
Фиғони занг ӯро дар миён аст,
Маро афғон миёни чон ниҳон аст.

**3. Дар таърифи наққош.** Наққош барои зебу оро додани хонаи мардумон камар бастааст. Ба ҳар хонае, ки наққош меравад, он чо зебову назаррабо мегардад:

Гузорад пой бар ҳар остона,
Кунад он хонаро оинахона.
Ба килки худ намесозад ситамро,
Кунад ангушти ӯ кори қаламро.

Бинандагон аз тамошои тасвирҳояш ангушти ҳайрат ба даҳон мегиранд, маҳву дилбастаи манзараҳояш мешаванд:

Назар бар сураташ ҳар кас кушода,
Чу сурат пушт бар девор ниҳода.

**4. Дар таърифи кассоб.** Дар силсилаи шеърҳои ба ҳунармандон бахшидашуда шеъри «Дар таърифи қассоб» мақоми болотареро дорост. Шоир худро ба гӯсфанд монанд карда, ба ин восита тавонистааст, ки кори қассобро вокеӣ баён кунад. Хонанда дар пеши назар қассоби моҳиру чобукдастеро меоварад, ки ӯ касбашро нағз аз худ кардааст ва ҳаваси бинандаро нисбат ба он зиёд мекунад:

Ба дӯконаш равам дар хун тапида,
Наяндешам зи сархои бурида.
Агар хунам бирезанд, мотамам нест,
Зи поям гар биёвезанд, ғамам нест.

**5. Дар таърифи нонвo.** Ҳунари нонвоӣ аз кадимуллайём дар байни мардуми сарзамини мо қадршиносӣ карда мешавад.

Дар шеъри Сайидо мо ташбеҳҳои бикр ва ирсоли масал барин санъатҳоро мебинем, ки қимати шаклу мазмуни онро даҳчанд афзудаанд.

**Ба ташбеҳ:**

Тануроаш сурхрӯ аз оташи гул,
Ҳасу хораш бувад мижгони булбул.

**Ба ирсоли масал (тамсил), талмеҳ:**

Масеҳо хӯрда рашки ордбезаш,
Хизир дар орзӯи обрезаш.
Чу Мачнун гардам аз гирди дӯконаш,
Фитода бар сарам савдои нонаш.

Баъди хондани шеърҳои ба ҳунармандон бахшидаи ӯ шавқу завқ ва меҳру муҳаббати мо нисбат ба ҳунарҳои тасвиршуда афзун мегардад. Мо худро гоҳе ба ҷои таштрез мебинему гоҳо ба ҷои қассоб. Гоҳо ҳамроҳи қаҳрамонони Сайидо ноновӣ мекунему гоҳо айвону хонаҳоро наққошӣ.

Дар замони шоир соҳибони молу ҷоҳ ба қадри ҳунармандон намерасиданд. Касбашонро хор медоштанд. Бузургии Сайидои Насафӣ дар он ҷост, ки ӯ аҳли ҳунарро аз шоҳону вазирон болотар, мақомашонро беҳтар донista, ба васфашон чунин шеърҳои дилфиреб навиштааст.

**Хусусияти ғазалиёти Сайидо ва инъикоси рӯзгори шоир дар онҳо**

Фикрҳои пешқадами Сайидо бештар дар ғазалиёташ ифода ёфтаанд. Сайидо дар ғазал пайрави Ҳофиз ва Соиб аст. Байтҳои ғазалҳои ӯ ҳам мустақил буда, дорои мазмунҳои гуногунанд. Агар дар як ё ду байти аввал муҳаббати покро суруда бошад, байтҳои сонӣ ба танқиди замон, аҳли ҷоҳ ва ғайра бахшида мешаванд:

1.Оинаро ҷамоли ту соҳибназар кунад,
Акси рухи ту бехабаронро хабар кунад.
2.Кӯтоҳ кун ҳадиси парешонии маро,
Килкам мабод шиква зи зулфи ту сар кунад.
3.То омадам зи мулки адам, дар тараддудам,
Зулм аст ҳар кӣ аз ватани худ сафар кунад.
4.Пӯшиданист чашми худ аз базми рӯзгор,
Он сандалест, дидани ӯ дарди сар кунад.
5.З-аҳли амал гурез, ки қалбошно шавӣ,
Маншин ба ин гурӯҳ, ки сӯҳбат асар кунад.
6.Мижгони чашми шӯхи ту бар ҷони Сайидо,
Аз рӯи лутф дӯстии пештар кунад.

Пас аз мутолиаи ғазали боло равшан мегардад, ки шоир дар байтҳои 1, 2 ва 6 ишқи инсониро сурудааст. Байтҳои боқимонда (3, 4, 5) ба мавзӯъҳои мухталиф: ватандӯстӣ (зулм аст ҳар кӣ аз ватани худ сафар кунад), танқиди золимону нокасон ва бехирадон бахшида шудааст. Шоир даъват мекунад, ки бо чунин ашхос ошноӣ ва ҳамсӯҳбат шудан нашояд.

Хусусияти дигари ғазалиёти Сайидо боз дар он аст, ки онҳо ҳаҷман калонанд. Аксарияти ғазалиёти адибони гузашта аз 6–7 ва 10–12 байт иборатанд. Аммо Сайидо ғазалро аз 14 то ба 27 байт расонидааст. Дар «Куллиёт»-и шоир ғазалҳои 6–7 байтаро низ дучор меоем, вале миқдоран каманд.

Бештари ғазалҳои Сайидо характери иҷтимоӣ доранд. Дар ин гуна ғазалҳо шоир муносибати худро ба ҷомеа, ба аҳли ҷоҳ, ҳунармандон ва халқи бечораю мазлум баён намудааст. Симои қаҳрамони лирикӣ дар ғазал ҳамчун шахси хирадманд, аммо беқадр, соҳибҳунар, вале бенаво, ҳақиқатҷӯ, поквиҷдон ва адолатхоҳ намудор мегардад.

Шоир ба инсони ҳақиқӣ муҳаббату самимият дорад, аз ин рӯ дар лирикаи иҷтимоияш ҳаёти талху аламангези онҳоро инъикос намудааст. Адиб

ба қувваю нерӯи халқ бовар дорад. Аз ин ҷост, ки амиру ҳокимон ва дигар мансабдоронро мефаҳмонад, ки ба халқ ҷабру ситам кардан лозим нест, зеро вақте косаи сабри онҳо лабрез мешавад, ба по мехезанд ва шумо золимонро нест мекунанд:

Ҳар кӣ бо душмании халқ равон аст чу баҳр,
Зуд бошад, ки сари хеш чу гирдоб хӯрад.

Барои он ки чунин ҳодисаҳо ба вуқӯъ наоянд, – мегӯяд Сайидо, бояд подшоҳ адолатпарвар ва накӯкор бошад, низоми давлатро ба ҷо орад, ӯ нагзорад, ки соҳибмансабонаш халқро талаю тороҷ кунанд. Махсусан дар рӯзгори шоир низоми давлат суст шуда, аҳли ҷоҳ ба порахӯрӣ, зулму таадди омма сахт миён баст, ки аз ин амал кишвар ба зулматсаро бадал гашт, халқ қашшоқу хонавайрон гардид. Ин вазъиятро Сайидо бо як дарду алам тасвир мекунад:

Омад хазону сайри чаман орзу намонд,
Дар боғи рӯзгор ба гул рангу бӯ намонд.
Дар хеч абр оби мурувват наёфтам,
Аз сабза ғайри ном ба лабҳои ҷӯ намонд.
Азбаски дар ҷаҳон сари бемағз шуд баланд,
Дар бӯстони даҳр ба ғайр аз каду намонд.
Эй Сайидо, бишӯй зи арбоби ҷуд даст,
Обе дар ин муҳит барои вузӯ намонд.

Шоҳе, ки мулкаш вайрон ва раияташ ба чунин ҳолати муфлисию қашшоқӣ расидааст, ба шери мурдаи дар бешае партофташуда монанд аст:

Подшоҳе, к-ӯ зи мулки худ намегирад хабар,
Мурдаи шере бувад, афтода дур аз бешае.

Сайидо дар ин ғазалаш аз номи аҳли ҷоҳу мансаб – амирону ҳокимон сухан ронда, ба ин восита ботини ифлос ва мақсадҳои разилонаи онҳоро ошкор месозад:

Бастаем аз халқ чашму комронӣ мекунем,
Шустаем аз баҳр дасту оби гавҳар мехӯрем.
Бо забони дӯстӣ аз халқ гирем интиқом,
Хуни мардум ошкоро ҳамчу наштар мехӯрем.

Шоир аз таҷрибаи рӯзгор ба хулосаи дуруст омада мегӯяд, ки аз аҳли ҷоҳ ёрию мададгорӣ пурсидан хатост, зеро онҳо оташанд. Оташ ҳама чизро месӯзонад, нест мекунад:

Аз золимон маҷӯй зи бекувватӣ мадад,
Кай оби теша тарбияи хору хас кунад!
Золим ба ҷустуҷӯи заифон бувад мудом,
Оташ ҳамеша орзуи хору хас кунад.

Барои ҳамин шоир бар зидди золимон ба мубориза бар мехезад. Аммо муборизаи ӯ на бо шамшер, балки бо қалам аст:

Хомаи оташзабони дасти худро, Сайидо,
Мекашам чун мил дар чашми адӯи хештан.

Вале, бояд Шумо – чабрдидагон, мазлумон ба ҳамаи ин хорию забунӣ тоқат накунед, – мегӯяд шоир, сари худро пеши нобакорон, золимон хам насозед, бағалҳоро аз санг пур кунед, худро муҳофизат намоед:

Бар рӯи мунъимон ғазаболуда кун нигоҳ,
Бо ин гурӯҳ ноҳуни шеру паланг бош!
Доме, ки дар муҳити ҳаводис фикандаӣ,
Дар ҷустуҷӯи арраи пушти наҳанг бош!
Саҳрову шаҳр баски зи девона пур шудаст,
Ҳар ҷо, ки по ниҳӣ, бағали пур зи санг бош.
Ҳамчун камон зи фока сари худ масоз хам,
Берун агар зи хона бароӣ, хаданг бош!

Боз як ҷиҳати фарққунандаи ғазалиёти Сайидо аз адибони гузашта дар он аст, ки шоир ба тарзи возеҳ дар бораи меҳнату азоб, бечорагию муфлисии худ шикоят мекунад. Албатта, баёни ҳолатҳои рӯҳӣ, ҳаёти душвор ва ғайра дар ғазалиёти бузургони гузашта буданд, вале онҳо ба тарзи умумӣ ба қалам дода мешуданд. Масалан, Сайидо дар ғазали «Кулфати бисёр мекашам» азобу машаққат, нодорамии зиндагии талхашро, ки махсус ҳангоми гӯшанишиниаш рух дода буд, бо як дарду алам тасвир мекунад:

Аз даҳр баски кулфати бисёр мекашам,
Аз ҳамнафас чу оина озор мекашам.
Шамъам, зи гиря кулфати бисёр мекашам,
Аз нури чашми хеш ман озор мекашам.
Аз бузругони вақт садое нашуд баланд,
Худро чу кабк бар сари кӯҳсор мекашам.
Лабташнаам, валек ба як қатра чун садаф,
Дар баҳр интизории бисёр мекашам.
Дастам зи кӯтаҳӣ гирехе во намекунад,
Аз нобаробарии ситами хор мекашам.
Ҳосил нашуд зи гӯшанишинӣ муроди ман,
Худро зи хона бар сари бозор мекашам.
Эй Сайидо, маро ба касо нест эҳтиёҷ,
Дасти тиҳӣ зи дасти мададгор мекашам.

Тасвири ҳаёти дардомези шоир характери умумӣ дорад. Адиб ба ин восита дар образи қаҳрамони лирикӣ зиндагии пурмашаққати халқ, аҳли ҳунар ва умуман бечорагону дармондагонро ҷамъбаст намудааст. Сайидо дар ғазали «Вайронаамро сӯхтаанд» ватанашро дар назар дорад. Ӯ бо як дарду ҳасрат шикоят мекунад, ки золимон, амиру ҳокимон кишварашро вайрон ва халқашро муфлису гадо кардаанд. Барои ҳамин ӯ худашро ба шамъу чуғз ва булбул монанд кардааст. Шоир акнун мисли чуғз дар вайронаҳо зиндагӣ менамояд, монанди булбул дар харобаҳо, ки бӯстонашро поймол кардаанд, менолад, шӯру афғон мекунад:

Шамъаму пайваста дар рагҳои ҷонам оташ аст,
Бар даҳонам мавҷи обу бар забонам оташ аст.
Золимон аз бекасӣ вайронаамро сӯхтанд,
Чуғзам, аз бехонумонӣ ошёнам оташ аст.

Булбулам, аммо макоми дилнишинам гулхан аст,
Сабзаам хокистарасту бўстонам оташ аст.
Нест дилсўзе ба мулки синаи ман ғайри доғ,
Сайидо, имрўз ёри меҳрубонам оташ аст.

Дар ин порчаи боло шоир аз санъати ташбеҳ (чуғзам, булбулам) ва истиора (вайрона, бўстон) бо камоли маҳорат истифода бурдааст.

Шоир дар ҳамин мавзўи боло ғазалҳои бисёр дорад. Дар аксарияти онҳо ҳамин маънӣ ба тарзи умумӣ гуфта шудааст. Барои намуна порчаи зерро бо намунаи боло муқоиса кунед.

Саҳрою шаҳр хонаи рўбоҳ гаштааст,
Дар кўҳу беша шеру паланге намондааст.
Аз дасти ҳеч кас гиреҳе во намешавад,
Рафти миёни шонаю кокул намондааст.
Эй Сайидо, зи аҳли ҷаҳон дар замони мо
Номусу ном рафтаву нанге намондааст.

Дар ғазали боло мазмун пардапўшона, бо рамзу киноя ифода ёфта, ба шахсияти адиб алоқаманд гардидааст.

**Фикрҳои панду ахлоқии шоир**

Андешаҳои панду ахлоқии Сайидо бештар дар ғазалҳояш ба тарзи пароканда баён шудаанд. Шоир таъкид менамояд, ки инсон бояд меҳнат кунад ва бо обилаи кафи даст нон хўрад. Боғбон ҳам, ки ризқи худро ё нони худро ба воситаи меҳнат аз боғаш ба даст меорад:

Рў намеорад ба хони ҳеч кас соҳибҳунар,
Боғбон ризқи худ аз пушти гулистон мехўрад.

Барои пайдо кардани қути лоямут саъю кўшиш лозим аст. Ҳатто мисли санги осиё инсон бояд ҳамеша дар ҳаракат бошад:

Рўзӣ насиби кас ба нишастан намешавад,
Бояд чу осиё зи пайи обу дона рафт.

Сайидо таъкид мекунад, ки бе саъй, бе ҷустуҷў, бе ҳаракату талош ҳеч мақсад ба даст намеояд:

Бе талаб, эй Сайидо, мақсад намеояд ба даст,
Ҷо ба маҷлис мекунад найй аз фиғони хештан.

Аз ин ҷост, ки Сайидо илму ҳунарро тарғиб мекунад ва ҳунармандиро сифати беҳтарини инсон меҳисобад. Вобаста ба ин таъкид месозад, ки ҳунарманд аз сарсонию тараддуд фориғ аст, зеро ба коре машғул мебошад:

Сайидо, марди ҳунарманд аз тараддуд фориғ аст,
Даст агар дар кор машғул аст, по осуда аст.

Азбаски адиб худ марди ҳунарманд буд, нозукиҳои онро хуб эҳсос мекард ва ба аҳли ҳунар муҳаббату самимияти зиёд дошт. Шеърҳои ба

ҳунармандон бахшидаи шоир ва асари «Шаҳрошӯб»-аш гувоҳи фикри боло ҳастанд. Дар баробари ин шоир ба шахсони коргурез, ки бори зиндагиашон ба дӯши дигарон аст ва касбу ҳунаре надоранд, нафрат дорад, онҳоро сахт накӯҳиш мекунад. Шоир мегӯяд, ки дасте, ки масдари эҷод нест, яъне ҳунаре надорад, шикаста беҳ:

Паймонае, ки бода надорад, шикастанист,
Дасте, ки нест масдари эҷод, бастанист.

Чунон ки дар боло гуфтем, Сайидо ҳунаромӯзӣ ва меҳнатдӯстиро илқо карда, инчунин талаб менамояд, ки шахс бояд поквиҷдон, ростқавлу ростгӯ бошад. Умри хешро бо покию ростқавлӣ гузаронад. Пас ӯ метавонад ҷовид монад. Барои мисол сарвро мегирад. Сарв агар хушк гардад, боз асои дасти инсон мешавад:

Ростиро набувад хеч заволе ба ҷаҳон,
Сарв агар хушк шавад, боз асо мегардад.

Сарв меояд ба истиқболаш аз боғи мурод,
Ростиро ҳар кӣ месозад асои хештан.

Албатта, гузориши ин масъала аз тарафи шоир бесабаб набуд. Дар ин асрҳо махсусан, дар байни соҳибмансабон порахӯрӣ, фитнаю найранг, қаллобӣ, тӯҳмат, бӯҳтон авҷ гирифта буд. Ба ин восита адиб онҳоро панд доданӣ шуда, ҳамзамон ҳамватанонашро ба покию покниятӣ, ростқавлӣ ҳидоят намуд.

Иллати дигари одамони ҷамъият тамаъкорӣ ва хушомадгӯӣ буд. Сайидо, ки дар рӯзгораш ин иллатро ба хубӣ ҳис карда буд, барои барҳам додани он саъю кӯшиш намуд:

Худро чу соя дар таҳи деворҳо макун,
Дилро чароғи гӯшаи мотамсаро макун!
Паҳлу бар остонаи навдавлатон манеҳ,
Аз нохуни паланг ба худ муттако макун!
Дасти ҳавас зи неъмати алвон кашида дор,
Бар хони халқ пайравии иштиҳо макун.
Силӣ хӯрӣ ба рӯи худ аз сар-сари хазон,
Дар боғи даҳр сина чу гул бар ҳаво макун.
Оби бақо зи соғари фағфури Чин маход,
Чашми тамаъ ба косаи дасти гадо макун.

Барои ин, ҳаёти худашро мисол меорад. Шоир дар пеши дунон сар хам кардан, хушомад заданро бад мебинад ва шод аст, ки ба ин роҳи ифлос нарафтааст ва аз дигарон низ талаб мекунад, ки тамаъкор нашаванд:

Сайидо, ҳарфи тамаъ аз хотирам гар бигзарад,
Мешавам бегона, ҳар ҷо ошно бошад маро.

Шоир дар баёни масъалаи дӯстӣ ба гузаштагони худ – устод Рӯдакӣ, Саъдӣ, Ҷомӣ, Бинойӣ ва дигарон ҳамфикр аст. Ӯ дӯстони зиёд дошт. Тавре ки

аз тарҷумаи ҳоли шоир медонем, Сайидо бенавою тангдаст буд. Аз ин рӯ, дӯстон – ҳамкасбонаш ба шоир ёрии моддӣ ва маънавӣ мерасонданд ва шоир аз онҳо сипосгузору миннатдор аст. Аз ин ҷост, ки адиб бо як муҳаббати бепоён дар бораи онҳо сухан мегӯяд. Агар хоҳӣ, ки ба душман зафар ёбӣ, дар зиндагӣ осуда бошӣ, дӯстонатро гум макун, зеро дӯст барои инсон асо аст:

Рафиқ аз каф мадеҳ, душман агар хоҳӣ забун гардад,
Туро сӯзан ба даст афтод, хор аз по бурун гардад.

Ё ки:

Рафиқ аз каф мадеҳ, хоҳӣ, ки дар манзил барӣ худро,
Шавад санги сари роҳ, чун асо аз дасти ланг афтад.

Сайидо дар масъалаи таълиму тарбия фикрҳои ҷолиби диққат гуфта, таъкид менамояд, ки бояд шахс дар ҷавонӣ саъю кӯшиш кунад, то ки аз тарбияи устодон, мураббиён, муаллимон бархурдор шавад. Вале шоир бо таассуф хотиррасон менамояд, ки барои хондан, илм гирифтан фарзандони камбағал имконият надоранд. Барои исботи фикр ҳаёти худашро мисол меорад. Аз тарҷумаи ҳоли шоир медонем, ки ӯ аз Насаф ба мақсади илмомӯзӣ ба Бухоро омад, чанд муддат таҳсил кард, аммо пул ки надошт, хонданро партофту ба касби бофандагӣ машғул шуд. Аз ин рӯ, Сайидо, афсӯс хӯрда мегӯяд, ки агар мехондам ба қуллаҳои баланди илм расиданам мумкин буд ва мисли Толиби Омулӣ шахси донишманд мегардидам.

Беморро ғизои мувофиқ кунад накӯ,
Бе тарбият заиф тавоно намешавад.

Ё ки:

Сайидо, беқадр афтодаст дар мулки Бухор,
Тарбият созанд ӯро, Толиби Омул шавад.

Ғайр аз ин, Сайидо мувофиқи таҷрибаи рӯзгор дар охир ба чунин хулоса меояд, ки дар ҷамъият шахси бетакягоҳ, яъне бемураббӣ машҳуру номдор намегардад:

Бе мураббӣ зери гардун мӯътабар натвон шудан,
Моҳи навро рафта-рафта чарх оламгир кард.

Дар ин байт мураббӣ маънои васеъ дорад. Мураббӣ маънои устод ва муаллимро ифода мекунад. Вале Сайидо онро ба маънои такягоҳ, соҳибдор овардааст. Ба ақидаи шоир, дар ҷомеа ҳарчанд фазлу дониш дорӣ, сиёсатмадору соҳибтадбири ҳаётӣ, аммо агар такягоҳ надошта бошӣ, корат ривоҷ намеёбад, ба мақсад намерасӣ, хору забун мегардӣ. Албатта, фикрҳои пешқадами адиб имрӯз ҳам қимати худро гум накардаанд.

**Мухаммас чист? Мантӣ мухаммасҳои Сайидо**

Мухаммас шакли шеъриеро мегӯянд, ки ҳар банди он аз панҷ мисраъ иборат бошад. Мухаммас мувофиқи мазмун ва салоҳдиди шоир 5–6 банд шуда метавонад. Тарзи қофиябандии он чунин аст: мисраъҳои банди аввал ҳамко-

фиянд (а а а а а), чор мисраи банди сонӣ ҳамқофия буда, мисраи панҷум ба мисраъҳои банди аввал ҳамқофия мешавад ( б б б б а ). Ба ҳамин тарик, ҳар як мисраи бандҳои дигар ба мисраъҳои банди аввал ҳамқофия ҳастанд. Аз ҳамин нуктаи назар холо мухаммаси «Намонд»-и Сайидоро аз назар мегузаронем:

Арбоби ҷудро[1] кафи гавҳарфишон намонд,
Дасти кушодае бо муҳиту ба кон намонд,
Дар рӯзгори мо зи мурувват нишон намонд,
Аз ҳиммати баланд асар дар ҷаҳон намонд,
Як сарв дар саросари ин бӯстон намонд.

То чуғззинатон ба фазои чаман шуданд,
Чун сабза сояпарвари сарву суман шуданд,
Гулҳо зи баски ҳамдами зоғу заған шуданд,
Мурғони нағмасанҷ ҷалои ватан шуданд,
Ҷуз байзаи[2] шикаста дар ин ошён намонд.

Аз аҳли дил намонд дар ин хокдон нишон,
Бастанд обу оина рахти худ аз миён,
Хуршед гуфт вақти видоаш ба осмон:
«Равшандилон чу барқ гузаштанд аз миён,
Хокистаре ба ҷой аз ин корвон намонд».

Аз дидаи басирати[3] мо хоб шуд равон,
Абёт аз сафина[4] чу симоб шуд равон,
Таҳрир аз саҳифа чу ҳуноб шуд равон,
«Аз чашми сурмавори давот об шуд равон,
Ширинзабонии қалами нуктадон намонд».

Эй Сайидо, ту дил ба мақоми наҷот каш,
Пой аз миёни тоифаи бесубот каш,
Чун Хизр рахти хеш ба оби ҳаёт каш,
«Соиб, забони хома ба коми давот каш,
Имрӯз чун суханталабе дар ҷаҳон намонд».

Дар банди I «намонд» радиф буда, калимаҳои **гавҳарфишон, кон, нишон, ҷаҳон** ва **бӯстон** қофия шуда омадаанд. Дар банди II чор мисраи аввал ҳамқофия (**чаман шуданд, суман шуданд, заған шуданд, ватан шуданд**) ва мисраи панҷум ба мисраъҳои банди аввал (ошён намонд) ҳамқофиянд. Бандҳои сонӣ ҳам ба ҳамин ҷунинанд.

Мухаммас бо ду роҳ эҷод мешавад. Аввал шоир мустақилона мухаммас меофарад. Ҳамаи мисраю байтҳо моли ӯ ҳастанд. Дуюм, ба ғазали шоире мухаммас мебандад. Се мисраи аввалро худи шоир эҷод мекунад ва пас ду мисраъ ё байти ғазали аз шоири дигар интихобшударо меорад. Масалан, дар мухаммаси «Намонд» байтҳои дар дохили нохунак (« ») овардашуда моли Соиб мебошанд. Яъне Сайидо бар ғазали Соиб мухаммас бастааст.

---

[1] *Арбоби ҷуд* – аҳли сарват, бахшояндагони давлатманд.
[2] *Байза* – тухм.
[3] *Басират* – фаросат, дониш, биной, хирад.
[4] *Сафина* – кинояи аз дафтари шеър.

Шарти асосӣ он аст, ки шоири мухаммасбанд бояд ба мазмун, вазн, қофияю радифи ғазали интихобшуда мухаммас ё байтҳои овардаи худро мувофиқ кунад. Тавре ки дидем, Сайидо тамоми қонуниятҳои зикршударо ба хубӣ риоя кардааст. Ба ғазали Соиб мухаммаси бисёр олӣ офаридааст. Нигоҳ доштани хусусиятҳои ғазали Соиб чӣ аз ҷиҳати мазмун ва чи аз ҷиҳати сохт ва чи аз ҷиҳати санъати суханварӣ дар мухаммаси «Намонд» пурра мушоҳида мешавад. Ба ҳамин тариқ, дар тарзи дуюми мухаммасофарӣ шоир озод нест. Вай бояд хоҳу ноҳоҳ ба қонуниятҳои боло риоя кунад. Вале дар тарики аввали мухаммасбандӣ шоир мустақил аст. Ӯ метавонад, мазмуни дилхоҳашро интихоб намояд ва бо услуби худ мухаммас эҷод намояд. Барои намуна мухаммаси «Дидаро умре ба мардум ошно кардам нашуд»-ро ба тарзи пурра меорем. Худи шумо қоидаҳои мухаммасбандиро ба ёд оварда, мухаммаси поёнро муқоиса намоед:

Дидаро умре ба мардум ошно кардам, нашуд,
Синаро оинаи сидқу сафо кардам, нашуд,
Бо баду неки ҷаҳон аҳлу вафо кардам, нашуд,
Дар дили ҳар кас зи рӯи меҳр ҷо кардам, нашуд,
Хонаи шодӣ ба рӯи хеш во кардам, нашуд.

Муддате чун соя будам дар кафои шайху шоб,
Рӯзгоре ҳамнишин будам ба минову шароб,
Сар ба танҳоӣ барорам баъд аз ин чун Офтоб,
Поси хотир то ба кай дорам дар ин дайри хароб?
Бо қаландар шурбу бо зоҳид риё кардам, нашуд.

Меҳрубониҳо намудам дӯстони хешро,
Ёр бо мадҳу сано кардам забони хешро,
Чун қалам гӯям ман акнун достони хешро,
Хоки пои ҳар як аз ҳамсӯҳбатони хешро.
Солҳо дар дидаи худ тӯтиё кардам, нашуд.

Маҷлиси агар равшан кардааст он майпараст,
Эй мусулмонон, чӣ бояд кард бо он шӯхи маст?
Дар фироқи зулфи кофаркеш меҳӯрдам шикаст,
Обрӯи рафтаро меҳостам орам ба даст,
Дар ҳарими Каъба чандоне дуо кардам, нашуд!

Сайидо, дорам дили чун ғунчаи гул пур зи хун,
Кавкаби бахтам дар об афтода, толеъ шуд забун,
Меравам, занҷир дар по, дар биёбони ҷунун,
Баски ноком аз дили офоқ афтодам бурун,
Қимати худро ба нархи хоки по кардам, нашуд.

Сайидо дар таърихи адабиёти тоҷик дар ин шакли шеърӣ устод будани худро пурра собит намуд. Мухаммассароиро чи аз ҷиҳати мазмун ва чи аз ҷиҳати миқдор инкишоф дод, ба дараҷаи олӣ расонд. Шоир бо ду роҳи маъмули мухаммассароӣ асар офаридааст. Аввалан, худи адиб бевосита мухаммас эҷод кардааст. Сониян, ба ғазалҳои машҳури адибони бузурги гу-

зашта: Амир Хусрави Деҳлавӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Бадриддин Ҳилолӣ, Толиби Омулӣ, Мӯҳташами Кошӣ, Калим, Соиб ва дигарон мухаммас бастааст. Ҳангоми интихоб Сайидо кӯшиш намудааст, то ки аз бузургон ғазалҳои аз ҷиҳати маънӣ баланд ва аз лиҳози санъат олиро интихоб намояд ва ба онҳо мухаммас бандад. Мавзӯи мухаммасоти шоир танқиди замон, тасвири ҳаёти пуртоқати муаллиф, тараннуми зебоиҳои табиат, ишқи поки инсонӣ ва амсоли инро ташкил медиҳанд. Масалан, бар ғазали Соиб мухаммаси «Ғаме дорам»-ро эҷод карда, дар он аз ҳаёти талху пурмашаққати хеш шикоят дорад. Табиист, ки ғазали Соиб низ мазмуни баланди иҷтимоӣ дошта, дар он зиндагии пурмашаққати қаҳрамони лирикӣ ба хубӣ инъикос ёфтааст:

Сари пуршӯру, ҷисми лоғару пушти хаме дорам,
Дар ин водӣ фаровон дарди бедармон, ғаме дорам,
Парешонхотирам имрӯз, гӯё мотаме дорам,
«Лаби хушку дили хунину чашми пурнаме дорам,
Нигаҳ дорад худо аз чашми бад, хуш оламе дорам».

Агар гул дар замини дил нишонам, хор мерӯяд,
Ниҳоли сабза корам, неш аз гулзор мерӯяд,
Маро аз сина дил ҳамчун забони мор мерӯяд,
«Ба ҷои ҷавҳари оинаам зангор мерӯяд,
Гуворо бод айшам, хуш баҳори хурраме дорам».

Ба гардун тири оҳи хастагон созад асар, Соиб,
Барояд эҳтиёҷи Сайидо аз чашми тар, Соиб,
Чу шабнам, гаштаам аз пеши худ соҳибназар, Соиб,
«Зи рози осмонҳо чун набошам бохабар, Соиб.
Ки ман аз косаи зонуи худ Ҷоми Ҷаме дорам».

Баъзан Сайидо дар мухаммасҳояш зебоиҳои ёр ё табиати фусункорро васф намуда, якбора ба тасвири ҳаёти талхи худ бар мегардад. Чунончи дар мухаммаси «Булбул масти гуфтори худ аст» дар банди аввал хуррамиҳои нотакрори табиатро ба қалам дода, дар бандҳои сонӣ боз ба ҳаёти қаҳрамони лирикӣ бармегардад. Адиб, бо вуҷуди он ки хонааш вайрона аст, парво надорад, дӯстонро ёд мекунад. Агар ӯ либоси тоза, сарвату бойгарӣ надошта бошад ҳам, парво надорад, афсӯс намехӯрад. Мақсади худро бо байти Соиб, ки мегӯяд «Табъи гуҳарбор» дорем, баён кардааст:

Дар чаман имрӯз булбул масти гуфтори худ аст,
Кабк дар кӯҳсорҳо дар банди рафтори худ аст,
Сарв мағрури қаду гул маҳви рафтори худ аст,
«Ҳар киро бинам дар ин олам, гирифтори худ аст.
Кори ҳақ дар токи нисён монда дар кори худ аст».

Рӯзгоре шуд, ки дар вайронае ҳастам муқим,
Мекунам пайваста ёд аз аҳли ёрони қадим,
Ин нидо омад бурун аз хоки Мусои Калим,
«Хизр осудаст аз таъмири девори ятим,
Ҳар касеро рӯй дар таъмири девори худ аст».

Хонабардӯшем моро ҳоҷати дастор нест,
Пайкари моро либоси тозае даркор нест,
Сайидо, моро назар бар чашми дунёдор нест.
Чашми Соиб чун садаф бар абри гавҳарбор нест,
Зери бори миннати табъи гуҳарбори худ аст».

**Мазмун ва мундариҷаи достони «Баҳориёт»**

«Баҳориёт» ё «Ҳайвонотнома» яке аз асарҳои мукаммали Сайидо буда, дар он беҳтарин ақидаҳои сиёсиву иҷтимоии адиб ифода ёфтаанд. Асар аз ҷиҳати сохт тамсилист, зеро персонажҳои он ҳайвонотанд. Аз тарафи дигар, «Баҳориёт» аз рӯи мазмун асари мунозиравӣ мебошад. Дар он ҳайвоноти гуногун бо ҳам мунозира карда, аввал рақибашонро мазаммат карда, сониян худро ситоиш менамоянд. Дар таърихи адабиёти форсу тоҷик то Сайидо ҳамин хел асарҳо кам набуданд. Мунозира ҳанӯз аз давраҳои қадим аз эҷодиёти халқ сарчашма мегирад. «Дарахти Ассурик», ки дар асри VI иншо шудааст, намунаи барҷаста аст. Пас дар адабиёти китобӣ дар эҷодиёти Асадии Тусӣ мунозира шакл пайдо мекунад. Асадӣ панҷ мунозира дорад. Беҳтарин намунаи он мунозираи «Арабу Аҷам» аст. Дар мунозираҳои Асадӣ баҳсу талош танҳо дар байни ду ашё ва ду шахс ба амал меояд. Баъзе мунозираҳои Асадии Тусӣ, ҳам тамсилианд, зеро персонажҳои онҳо чун Сайидо инсон набуда, балки ашёҳои дигар – Замин, Осмон, Тир, Камон, Шаб ва Рӯз ба ҳам мунозира мекунанд. Ба ҳамин маънӣ Сайидо ҳам анъанаҳои беҳтарини гузаштагонро давом ва инкишоф додааст.

Тавре ки худи шоир мегӯяд, «Баҳориёт»-ро дар як муддати кӯтоҳ (ду–се рӯз) дар давраи ҳукмронии Абдулазизхон (1645–1680) соли 1091 ҳиҷрӣ, яъне 1680 мелодӣ ба анҷом мерасонад:

Ин нусха, Сайидо, ба ду–се рӯз шуд тамом,
Дар рӯзгори ҳазрати Абдулазизхон.
Таърих аз ҳазору навад як гузашта буд,
Аз ҳиҷрати расул – шаҳи охируззамон.

Достон аз 368 мисраъ иборат буда, дар шакли қасида (аабава)… навишта шудааст. Асар аз муқаддима, қисмати асосӣ ва хотима иборат аст. Дар оғоз шоир чун анъана худою расул ва чорёронро ситоиш намуда, пас ба асли мақсад мегузарад. Адиб таъкид менамояд, ки барои хастагии одамонро дур кардан, табъи онҳоро хуш гардонидан аз ҳаёти ваҳшиён (ҳайвонот) ҳикоят карданӣ аст. Сониян шоир айёми навбаҳор аз хонаи торик берун мешавад ва ба саҳро мебарояд ва мебинад, ки мушаке худро ситоиш менамояд:

Мехоҳам аз вуҳуш замоне сухан кунам,
Дафъи малол то шавад аз табъи мардумон.
Рӯзе мани гариб дар айёми навбаҳор,
Аз кунҷи хона ҷонибм саҳро шудам равон.
Дидам нишаста бар дари сӯрох мушаке,
Мекард худ ба худ сифати хешро баён.

Гурбае даргузар буд, худтаърифкунии мушро шунида, ба назди ӯ мео-

яд ва ӯро танқид намуда, худро ситоиш менамояд. Ба ҳамин тариқ, **саг, гӯсфанд, гург, гов, уштур, сангпушт, хорпушт, рӯбоҳ, харгӯш, маймун, оҳу, паланг, фил, карк** ва **шер** меоянд. Ҳар кадоми онҳо рақиби худро мазаммат намуда, бузургиву тавоноии хешро баён мекунанд. Шер ҳам сифатҳои карки азимҷуссаро сарзаниш намуда, худро аз ҳамаи ҳайвонот дар ақлу заковат ва дар бузургию нерӯмандӣ болотар мегузорад:

Ҳаргиз шикори дигареро нахӯрдаам,
Як раҳ ба хуни мурда наёлудаам даҳон.
Дар бешае, ки меравам у мекунам қарор,
Берун зи кахтсол шавад аҳли он макон.
Бо ҳар кӣ бингарам ҷигараш об мешавад,
Аз мӯр камтаранд ба чашмам баҳодурон.

Дар ин ҳангом аз он ҷо мӯрчае даргузар буд. Чун таърифи шерро мешунавад, ба ғазаб меояд ва ба назди ӯ омада, хитоб карда чунин мегӯяд:

Дар фикри дона мӯрчае буд даргузар,
Омад ба шеру гуфт, ки:- «Эй Рустами замон!
Аз иттифоқи мӯрчагон ғофилӣ магар?
В-арна чаро ҳақир шуморию нотавон?
Хӯроки аҳли байти ман аст аз нитоҷи ту,
Доим пур аст хонаам аз шербаччагон.
Тифлони ширмасти ман имрӯз шергир,
Хешони нотавони монанд аз ту комрон!

Шер аз суханони мӯрчаи хурдакак музтар мегардад, хомӯш мемонад. Умуман ҳамаи 17 ҳайвон ҷавоби мӯрчаро шунида, ба бузургию тавоноиаш қоил мешаванд, дар назди мӯрча сари таъзим фуруд меоранд ва бо ҳам оштӣ мекунанд.

Чунон ки қаблан ишорат рафт, Сайидо гӯё ин асарро барои он навиштааст, ки табъи мардумро хуш гардонад. Вале агар ба ғояи асар амиқтар назар кунем, масъала ранги дигар мегирад. Мақсади шоир тамоман чизи дигар аст. Ин усул, яъне ба таври рамзӣ ифода намудани фикр як ликоест, ки шоир ақидаҳои иҷтимоиашро дар бораи гурӯҳҳои табақаҳои ҷамъиятӣ баён кардааст. Махсусан дар ин асар ҳадафи Сайидо тасвири образҳои мӯрча ва шер аст. Шер подшоҳ, яъне синфи ҳукмрони ҷамъият аст. Дар симои мӯрча бошад, шоир қувваҳои истеҳсолкунанда, аҳли меҳнат, деҳқонон ва ҳунармандонро, ки бори ҷамъият ба дӯши онҳост, нишон додааст. Ин ду образ ба ҳам муқобил гузошта шудаанд. Халқи меҳнаткаш аз болои подшоҳ ғолиб мебарояд. Адиб ба ин восита гуфтан мехоҳад:

1. Асоси давлат ва ҷамъият халқ аст.

2. Халқ қувваи бузургест.

3. Дигар ҳамаи гурӯҳҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла подшоҳон ҳам, дар назди халқ нотавонанд.

4. Шоир бузургӣ, тавоноию иқтидори халқро дар ягонагӣ, ҳамраъйӣ ва иттифоқии онҳо мебинад, ки ин, бешубҳа, ақидаи материалистии ӯст. Бе

сабаб нест, ки шоир аз номи мӯрча ба шер хитоб карда «Тифлони ширмасти ман имрӯз шергир», – мегӯяд. Албатта, ин ишораи шоир ба ходисаҳои сиёсиву иҷтимоии асри XVIII алоқаи зич доранд.

Дар замони ҳукмронии Нодирмуҳаммад (1642–1645) ва Абдулазизхон (1645–1680) иртиҷои дохилӣ қавӣ гардида, ба муқобили қувваҳои пешқадам амалиёти шадид сар шуд. Андозу истисмори оммаи меҳнаткашон ба авҷи аъло расид. Омма аз зулму тааддии ҳокимон ба ҷунбиш омад. Шӯришҳои ахли деҳоти музофоти Бухоро ва деҳаи Даҳбеди Самарқанд мисоли равшан шуда метавонанд. Аз ин ҷост, ки шоир мақсади худро дар образи мӯрча нишон додааст. Сайидо нисбат ба мӯрчагон хайрхоҳ аст. Охир худи адиб аз ҳамин табака аст ва бисёр самимӣ ва бо камоли эҳтиром дар бораи онҳо ҳикоят мекунад.

Дар охир Сайидо таъкид менамояд, ки ҳамаи ҳайвонҳо бо ҳам дӯст шуда, оштӣ карданд. Дар ҳақиқат ин идея орзуи адиб аст. Шоир бисёр мехост, ки дар ҷамъият ҷангу хунрезӣ, зулму истибдод набошад. Ҳамаи табақаҳои ҷамъиятӣ бо ҳам дӯсту меҳрубон бошанд, ба якдигар дар ҳолати парешонию дармондагӣ дасти ёрӣ дароз кунанд.

«Баҳориёт» бо забони содда ва оммафаҳм иншо шудааст. Аз баёни шоир маълум мегардад, ки ӯ хусусият ва кору кирдори ҳайвонотро хеле хуб медонад. Ғайр аз ин, аз тасвири адиб ба кадом табака таалуқ доштани ҳайвонро хонанда ба тезӣ пай мебарад. Чунончи мунозираи рӯбоҳ ва харгӯшро гирем. Ҳангоме ки харгӯш таърифи рӯбоҳро мешунавад, ба ғазаб омада ва хислатҳои бади вайро баён менамояд:

Харгӯш сар ба хоби фароғат ниҳода буд,
Бедор гашту гуфт ба рӯбоҳ он замон:
«Як зарра ақлу ҳуш агар доштӣ ба сар,
Ҳаргиз зи хона по нанниҳодӣ бар остон.
Шабҳо равӣ чу дузд ба сӯи маҳаллаҳо,
Ҷашмони худ чароғ кунӣ баҳри мокиён.
Бисёр зинда-зинда туро пӯст кардаанд,
Афкандаанд мурдаи ту нахлуи сагон...»

Пас аз ин харгӯш дар бораи сифатҳои неки худ нақл мекунад:

Бар ҳар каси фақир муяссар намешавам,
Ҷон медиҳанд дар талабам мардуми калон!
Моланд агар ба пайкари худ равғани маро,
Бешакку шубҳа, дафъ кунад дарди устухон.
Гоҳе агар ба оламиён ром мешавам,
Пайваста умри хеш кунам сарфи он макон.

Шоир дар образи рӯбоҳ одамони дузд, қаллобу фиребгари ҷамъиятро нишон додааст. Ин гуна ашхос ба ҷамъият суде намеоранд. Танҳо корашон дуздию риёкорист. Дар симои харгӯш гурӯҳи одамони нафърасон, хайрандеш ва накӯкор ҷамъбаст гардидаанд.

Сайидо ҳангоми интихоби ҷуфтҳои ҳайвонот хусусиятҳои табиии онҳо-

ро низ ба назар гирифтааст. Масалан, мушу гурба, сагу рӯбоҳ, палангу оху, гургу гӯсфанд ва ғайра ба ҳам зиданд. Яке ҳамеша аз пайи озори дигар аст. Маҳз ин тарзи гузориш асарро боз ҳам шавқовартар намудааст.

**Санъатҳои бадеӣ дар эҷодиёти Сайидо**

Санъату бадеиёти шеъри шоир хеле олист. Маҳорати шоир, пеш аз ҳама, дар он аст, ки ӯ мазмунҳои олиро бо забони хушобуранг, фасеҳ ба қалам медиҳад. Ягонагии шаклу мазмун бо тамоми ҷузъиёташ дар асарҳои шоир нигоҳ дошта шудааст. Ӯ вобаста ба мазмун ва идеяи асар шаклро интихоб мекунад, ки мисоли равшани ин «Баҳориёт» шуда метавонад.

Шоир аз санъатҳои бадеӣ–ташбеҳ, истиора, тавсиф, ирсоли масал, талмеҳ, тазод ва ғайра бамаврид истифода бурдааст. Чанд мисол:– Сайидо бо алам, вале бо ифтихор дар байти зер таъкид мекунад, ки ҳарчанд нони меҳӯрдагиям мисли моҳи нав як пора аст, ҳаргиз назди дӯкондорон намеравам ва аз онҳо тамаъ надорам:

Зи хони аҳли дунё тар накарда дастам ангуште,
Қаноат кардаам ҳамчун маҳи нав бо лаби ноне.

Дар порчаи зер санъати таносуби сухан бамаврид истифода шудааст ва қаҳрамони лирикӣ ҳиссиёташро бо ташбеҳоти рангини шоирона баён кардааст:

Дар раҳат чун нақши по имшаб ду чашмам чор буд,
Бар сари мижгон нигаҳ хори сари девор буд.
Ҳар чӣ гуфтам, талх гуфтам, ҳар чӣ хӯрдам, буд заҳр,
Дар даҳони ман забон гӯё забони мор буд.
Сайидо, аҳволи имшабро чӣ мепурсӣ зи ман?
Болишти ман ташти оташ, бистари ман хор буд.

Шоир дар ин порча ду чашми чорашро ба нақши по, нигаҳашро ба хори сари девор, забонашро ба забони мор, болишташро ба ташти оташ ва бистарашро ба хор монанд кардааст.

Санъати киноя ва истиораро дар байти зер бамаврид истифода бурдааст:

Аз бас-ки боғбонон карданд пунба дар гӯш,
Ҳар ҷуғз дар гулистон мурғи сухансароест.

Дар ин ҷо боғбон ба маънои маҷозӣ, яъне ҳокимон, соҳибмансабон омадааст, гулистон бошад, ватан, кишварро дар назар дорад. Адиб бо таассуф гуфтанӣ мешавад, ки амиру ҳокимон пунба ба гӯш карда (худро ба нодонӣ зада), мамлакатро вайрон карданд (Ҷуғз киноя аз вайронагӣ аст) ва ба назари боғбон гӯё ҷуғз парандаи хушхонест. Ба ҳамин тариқ, фирефтаи хониши ҷуғз шуда, аз вайронии кишвар парвое надоранд.

Сайидо дар ғазали «Задӣ оташ ба доғи ман» ишқи пок, самимияту муҳаббати хешро нисбат ба маҳбуба бо як ҳиссиёти баланд тасвир мекунад. Ӯ дар ин ғазал маҳбубаашро ба гул, ғунча, биҳишт, маҳу ситора нисбат додааст. Аз санъати тавсиф ва сифатчинӣ бо камоли маҳорат истифода бурдааст:

Гузаштӣ маст бо ғайру задӣ оташ ба чони ман,
Кучо рафтӣ, биё, эй шабнами гулхои боғи ман!
Ба сарвақтам намеоӣ, хазон гаштам, намепурсӣ,
Биҳишти ман, баҳори ман, гули раънои боғи ман.
Чӣ кардам ман, чӣ гуфтам ман, чӣ дидӣ, аз чӣ ранчидӣ?
Маҳи ман, кавкаби ман, нури чашми ман, чароғи ман.
Такаллум не, табассум не, нигоҳе не, адое не,
Гули ман, шабнами ман, ғунчаи ман, беди боғи ман.
Ба рухсорат арақро Сайидо дидасту мегӯяд:
«Нагардад то қиёмат дур об аз рӯи боғи ман»

Такрор шудани калимҳо ғазалро пурчозиба, шевою хоно кардаанд. Хонанда аз тавсифи шоир ҳаловат мебарад. Рӯҳи тоза гирифта, дилаш ба инсон ва зебоиҳои нотакрори табиат гарм мегардад.

Сайидо зиндагиро басо хуб омӯхта, тачрибаи зиёде андӯхта будааст. Аз ин рӯ, доир ба масъалаҳои гуногун панду андарзҳои ҳакимона гуфтааст, ки ин гуфтаҳои шоир ба ҳукми афоризм ва зарбулмасалу мақол даромадаанд:

Дил чун мутеъ гашт, чароғи назар шавад,
Фарзанди нек чойнишини падар шавад.
Нахле, ки бар надод, шавад боғбон кабоб,
Хун мехӯрад падар, чу писар беҳунар шавад.
Бар боғбон умеди самар аз ниҳол нест,
Нахле, ки солхӯрда шавад, борвар шавад.

Суханони ҳикматноки шоир аҳамияти бузурги тарбиявӣ доранд. Хонанда аз онҳо суд мегирад ва дар шоҳроҳи зиндагӣ барои ҳар як фард чароғи раҳнамо ҳастанд. Бешубҳа, ин хусусиятҳо халқияти эчодиёти шоирро боз ҳам устувортар мегардонанд. Аз тарафи дигар, забони асарҳои ӯ сода ва оммафаҳманд. Адиб кӯшиш намудааст, ки аз калимаю ибораҳо, тасвиру усулҳои халқӣ бамаврид истифода барад. Махсусан Сайидо табиатро хеле зебо ва рангомезона тасвир мекунад. Дар бисёр ғазалу мухаммасҳои шоир баҳори нозанин басо дилкаш ва пурчозиба ба қалам дода шудааст. Шоир тасвири табиатро ба ҳолатҳои рӯҳии зиндагии худ ва рӯзгори хеш алоқаманд менамояд. Масалан, дар ғазали «Соқӣ, пиёла ку?» Шоир чунин мегӯяд:

Омад баҳору бар кафи соқӣ пиёла ку?
Бар саҳни бӯстон гулу бар дашт лола ку?
Гул кард ғунчаи қафас аз чӯши навбаҳор,
Эй мурғи болбаста, туро оҳу нола ку?..
Эй Сайидо, зи ишқ нишоне ба даҳр нест,
Доғе, ки буд дар чигари мову лола ку?

Қаҳрамони лирикӣ зебоиҳои баҳорро дида, малул мегардад. Зеро ӯ чун мурғи болбаста дар дохили қафас аст ва аз ин таровату назокати навбаҳор бенасиб мондааст. Барои он ки дар замона мурувват нест, шоир қашшоқ аст. Ғазал чанбаи ичтимоӣ дорад. Шоир гуфтан мехоҳад, ки дар рӯзгори чамъияти феодолӣ баробарӣ нест. Барои як гурӯҳ тамоми шароитҳо муҳайё, зиндагиашон хуб аст ва аз ин атои табиат низ ба хубӣ баҳра мебаранд.

Зеро тамошо, дарк намудани зебоихо бо шиками серу дили бегам мешавад. Аммо Сайидо барин одамони камбағалу муфлис, ки ҳамеша дар ғами порай нонанд, аз таровату латофати баҳор чандон лаззат бурда наметавонанд.

**Савол ва супориш**

1. Касби бофандагӣ магар осон аст? 2. Ҳунарманд дар ҷомеа чӣ мартабае дорад? 3. Чаро Сайидо ба Бухоро омад? 4. Ӯ чаро таҳсилро то охир давом намедиҳад? 5. Аз кадом ҷиҳат зиндагии Сайидо бад шуд? 6. Чаро ба дарбор нарафт? 7. Шоир мехост ба Ҳиндустон равад, аммо бо кадом сабабҳо рафта натавонист? 8. Сабаби гӯшанишиниро ихтиёр карданы шоир дар чӣ буд? 10. Чаро гӯшанишиниро тарк кард? 10. Поёни умри шоирро ҳикоят кунед. 11. Аз Сайидо чӣ мерос мондаанд? 12. Хусусияти мухаммасҳои Сайидо аз чӣ иборатанд? 13. Мухаммасҳои адиб ба кадом мавзӯъҳо бахшида шудаанд? 14. Мухаммас бар чанд навъ аст? 15. Ин анъана дар адабиёти имрӯза давом дорад ё не? 16. Ғазалиёти шоир бештар ба кадом мавзӯъҳо бахшида шудаанд? 17. Дар ғазал чӣ навовари ворид кардааст? 18. «Баҳориёт» чаро асари тамсилист? 19. Пеш аз Сайидо дар таърихи адабиёт ҳамин гуна асарҳо буданд? 20. «Баҳориёт» бо кадом хусусиятҳояш аз асарҳои шоирони гузашта фарқ мекунад? 21. Образи мӯрча ва шерро шарҳ диҳед. 22. Асар бо ҳаёти сиёсиву иҷтимоии асри XVII чӣ алоқа дорад? 23. Сайидо қувваи халқро дар чӣ мебинад? 24. Аз оштӣ шудани ҳайвонот мақсади адиб чист? 25. «Шаҳрошӯб» дорои кадом хусусиятҳост? 26. Мазмун, услуби шеърҳои ба ҳунармандон бахшидаи Сайидоро гуфта диҳед. 27. Забон ва услуби баёни шоир чӣ гуна аст? 28. Шоир аз кадом санъатҳои бадеӣ бештар истифода бурдааст?


*Рӯйхати адабиёти илмӣ ва методӣ*

1. М. Маъсумӣ. Адабиёти тоҷик дар асри XVIII ва нимаи асри XIX. Душанбе, 1962.
2. Т. Миров. Дастури методии «Адабиёти тоҷик» барои синфи 9, «Маориф», Душанбе, 1986.
3. А. Мирзоев. Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик. Душанбе, 1947.



# МИРЗО АБУЛҚОДИРИ БЕДИЛ (1644-1720)

*Бедил, маро ҳарзасарой шон нест,*
*Мадҳи миру ситоиши султон нест.*
*3-ин даст каломе, ки зи мо мешунавӣ,*
*Ғайр аз исори хизмати ёрон нест.*

*Бедил.*

Шоир, нависанда ва файласуфи бузург Мирзо Абдулкодири Бедил шӯҳрати ҷаҳонӣ дорад. Ӯ дар сарзамини Ҳиндустон чароғи илму адаби моро боз ҳам фурӯзонтар кард. Дар қарнҳои минбаъда услубу сабки Бедил ҳамчун мактаби адабӣ мактаби пайравию эҷодкории садҳо адибон гардид. Барои ҳамин ҳамзамононаш ба ӯ унвони фахрии Абулмаонӣ, яъне падари маънихоро муносиб дидаанд.

**Шарҳи ҳоли Бедил**

Номи шоир Абдулқодир буда, Бедил тахаллуси адабиаш ба шумор меравад. Маънои Бедил дилдода, дилбохта, ошиқ ба зиндагӣ ва инсонҳо, ба маҳбуба ва билохира ба Худои мутаол аст.

Падару бобои Бедил аслан аз Осиёи Миёна, аз Шаҳрисабз ба Ҳинд рафта, он ҷо манзил кардаанд. Онҳо аслан ба пешаи сипоҳигарӣ ва навкарӣ машғул буданд. Бедил аз ҳамин оила соли 1644 дар шаҳри Азимобод ба дунё омадааст. Хушбахтона, баъди ба камол расидан шоир дар бораи рӯзи таваллудаш китъаи хубе иншо кардааст:

Ба соле, ки Бедил ба мулки зуҳур
Зи файзи азал тофт чун Офтоб.
Бузурге хабар дод аз мавлудаш,
Ки ҳам «Файзи қудус» асту ҳам «Интихоб»

Мувофиқи солшумории ҳиҷрӣ агар калимаҳои дохили нохунакро алоҳида-алоҳида ҳисоб кунем, соли 1054 ҳиҷрӣ мешавад, ки баробари соли 1644-и мелодӣ аст.

Бедил ҳанӯз дар тифлӣ аз падар маҳрум мегардад. Тарбияти ӯ ба ӯҳдаи модар ва тағояш Мирзо Қаландар, инчунин амакаш Мирзо Зариф, ки шахсони бофазлу доииш буданд, меафтад. Ҳангоме, ки синни Бедил ба 5 солу 6-моҳагӣ мерасад, ӯро ба мактаб медиҳанд. Бедил ҳам аз мактабдор таълим мегирад ва ҳам аз Мирзо Қаландар. Дар натиҷа дар як муддати кӯтоҳ хату савод бароварда, девони шоирони бузурги гузаштаро мутолиа менамояд ва пас чизҳои хондагӣ ва азёд кардаи худро аз назди Мирзо Қаландар мегузаронад. Саъю кӯшиши Бедил самараи хуб дод. Ӯ аз хурдӣ ба шеър гуфтан оғоз

мекунад. Ҳанӯз дар синни 10-солагияш барои яке аз шарикдарсонаш рубоии зерро иншо мекунад:

Ёрам ҳар гаҳ дар сухан меояд,
Бӯи ачибаш аз даҳан меояд.
Ин бӯи каланфур аст, ё накҳати гул?
Ё роиҳаи мушки Хутан меояд.

Пас аз ин Бедил таҳсилро дар мадраса давом медиҳад. Усули таълим дар мадраса ба табъи Бедили донишдӯст чандон мувофиқ намеояд. Аз тарафи дигар, тағояш Мирзо Қаландар, ки аз дониши мударрисон огоҳӣ дошт, норизо буд. Бинобар ин минбаъд ба Бедил Мирзо Зариф, ки олим ва шахси донишманд буд, аз сарфу навҳи забони арабӣ, адабиёти араб, ҳадису тафсир дарс медиҳад. Аз олими бузурги он рӯзгор Шайх Камол Бедил илмҳои фалсафа, нуҷум ва таърихро меомӯзад.

Бедил доир ба донишу фаҳмиши муаллимони мадраса фикрашро баъдтар изҳор намуда, онҳоро аз ноилочӣ «мукаррам» гаштаанд, мегӯяд:

Дар мадраса ҷамъе, ки фароҳам гаштанд,
Медонӣ аз куҷо мукаррам гаштанд?!
Полону ҷулу фасор мехост, харе,
Аз бесомонӣ охир «одам» гаштанд.

Вале бояд гуфт, ки мактаби асосии камолоти Бедил ҷамъомаду сӯҳбатҳои илмию адабие, ки дар хонаҳои Мирзо Қаландар ва Мирзо Зариф барпо мегардид, ба ҳисоб мерафт. Ин хонадонҳо, ки шеъру адабпарвар буданд, шоиру олимони номдорро гоҳ-гоҳ таклиф карда, сӯҳбатҳо меоростанд. Бедил ҳам иштирок мекард . Ӯ хӯшачине буд, ки аз ин хирмани пурниёз файзёб мегашт, дона мебардошт. Бедил дониш андӯхт, илмҳои гуногунро аз худ кард, каламаш бурро, фикраш расо гардид.

Пас аз ин соли 1665 Бедил аз пайи зиндагии мустақилона меафтад ва ба пойтахти Ҳиндустон шаҳри Деҳлӣ меояд. Дар ҳамон сол Мирзо Зариф ва пас аз як сол Мирзо Қаландар вафот мекунад.

Аввалин коре, ки дар мустақилияти худ пеша кард, ба маҷзубону дарвешон майл пайдо кардани ӯ мебошад. Ба онҳо ҳанӯз дар Азимобод шинос шуда, хусусиятҳои муҳими ин тариқатро омӯхта буд. Акнун бевосита ба тарзи дарвешону маҷзубон зиндагӣ карданро ихтиёр намуд. Махсусан дар Деҳлӣ ба таъсири Шоҳ Кобулӣ монда, ба тариқату хости ӯ амал мекунад. Моҳияти ин чараён аз он иборат буд, ки онҳо аз мардум худро канор гирифта, гуруснагӣ мекашиданд. Чанд соли ҳаёти Бедил ҳам ҳамин тарз гузашт. Дӯстони наздики Бедил, барои он ки ӯро аз ин қафаси танг халос кунанд, ба маслиҳат омаданд, ки шоирро бояд хонадор кунанд. Ҳамин тавр ҳам шуд. Бадилро дар синни 25-солагиаш хонадор карданд.

Минбаъд зиндагӣ ба сари Бедил панҷа партофт. Оиларо хӯрондану пӯшонидан лозим буд. Барои ин кор бояд кард. Аз ин рӯ, Бедил дарвешию маҷзубиро бас намуд ва барои зиндагиро пеш бурдан ба касби сипоҳигарӣ

пардохт. Ӯ ба Аъзамшоҳ навкар шуд, се сол гузашт. Бедил дар ин муддат ба шоҳу аҳли дарбор аз наздик шинос гардида, навкариро тарк мекунад. Сабаби дуюми навкариро тарк кардани шоир боз дар он аст, ки Аъзамшоҳ шоир будани Бедилро фаҳмида, аз ӯ талаб менамояд, ки дар васфаш қасидаи мадҳие эҷод кунад, то ки ба ӯ мукофоте диҳад. Аммо Бедил ин таклифро катъиян рад менамояд:

Бедил, маро харзасарой шон нест,
Мадҳи миру ситоиши Султон нест.

Бедил пас аз ин бевосита ба кори эҷодӣ машғул мешавад. Дар ин давра ӯ ба шаҳру ноҳияҳои Мултон, Лоҳур, Акбаробод, Панҷоб, Кашмир, Сарҳинд сафар карда, бо ҳаёти мардум шинос мешавад. Шоир ба ҳар ноҳияе, ки по мегузошт, бо аҳли илму адаби он ҷой сӯҳбатҳо меорост. Мубодилаи афкор менамуд, ба шоирони ҷавон, арбобони илм маслиҳатҳои муфид медод. Махсусан, дар он рӯзгор ҳаёти сиёсиву иҷтимоии кишвари Ҳинд ноором буд. Мустамликадорони хориҷӣ ба кишвари Ҳиндустон даромада, ба халқ зулму таадди карданд, аҳволи омма боз бадтар гардид. Амалдорон бошанд, барои ниҳон кардани фитнаю найранги худ дар байни мусулмонон ва ҳиндуҳо низоъҳои миллию мазҳабиро қувват медоданд. Бедил бо чашмони худаш ин низоъҳо, бародаркушиҳоро дар ноҳияҳои кишвар дид ва мутаассир гашт. Шоири гуманист аз ин кирдорҳои разилона ба хашму ғазаб омад. Дар ин бора мутафаккир дар «Чор унсур»-аш батафсил сухан меронад.

Сафарҳои Бедил натиҷаи хуб доданд. Аз ҳама муҳимаш ҳаёти халқи мазлумро аз наздик омӯхт ва сабабҳои иҷтимоии онро то андозае дарк кард, ки ҳамаи ин дар оянда барои тақвият ёфтани афкори нависанда хизмат намуданд.

Ҳаёти оилавии Бедил чандон барор накард. Занаш вафот намуд. Шоир маҷбур мешавад, дуюмбора оиладор шавад. Ӯ дар синни 64-солагӣ соҳиби писар гардид. Шодию хурсандии адиб ҳадду канор надошт. Ба фарзанд Абдулхолиқ ном гузошт. Вале пас аз се сол Абдулхолиқ вафот кард. Ин ҳодиса қалби шоирро реш намуд. Ӯ дар як рубоияш аз ин ҳодисаи ноxуш ёдовар шуда, таъкид менамояд, ки дар пиронсолӣ аз фарзанди ҷигарбанд ҷудо шудан дарди сахт, дарди ҷонгудоз аст:

Гуфтам: «Чӣ бувад субҳи қиёмат?» Гуфтанд:
«Марги фарзанд вақти пирӣ дидан».

Шӯҳрати шеъри Бедил, каломи сеҳрангези ӯ дар сарзамини Ҳинд, дар байни хосу ом, ҳокимону амирони вақт паҳн гашта, аз байни ҳар табақа мухлисони зиёд, шогирдони бовафо пайдо намуд. Шогирдони Бедил на танҳо мусулмон буданд, балки ҳиндуҳо низ ба адиб эҳтироми самимият доштаанд.

Ҳокимон ва амирон борҳо Бедилро ба дарбор даъват карданд, аммо ӯ розӣ нашуд. Масалан, муаллифи «Хизонаи омира» Ғуломалихони Озод мегӯяд: «Чун Навоб Осафҷоҳ... бар кишвари Дакан мусаллат шуд, номаи

талаб ба Мирзо (Бедил) навишт. Мирзо дар ҷавоб ин байт ба қалам овард:

Дунё агар диҳанд, нахезам зи ҷои хеш,
Ман бастаам ҳинои қаноат ба пои хеш».

Бедил бештар дар хонааш, ки дӯстонаш дар Деҳлӣ барои ӯ сохта буданд, ба корҳои эҷодӣ машғул гардид. Зиндагии шоир аз ҷиҳати моддӣ чандон бад набуд.

Аввалан шогирдонаш ба Бедил ёрии моддӣ мерасонданд. Дар байни онҳо шахсони доро ва саховатманд бисёр буданд. Сониян, Бедил хаттотӣ мекард. Мувофиқи супориши шахсони алоҳида девонҳо, асарҳои алоҳидаи адибони гузаштаро рӯбардор карда, ба онҳо медод. Пас онҳо музди кораш-ро дода, шоирро розӣ мекарданд. Вале вақти зиёди худро ба таълифи асарҳояш мегузаронд.

Чунон ки сарчашмаҳо, ҳамзамонон ва эҷодиёташ собит менамоянд, Бедил марди поксиришт, некахлоқ, фурӯтан, хайрхоҳ, ҳимматбаланд ва фуқаропарвар буд. Он чизе ки мееёфт, қисми онро ба толибилмони мӯҳтоҷ, дармондагон медод. Барои ҳамин халқ Бодилро дӯст медошт ва ҳурмату эҳтиром мекард.

Бедил 5 декабри соли 1720 дар Деҳлӣ вафот мекунад ва ӯро мувофиқи расму русуми онвақта дар ҳавлии худаш ба хок месупоранд. Дар ин бора Ғуломалихони Озод, ки дар ин вақт 17-сола будааст, китъаи таърихии зерро иншо мекунад:

Сару саркардаи арбоби сухан,
Аз ғамободи ҷаҳон хуррам рафт.
Гуфт таърихи вафоташ Озод:
«Мирзо Бедил аз олам рафт».

Мувофиқи ҳисоби абҷад аз мисраи охир рақамҳои 1133 мебарояд, ки ин соли ҳиҷрист. Он ба 1720 мелодӣ баробар аст.

Ба ҳамин тариқ, Бедил умри хешро ройгон нагузаронида, ба наслҳои оянда асарҳои пурарзише ба мерос гузоштааст.

**Мероси адабии Бедил**

Маълум аст, ки Бедил ҳанӯз аз синни 10-солагиаш ба сурудани шеър оғоз карда буд. Ӯ то лаҳзаҳои вопасини ҳаёташ аз иншо кардан лаб фурӯ набаст. Аз ин ҷост, ки дар тӯли 65 соли кори эҷодиаш асарҳои зиёде офарид. Эҷодиёти Бедил ба баҳри азиме шабоҳат дорад. Ин маъниро худи шоир дар рубоии зер беҳтар гуфтааст:

Шеърам, ки ба сад забон фуруд омадааст,
Дар чандин вақт он фуруд омадааст,
«Таврот» набуд, то бигӯям, ки ҳама,
Якбора зи осмон фуруд омадааст.

Ҳамаи эҷодиёти Бедил дар шакли «Куллиёт» ҷамъ оварда шудааст, ки дар он ҳам асарҳои назмӣ ва ҳам насрии нависанда ва мутафаккир дохил шудаанд. Ҷамъи асарҳои назмии шоир зиёда аз 72 ҳазор байтро ташкил медиҳад. Дар дохили асарҳои насрии Бедил назм низ бисёр омадааст,

ки онҳо насри ӯро боз ҳам хонотару шевотар гардонидаанд. Асарҳои Бедил-ро ба тарики зайл таксим кардан мумкин аст.

**ОСОРИ БЕДИЛ**

**Асарҳои насрӣ**
1. «Дебоча»
2. «Нукот»
3. «Рукаот»
4. «Чор унсур»

**Достонҳо**
1. «Тилисми хайрат»
2. «Муҳити аъзам»
3. «Тури маърифат»
4. «Ишорот ва хикоёт»
5. «Ирфон (дар дохили он достони «Комде ва Мадан» омадааст).

**Асарҳои хурди лирикӣ**
1. Ғазал, қасида, рубоӣ, китъа, таркиббанд ва тарчеот, тамсилот ва ғайра. Ҷамъ 37 ҳазору 500 байтро ташкил медиҳад.

Маълумоти мухтасар дар бораи баъзе асарҳои Бедил

**«Тилисми ҳайрат».** Ин асар соли 1668 навишта шуда, аз 3750 байт иборат аст. Дар он ақидаҳои маҷзубӣ– динии Бедил ифода ёфтаанд. Бедил дар асар дар боран муносибати тану рӯх баҳс мекунад.

**«Муҳити аъзам».** Бедил онро дар 37-солагиаш иншо мекунад ва 4500 байтро ташкил медиҳад. Мазмун ва мундаричаи идеявии «Муҳити аъзам» тасаввуфист. Бедил ба тариқи тамсил аз ҳаёту фаъолияти мачзубони машҳур ҳикоятҳо оварда, вобаста ба он баъзе масъалаҳои тасаввуфиро ҳал менамояд.

**«Тури маърифат».** Ин асар аз маснавиҳои дар боло зикршуда тамоман фарқ дорад. Аввалан, шоир онро ба дӯсти наздикаш – Шукруллохон мебахшад ва маснавӣ аз 1500 байт иборат аст. Дар асар шоир бештар зебоиҳои табиати кӯҳи Байроти Ҳиндустонро ситоиш намуда, онро бо кӯҳи Тури Арабистон,ки дар он чо Мусо пайғамбар гӯё нури иллоҳиро мебинад, муқобил гузоштааст. Агар номи Кӯҳи Мӯсо «Тури Тачаллии нури илоҳӣ» бошад, шоир кӯҳистони Байротро «Тури таҷаллии маърифат ном ниҳодааст. Ҳатто кӯҳи Байротро аз бисёр ҷиҳатҳо аз кӯҳи Тур болотар мегузорад. Дар асар ташбеҳоти рангин, тасвирҳои шоирона хеле зебою дилкаш ба қалам дода шудаанд, ки ҳамаи ин дили хонандаро ба шӯр меоварад. Асар соли 1687, ки он вақт Бедил 43-сола буд, навишта шудааст.

**«Ишорот ва ҳикоёт».** Нависанда ин асарро дар як муддати тӯлонии ҳаёташ эҷод кардааст. Асар мавзӯъҳои гуногунро дар бар гирифта, андешаҳои ахлоқӣ ва фалсафии адиб дар шакли маснавиҳои хурд-хурд, ки вазнҳои гуногун доранд, гирд омадаанд. Баъзе ҳикоёти шоир аз зиндагии инсонҳо буда, характери таълимию тарбиявӣ доранд. Вале қисмати зиёди онҳо барои равшан гардидани моҳияти тасаввуф хизмат кардаанд. Асар аз 1300 байт иборат аст.

**«Ирфон».** Чи аз ҷиҳати ҳаҷм ва чи аз ҷиҳати дарбаргирии масъалаҳо «Ирфон» калонтарин ва муҳимтарин асари Бедил аст. Шоир асарро соли

1712 навишта ба анҷом мерасонад ва он дорои 11 ҳазор байт аст. «Ирфон» аз 10 боби мустақил иборат буда, ҳар як боб то андозае ба ҳам алоқаманд аст. Мавзӯи бобҳо мухталиф буда, дар онҳо фикрҳои сиёсиву иҷтимоӣ, фалсафӣ, ахлоқӣ ва тарбиявии муаллиф инъикос ёфтаанд. Шоир дар ҳар як боб ҳикояте меорад, ки он ба мавзӯи асосӣ алоқаманд буда, афкори файласуфро тақвият медиҳад. Дар ситоиши нон, касби деҳқонӣ шоир батафсил истода, бузургии деҳқонро аз тамоми гурӯҳҳои ҷамъиятӣ қайд мекунад:

Дастгоҳи гурури султонӣ
Сар зад охир зи аҷзи деҳқонӣ.

**Достони «Комде ва Мадан»** низ яке аз ҳикоятҳоест, ки шоир барои ифодаи ақидаҳои иҷтимоии худ онро овардааст ва ин асар дар поёнтар таҳлил карда мешавад.

Бедил дар «Ирфон» ақидаҳои материалистии худро дар бораи пайдоиши олами набототу ҳайвонот ва инсон ба қалам додааст. Шоир таъкид менамояд, ки олами мавҷуда аз обу оташ, боду хок таркиб ёфтааст, ки инсон ин олами ҳастиро ободу зебо ва агар хоҳад, вайрон мекунад. Инсон ҳам як ҷузъи табиат буда, аз ҳамаи мавҷудоти он болотар меистад.

Ғайр аз ин, Бедил дар жанрҳои хурди лирикӣ – қасида, ғазал, рубоӣ, қитъа ва ғайра табъ озмуда будааст, ки онҳо ҳам ба мавзӯъҳои мухталифи зиндагӣ тааллуқ доранд. Худи Бедил ба ин тарафи масъала ишорат намуда, дар як рубоияш чунин мегӯяд:

Дар пардаи сози мо наво бисёр аст,
Айбу ҳунару рангу сафо бисёр аст.
Хоҳӣ кафк гиру хоҳ гавҳар бардор,
Мо дарёему мавҷи мо бисёр аст.

**Асарҳои насрӣ**

**«Дебоча».** Ин муқаддимаест, ки Бедил ба девони ашъораш офаридааст. Дар он шоир дар бораи ягонагии шаклу мазмун, каломи бадеӣ, усулҳои ифодаи фикр, душвории пешаи шоирӣ сухан меронад. Ин муқаддима аҳамияти калони илмӣ дорад. Ба ин восита ақидаи шоир доир ба баъзе масъалаҳои адабӣ то андозае равшан мегардад.

**«Нукот».** Ин асар чандон калон набуда, онро дар тамоми давраи ҳаёташ навиштааст. Адиб дар ҳар маврид доир ба масъалаҳои гуногуни зиндагӣ сухан гуфтааст. Ин суханон андешаҳои фалсафӣ ва ахлоқии Бедилро ташкил медиҳанд. Нависанда дар «Нукот» баъзан барои тасдиқи фикр порчаҳои шеъриро низ истифода бурдааст.

**«Руқаот».** Ин маҷмӯи мактубҳои Бедил аст, ки дар давраҳои гуногуни ҳаёташ ба дӯстон ва шогирдони худ навиштааст. Аҳамияти ин асар, пеш аз ҳама, дар он аст, ки мо дар бораи зиндагии адиб маълумоти пурарзиш гирифта метавонем. Баъзе мактубҳои Бедил ба шогирдонаш характери таълимию тарбиявӣ дошта, одамонро ба накӯкорӣ, меҳнатдӯстӣ, дӯстию рафоқат ҳидоят мекунанд. Аз тарафи дигар, ба ин восита дар ҳолатҳои гуногун чӣ

гуна муносибат доштан ё муносибат намудани устоду шогирд равшан ифода ёфтааст. Бисёр ақидаҳои Бедил доир ба ин масъала ҳанӯз кимату арзиши худро гум накардаанд.

**«Чор унсур».** Асари калонтарини насрии Бедил буда, нависанда онро дар давоми 21 сол иншо кардааст. Ин асар, чунон ки аз номаш маълум аст, фалсафист. Ӯ дар бораи рӯҳи мутлақ, наботӣ, ҳайвонӣ ва инсонӣ ва муносибати онҳо батафсил сухан меронад. Баъзе андешаҳои Бедил маҳз дар ҳамин асар инъикос ёфтаанд. Аз ин рӯ, асар барои равшан намудан ва омӯхтани ақидаҳои фалсафии адиб сарчашмаи гаронбаҳоест.

Аҳамияти дигари «Чор унсур» боз дар он аст, ки асар характери ёддоштӣ дорад. Бедил дар он дар бораи сафарҳояш, ходисаю воқеаҳои таърихӣ, солҳои мактабхонӣ, хонадоршавӣ, сӯҳбату вохӯриҳо бо ашхоси гуногун ва амсоли ин маълумот медиҳад. Ин маълумот барои омӯзиши ҳаёту эҷодиётн адиб ва замони нависанда аҳамияти калон доранд.

Зикр кардан лозим аст, ки асарҳои насрии Бедил, нисбат ба назмаш мураккабтаранд. Нависанда аз калимаю ибораҳои арабӣ бештар истифода бурдааст. Ташбеҳоту истиороти мураккаб насри адибро душвортар гардонидаанд.

**Андешаҳои фалсафии Бедил дар бораи табиат ва ҷамъият**

Бедил на танҳо шоир ва нависандаи забардаст аст, балки файласуфи бузургест. Ӯ ҳам дар асарҳои назмӣ ва ҳам насриаш дар бораи олами ҳастӣ, ҷамъият ва мавқеи инсон дар ҷамъият фикру мулоҳизаҳои аҷибе рондааст. Мутафаккир олами ҳастиро аз се чиз: олами наботот, ҳайвонот ва инсонӣ иборат медонад. Бедил олами набототро аввал, олами ҳайвонотро сонӣ ва олами инсониятро дар дараҷаи охир карор дода, қайд мекунад, ки сабаби бақою зиндагии ҳайвонот ва инсон олами наботот, яъне олами ҳастӣ аст. Зеро аз ин олам ғизо мегиранд ва инкишоф меёбанд:

Аз набот он чӣ ҷилвасомон шуд,
Ризқи ҳайвону қути инсон шуд.
Гарчи қути сибоъ[1] ҳайвон аст,
Боз он ҷо набот пинҳон аст.
Ин ҳама эътибори чуну чаро,
Аз бақо ҷӯшаду бақо зи ғизо.

Вале Бедил аз ҳама мавҷудоти олами ҳастӣ инсонро бузургтар ва муқаддамтар мешуморад. Инсон ба ҳар кор қодир аст. Вале инсон ҳам узви табиат буда, пайдо мешавад, инкишоф меёбад ва меравад. Аммо боз намегардад, инсони дигар меояд. Яъне ин қонуни инкишофи табиат аст:

Бедил, ба саводи бекарони ин дашт,
Ҳар кас ҳар сӯ рафт, дигар боз нагашт.
Чун мову ту рафтаҳову бозоянда,
Бисёр гузаштаанду хоҳанд гузашт.

[1] *Сибоъ* – ҳайвони ваҳшӣ, даранда.

Бедил таъкид менамояд, ки табиату ҷамъият ҳамеша дар инкишоф ва тағйирёбианд:

Умрест шикасти бому дар мебинам.
Бунёди вафо зеру забар мебинам.
Ҳар субҳ, ки сар зи хоб бармедорам,
Ошӯби қиёмати дигар мебинам.

Ғайр аз ин, Бедил ҷамъиятро ба ду гурӯҳ, ба ду синфи ба ҳам зид тақсим мекунад. Ба гурӯҳи аввал шоҳон, яъне аҳли сарват ва ба гурӯҳи дуюм камбағалон, яъне гурӯҳҳои меҳнатиро дохил намудааст. Мутафаккир доир ба ин масъала дуруст қайд мекунад, ки шоҳон давлату сарват доранд ва ҳаёти худро бо айшу нӯш мегузаронанд, вале бечорагон меҳнат мекунанд ва дар хорию забунӣ ҳастанд. Гӯё ин қонуни объективонаи ҷамъият аст ва ҳамин тавр дар оянда давом хоҳад кард:

Аъён, ки зуҳур мепарастанд ҳама,
То ҳаст нафас, чом ба дастанд хама.
Шоҳон ба шавкату гадоён ба аҷз,
Ҳастанд хама, чунон ки ҳастанд ҳама,

Вале аз ҳама муҳимаш он аст, ки Бедил аз ҳамаи гурӯҳҳо инсони меҳнаткаш, он касеро, ки неъматҳои моддӣ меофарад ва асоси мавҷудияти ҷамъият аст, дар пояи олӣ мегузорад. Гуманизми Бедил ҳам дар ҳамин аст. Шоир барзгар, яъне деҳқонро ба офтобе, ки ба ҳама нуру зиё мебахшад ва сабаби мавҷудияти зиндагист, ташбеҳ намудааст:

Яъне ин ҷо гурӯҳи барзгаранд,
Ки саропо ниҳоли симу заранд.
Офтобанду нурпоши ҳама,
Гармии шӯълаи маоши ҳама.
Бо ҳама очизӣ ба ранги нафас,
Риштаи сози кудрати ҳама кас.

Бедил бо як ҳиссиёти баланд нишон медиҳад, ки ҳамаи давлату сарвати шоҳон, ҳокимон аз деҳқонон аст. Барои мисол шоҳони зулмпешаи таърихӣ Фиръавну Намрудро меорад:

Дастгоҳи ғурури султонӣ,
Сар зад охир зи аҷзи деҳқонӣ.
Ҷӯши Фиръавну шӯхии Намруд.
Ҳар тараф боли иқтидор кушуд.

Аммо шоир бо таассуф хотиррасон мекунад, ки кишоварз, барзгар, деҳқон араки ҷабин мерезад, дастонаш пуробила мегарданд, шабу рӯз меҳнат мекунад ва бо душворӣ неъматҳои моддӣ меофарад, вале ҳамеша шикамаш гурусна, танаш урён ва зиндагиаш қашшоқона аст. Баръакс золимон, шоҳону ҳокимон айшу нӯш мекунанд, аз ҳисоби дигарон зиндагии пурдабдаба доранд. Вале боз ба халқ ҷабру ситам раво мекунанд:

Бахру кон ҷумла толиби нон шуд,
Неку бад меҳмони деҳқон шуд.
Лек аз он ҷо, ки ин куҳандеҳқон,
Ба ҳазор офат аст тухмфишон.
Хӯшачинони кишти бекорӣ,
Мекашиданд заҳмати хорӣ.
Ҷамъ гарданд жожхое чанд,
Мухталифхосиятҳавое чанд.
Тамаи шум барксомон шуд,
Малахи киштзори деҳқон шуд.
Он чӣ яксола саъйи деҳқон буд,
Музди як дам талоши эшон буд.
Ғайр соғар ба мавҷ мегирад,
Соҳиби чашма ташна мемирад,
Ҳама зулм аст, адлу эҳсон ку?
Худпараст аст нафс, имон ку?
Бар заифон шикаст паймоянд,
То кулоҳи ғурур ороянд.
Оҷизонро диханд ғӯта ба хун,
То шавад хилъати ҳавас гулгун.
Киссаи ҳеҷ кас нидид пурӣ,
То накард ихтиёри кисабурӣ.

Шоири гуманист дар таҷрибаи зиндагӣ ин гуна ҳодисаҳоро бисёр мушоҳида карда, нафрату адоваташ ба шоҳони золими замонаш боз ҳам зиёдтар мегардад. Онҳоро дар ҷамъият нодаркор меҳисобад. Шоҳонро аз ин рӯ, ба панҷаи зиёдатии даст (панҷаи шашум, ки гоҳ-гоҳ дар баъзе одамон пайдо мешавад) монанд кардааст:

Шоҳон, ки зи худсарӣ ҷаҳонтасхиранд,
Дар дахли умури ҳақ халалтадбиранд.
Ин бекорони ғарраи ҷоҳу ҳашам.
Ангушти зиёди панҷаи тақдиранд.

Бедил дар ҳақиқат ба хулосаи дуруст омада, ба одамон таъкид менамояд, ки аз шоҳону ҳокимон чизеро умедвор шудан хаёли хом аст. Ин ба монанди он аст, ки сақфи осмон ба сари одамон соя шуда наметавонад. Яъне осмон ниҳоят баланд аст ва аз замин дур:

Аз дунёдор умедро поя маҳох,
Ҷуз карру фари либосу пироя маҳох.
З-ин қавм таваққӯи ҳимоят пуч аст,
Аз сақфи баланди осмон соя маҳох.

Бинобар ин, шоир ба хулоса меояд, ки дар назди сангдилон сари таъзим хам кардан, хушомад задан ва худро ҳақиру бечора намудан нашояд. Баръакс бо сангдилон сахтӣ, сангдилӣ бояд кард. Ин фикри шоир мақоли халқӣ «Бо бадон бад бошу бо некон накӯ»-ро ба хотир меорад:

Золим пӯшад либоси хунбофтаро,
То зер кунад хасми забунёфтаро.
Бо сангдилон шиори худ сахтӣ кун,
Бардор ба охан охани тафтаро.

Бедил ба қувваю нерӯи халқ боварии калон дорад. Аз ин ҷост, ки ба халқ хитоб карда, «бо сангдилон сахтӣ кун» мегӯяд. Ӯ мӯрчаро ба хотир меорад ва таъкид менамояд, ки мӯрча бо ҳама хурдияш бузургу тавоно аст ва шерро аз по меафканад. Ба шарте, ки ҳиммат кунанд, иттифоқ бошанд, на танҳо шерро мағлуб мекунанд, балки осмонро ба замин меоранд:

Ҳиммат он ҷо, ки бастааст камар,
Мӯр бар шер бурдааст зафар.
Кӯшиши мард агар қадам соя,
Осмон бо замин ба ҳам соя.

Ё ки:

Ҳиммат ҳар ҷо пеш кунад кореро,
Душворӣ нест ҳеч душвореро.
Якчанд фалоҳате[1] ба кӯшиши беҳад.
Холӣ созад зи санг кӯҳсореро.

Чунон ки аз дарсҳои гузашта медонед, Сайидо ҳам дар образи мӯрча табақаи поёни ҷамъиятиро тасвир карда, иқтидору тавоноии халқро нишон дода буд. Аввалан, Сайидо ва Бедил ҳамзамонанд ва аксарияти асарҳояшонро дар як давра иншо кардаанд. Вале, бояд гуфт, ки мардони бузург таҷрибаи калони ҳаётӣ дошта, дигар осори бузургони гузаштаро амиқтар омӯхта, пас ба ин хулоса омаданд. Ба ин восита онҳо доир ба ин масъала фикри якдигарро тақвият медиҳанд.

**Тавофи ҳазрати инсон кунед**

Бедил қариб дар ҳамаи асарҳояш инсонро ситоиш карда, аз ҳамаи мавҷудот болотар ва олитар мегузорад. Маълум аст, ки инсон аз инсон фарқ дорад. Инсон ба одамони меҳнаткаш, барзгар, коргар, гурӯҳҳои меҳнатӣ ва инсони муфтхӯр, бекорхӯҷа тақсим мешавад. Бедил ҳам мардумони меҳнатиро мадҳу ситоиш намудааст. Шоир барои ҳар як фарди ҷамъият кор кардан, меҳнат намуданро ҳам қарз медонад, ҳам фарз. Аз одами бекор ҳама безор, «кор кунӣ, нон мехӯрӣ, – чунин ақида дорад Бедил:

Аввалу охир он чӣ шуд маълум,
Кору бор аст, мобақӣ - маъдум[2]

Ситоиши инсони поку некӯсиришт чи дар асарҳои насрӣ ва чи назмии Бедил ба назар мерасад. Махсусан инсоне сутуда шудааст, ки ба нафъи ҷамъият кор мекунад ва бори зиндагии инсонҳоро ба дӯш дорад. Бедил касидаи махсусе дорад, ки дар он инсони меҳнаткаш, инсони оддӣ бо тамоми бузургию қудрат, хислату фазилатҳояш тавсиф карда мешавад. Инсон аз ҳар чиз муқаддастар, поктар ба қалам дода шуда, ӯро ба гавҳари ноёб, шамъу Офтоб монанд кардааст:

---

[1] *Фалоҳат* – барзгар, деҳқон.
[2] *Мобақӣ - маъдум* – чизи дигар ғайри кор вуҷуд надорад.

Эй шамъи базми қудс[1] надонам чӣ мазҳарӣ[2]
К-аз ваҳм[3] гоҳ равшану гоҳе мукаддарӣ...[4]
Гоҳ аз самуми[5] қаҳр чу гулхан пуроташӣ!
Гоҳ аз насими лутф чу гулшан муаттарӣ!...
Дар чор рукни[6] даҳр туӣ ҳайрати зуҳур,
Дар ҳафт баҳри чарх[7] ту ноёб гавҳарӣ!
Ғофил зи худ мабош, ки чун шамъи Офтоб
Иқболи ҳафт маҳфилу[8] нӯҳ қасри ахзарӣ[9]...
Аз ҳар шайе[10], ки ақли ту фаҳмид, афзалӣ,
Аз ҳар макон, ки фаҳми ту пай бурд, бартарӣ!
Ҳар ҷо нигоҳ меравад, он ҷо ту рафтаӣ,
Ҳар сӯ хаёл меравад, он ҷо ту мепарӣ!
Маҳкуми нафси ин ҳама дунҳимматӣ чаро?
К-андар бисоти қудс туӣ садру сарварӣ!
Олам ҳама мусаххари амри замири[11] туст,
Эй бехабар, ту аз чӣ ҳаворо мусаххарӣ?!...

Дар қитъаи дигар Бедил, таъкид менамояд, ки шоҳ бошад ё вазир, ҳоким бошад ё дабир, коргар бошад ё барзгар, доро бошад ё камбизоат фарқ надоранд. Пеш аз ҳама онҳо бояд инсони пок, нексиришт, додхоҳу додгустар бошанд. Мартабаи чунин инсон баланд аст. Ва шумо бояд дар пеши бузургии инсони комил сари таъзим фуруд оред. Яъне ӯро чунон ки хонаи Каъбаро зиёрат мекунед, тавоф кунед:

Аз тавофи хона гар мақсуд соҳибхона нест,
Сар ба деворе занеду Каъбаҳо вайрон кунед!
Муддао ин аст, к-эй бедонишони ҷаҳлкеш,
Дида бикшоеду тавфи ҳазрати инсон кунед.

Ба ақидаи шоир, шахсе, ки меҳнат мекунад, соҳибэҳтиром аст ва нони ҳалол меҳӯрад. Албатта, ба мақсад расидан меҳнати зиёд, бедорхобӣ ва саъю кӯшиши зиёдеро талаб мекунад. Барои ҳамин Бедил дар бораи аҳамияти кори босубот чунин мегӯяд:

То мард ба ранги лаъл дилхун нашавад,
Дар мулки вафо қиматаш афзун нашавад.
Ҳар сангтабиате нагардад ёқут,
Ҳар қатраи об дурри макнун нашавад.

---

[1] *Қудс* – муқаддас, покӣ.
[2] *Мазҳар* – ҷои намоёншавии чизе.
[3] *Ваҳм* – хаёл.
[4] *Самум* – шамоли гарму тафсон.
[5] *Мукаддар* – тира, ғамгин.
[6] *Рукн* – сутун, поя.
[7] *Чарх* – осмон, ишора ба ҳафт кабати осмон.
[8] *Ҳафт маҳфил* – кинояи аз замин.
[9] *Нӯҳ қасри ахзар* – киноя аз осмон.
[10] *Шайъ* – чиз.
[11] *Замир* – дил.

Нон, ки боиси зиндагӣ ва пешрафти ҷамъият аст, бо меҳнати душвор, бо арақҳои ҷабини марди деҳқон ба даст меояд. Бедил ҳам нон ва марди барзгарро ситоиш менамояд. Оре, онҳо узван ба ҳам алоқаи ҷудонашаванда доранд. Зеро нон гуфтем, деҳқон пеши назар меояд ва деҳқон гӯем, нон ба хотир мерасад:

Оламиро ба олами имкон,
Нест чизе заруртар аз нон.
Шахси ҳастӣ агар дӯкон дорад,
Моя аз дастгоҳи нон дорад.
Хоҳ зар, хоҳ мол, хоҳӣ ганҷ,
Нон гули зиндагист, боқӣ ранҷ.
Ҳар куҷо симу зар ба сомон аст,
Дар ҳақиқат захираи нон аст.
Шоҳ бе нон агар нафас шуморад,
Гӯ, билесад нигину санг хӯрад.
Бо ҳама шавкату каруфари ганҷ,
Нон агар нест, хок бар сари ганҷ!

Аҳамияти гуфтаҳои Бедил имрӯз ҳам афзунтар шудааст. Ҳурмату эҳтиром ба нону марди деҳқон дар шароити имрӯза бештар гардидааст. «Касе, ки кор намекунад, нон намехӯрад», «Нон ҳам нону нонреза ҳам нон». «Нонро эҳтиёт кунед» шиори ҳар як фарди ҷамъияти имрӯза ба шумор меравад. Оре, нон давлату савлат, сари баланд, рӯи сурх, ҳашамату бузургии халқу давлати мост.

**Масъалаи ҷангу сулҳ дар эҷодиёти шоир**

Дар ҳар як давру замон масъалаи ҷангу сулҳ яке аз проблемаҳои муҳимтарин ба шумор меравад. Зеро ҷанг харобию қашшоқӣ меоварад. Садҳо ҳазор фарзандони ватан дар ин роҳ қурбон мешаванд. Барои ҳамин шахсони пешқадами ҷамъият барои қатъи ҷангу хунрезӣ ва пойдории дӯстию якдилии халқҳо кӯшишҳои бисёре кардаанд. Мирзо Бедил ҳам, ки чанд сол навкар шуда, дар чандин задухӯрдҳо иштирок дошт, ин масъаларо ба хубӣ эҳсос кард. Ӯ пеш аз ҳама, мамлакати Ҳиндустонро ба тахтаи шоҳмот монанд карда, таъкид менамояд, ки ҳамеша дар байни феодалон, шоҳзодагон ва дигар саркардагон ҷангу ҷидол аст, мубориза тахту тоҷталабист:

Гардуни ситамсанҷ чӣ хоҳад будан?
Ин коргаҳи ранҷ чӣ хоҳад будан?
Он хона, ки ҷангу ҷадал аст асбобаш,
Ҷуз арсаи шатранҷ чӣ хоҳад будан?

Дар ҳақиқат, ҳамин тавр ҳам буд. Дар замони зиндагии Бедил сарзамини Ҳинд майдони куштор, қатлу ғорат ва хунрезӣ гардид. Барои тоҷу тахт дар байни шоҳзодагон бародаркушӣ авҷ гирифт. Махсусан Аврангзеби Оламгир барои ҷоҳу мансаб на танҳо ба халқи худ, балки ба хешу ақрабояш хиёнатро раво дид. Маҳз дар давраи ҳукмронии ӯ, чунон ки устод Айнӣ мегӯяд: «...хусусан дар охирҳои замони Аврангзеби Оламгир ва баъд аз вай, ки дар натиҷаи ҷангҳои шоҳзодагон ва низоъҳои ҳиндую мусулмонон идораҳои ҳукумат чи дар марказ ва чи дар маҳалҳо заиф шуда рафтанд ва халқи меҳнатӣ аз

ҳимоят кардани ҳукмронони худ даст кашид, дар Ҳиндустон барои мустамликачиёни Европа майдони васеъ кушода шуд».[1]

Бедил мақсади шоҳону мустамликадоронро дуруст дарк карда, хотиррасон мекунад, ки онҳо на барои дину мазҳаб оҳанги ҷанг менамоянд, балки барои молу сарват ва давлату ҳокимият дар зери ин шиор мубориза мебаранд:

Умрест, ки дар арсаи найранги ғараз.
Дорад баду нек сулҳ, ё ҷанги ғараз!
Гар рабти[2] каломи «куфру дин» дарёбӣ,
Сози ҳама кӯк[3] аст ба оҳанги ғараз.

Барои ҳамин Бедил шоҳу ҳокимони Ҳиндро даъват менамояд, ки ғаразу хусумат, якдигарбадбинии байн худӣ (ҳиндую мусулмонҳо)-ро дур партофта, ба халқ такя намоянд. Агар зулму золимӣ ба омма боз бештар шавад, ғазаби онҳо даҳшатнок аст. Ба по мехезанд ва мисли мӯр бошанд ҳам, аждар мешаванд ва золимонро фурӯ хоҳанд бурд:

Алҳазар з-он фитнае, к-аз табъи мардум гул кунад,
Иттифоқи ин ғубор аз барқ ҳам сӯзонтар аст.
Аз ҳуҷуми оҷизон ғофил набояд зистан,
Мӯри мискин ҳар куҷо ҷӯшид бо ҳам, аждар аст.

Бедил, ки ватани хешро дӯст медошт, медид, ки бегонагон ба сарзаминаш омада, бойгарию сарваташро мебаранд, халқи бечораашро ғуломвор кор мефармоянд. Умуман истиқлоли Ҳинд дастбурди бегонагон шуда истодааст. Аз ин ҷост, ки шоири ватандӯст барои ҳифзи хоки кишвару бум, истиқлоли он мардуми ҳинду мусулмонро ба ягонагӣ, ҳамфикрӣ ва иттифоқ даъват менамояд:

Ёрон, ба тифоқ агар қадам мешикананд,
Ҷайши[4] арабу сафи аҷам мешикананд.
Аз қудрати иттифоқ ғофил нашавӣ,
Дандонҳо сангро ба ҳам мешикананд.

Ба ин восита Бедил сулҳу осоиштагиро барои инсон мисли обу ҳаво зарур медонад ва инсонҳоро муқобили ҷангу хунрезӣ ва барои сулҳи пойдор даъват мекунад. Ӯ ба ин боварии комил дорад. Зеро мутафаккир қувва ва ҳиммати инсонро басо хуб дарк намуда будааст. Агар инсон хоҳад, ҳар мушкилоти дар зиндагӣ руҳдодаро бартараф менамояд:

Дар таҷрибагоҳи олами сулҳу набард,
Ҳиммат ҳалли кадом мушкил, ки накард?!
Ҷаҳди инсон бар ин наёмад в-арна,
Гардунро низ бар замин меовард!

Мутафаккири бузург қувваи иттифоқро дуруст дарк намуда, бо ифти-

---

[1] С. Айнӣ. Куллиёт, ҷилди II, «Ирфон», 1964, Душанбе, саҳ. 24.

[2] *Рабт* – пайвастагӣ, маъно.

[3] *Кӯк* – ҳамоҳангӣ, ҷӯр.

[4] *Ҷайш* – лашкар.

хор мегӯяд, ки барои ягонагию истиқлоли ватан ҳар як соҳибмеҳан омодаю тайёр бошад.

Албатта, ақидаҳои Бедил имрӯз бо садои баланд дар тамоми дунё ба гӯш мерасанд ва масъалаи ҷангу сулҳ яке аз проблемаҳои муҳими рӯз аст, ки инсонияти тараққипарвари сайёраи мо барои сулҳи пойдор мубориза мебарад. Он чизе, ки Бедил орзу дошт, имрӯз ҳам орзуи тамоми инсоният аст.

**Фикрҳои панду ахлоқии Бедил**

Бедил мардест рӯзгордида ва талхию сардии ҳаётро бисёр чашида. Барои ҳамин шоир ба ояндагон доир ба масъалаҳои мухталифи зиндагӣ панди судманд медиҳад, то ки дар шоҳроҳи зиндагию рӯзгор онро ба назар бигиранд. Бедил, пеш аз ҳама, таъкид менамояд, ки инсон дар қадом дараҷаи дониш ё мартабае, ки бошад, бояд хоксор ва фурӯтан бошад:

Ҳарчанд ба дониш аз ҷаҳон афзунӣ,
Ё дар пирӣ муаллими гардунӣ
Ҳар гаҳ ба пеши кас барӣ ҳоҷати хеш,
Тифлӣ ба ту зебад, на афлотунӣ.

Худро таърифу тавсиф намудан камоли нодонист. Аз ҳама муҳимаш он аст, ки ҳунар бузургиро ошкор кунад ва аз рӯи он мардум ба хулоса ояд:

То айби ту сар наёрад аз парда бадар,
Зинҳор макун талоши изҳори ҳунар.
Дар ойинаҳо назар куну ибрат гир,
Занг аст табассуме, ки дорад ҷавҳар.

Бедил ба хулосаи дуруст омада, кибру ғурур, худписандиро маҳз ба табақаи болои ҷамъиятӣ хос медонад:

Дунёдорон, ки фикри ҳоме доранд,
В-аз кибру ғурур вазъи доме доранд.
Дилем, ки ин сангдилон ҳамчуи нигин,
Аз чини ҷабини хеш номе доранд.

Мутафаккир ба инсон таъкид намуда мегӯяд, ки ҳаргиз дар назди ҳар қасу нокас сар ҳам макун, хушомад мазан ва ба ҷое, ки даъват нанамудаанд, нарав, яъне бо ками худ қаноат кун ва ба ҷое нишин, ки пас аз нишастан боз нахезонандат:

Бедил, марав он ҷо, ки намехонандат,
Магзар ба бисоте, ки буруи ронандат.
Бо гарди ятимӣ гуҳари тавъам бош,
Биншин ҷое, ки барнахезонандат.

Агар ин корро накарда тамаъкор шавӣ, аҳволат бад мешавад. Зеро тамаъ мисли шамшери борикест, ки ба ҳар тамаъкор зарару зиён мерасонад:

Бедил, дами шамшери талаб борик аст,
З-ин тег на турк эмину не тоҷик аст.

Бедил таъкид менамояд ва афсӯс мехӯрад, ки пояҳои давлатдорӣ аз

дасти ашхоси нолоиқ, дайюс, лаим ва ҳасуд ноуствор гардида, дину диёнат хор шудааст:

Афсӯс, ки сози салтанат шуд фосид,
Гардид матои дину давлат косид,
Назми Ҳиндустон кунун мунқасир[1] аст,
Бар дайюсу бар лаиму ҳезу ҳосид.

Дар ривоҷи чунин корҳои номатлуб, бесарусомонии давлатдорӣ шоирони маддоҳ, ки қадри суханро паст намуда, шахсони нолоиқро ба осмонҳо мебардоранд, сахт гунаҳкоранд:

Эй ки таърифи салотин[2] кардай,
Машқи таълими шаётин кардай!
Чист таълими шаётин? – Ҳубби ҷоҳ[3]
Эй шаётин муршидат[4], рӯят сиёҳ!

Дар китъаи дигараш Бедил хотиррасон мекунад, ки чунин шоирони гадотабъ бо ин кори паст, дурӯғу бӯҳтон дар назди одамони ҷамъият қимату арзиш надоранд, онҳо то абад рӯсиёҳ хоҳанд монд, имрӯз агар бо суханони дурӯғ сарашон ба афлок расад ҳам, фардо боз ба чоҳ меафтанд:

Эй басо маънии равшан, ки зи ҳирси шуаро,
Хоки ҷавлонгаҳи аспу хари аҳли ҷоҳ аст.
В-эй басо нусха, ки дар мактаби ташвиши тамаъ,
Рӯсиёҳи абад аз мадҳи амиру шоҳ аст.
Силамуштоқи гадотабъ зи мазмуни баланд,
Гар ҳама пой бар афлок ниҳад, дар чоҳ аст.

Бедил ба ин гурӯҳ худро муқобил мегузорад ва хурсанд аст, ки мисли онҳо тамаъкор, хушомадгӯ нест, қадри каломи бадеъро ҳаргиз паст назадааст. Он чизе, ки гуфтааст, дар васфи одамони лоиқу арзанда–дӯстонаш гуфтааст. Яъне Бедил мегӯяд, ки он чизе, ки иншо кардааст, «Ғайр аз исори хизмати ёрон нест». Барои ҳамин хешро хушбахту сарбаланд медонад.

**Достони «Комде ва Мадан»**

Достони мазкур дар дохили «Ирфон» омада, зиёда аз 900 байтро дар бар мегирад. Сюжети достон аз эҷодиёти даҳанакии халқи Ҳинд сарчашма мегирад. Дар қарнҳои пешин дар байни халқи ҳинду саргузашт ё ишқу ошиқии ду намояндаи аҳли ҳунар хеле машҳур будааст. Бедил ҳам сюжети афсонаро омӯхта, аз нав кор карда, асоси достони худ қарор дод. Сюжети мухтасари достони «Комде ва Мадан» чунин аст:

«Дар аҳди қадим яке аз подшоҳони Ҳинд раққосаи бисёр ҳунарманде дошт, ки ин раққоса дар ҳусну ҷамол низ ягона буд. Овозаи ҳунари зебо ва ҳусну ҷамоли беназираш ба кишвару мамолики дуру наздик паҳн мегар-

---

[1] *Мунқасир* – парешон, вайрон.
[2] *Салотин* – шакли ҷамъи султон, подшоҳ.
[3] *Ҳубби ҷоҳ* – шӯҳратпарастӣ.
[4] *Муршидат* – пир, шайх, иҷрокунанда, яъне раҳнамои ту.

дад. Мадан, ки худ ҳофизи хушхону соҳибистеъдод буд, барои дидани Комде аз як кишвари дуре ба мамлакати Комде мерасад. Боре ба ӯ муяссар мегардад, ки дар як базми шоҳ иштирок намуда, ҳунари худро намоиш диҳад. Хониши бурроюю овози дилнишини Мадан ба шоҳ чунон маъқул меафтад, ки шаддаи марворидеро, ки дар гардан дошт, ба Мадан инъом мекунад. Дили Комде ҳам ба шӯру ҳаячон омада, ниҳоят ба рақс медарояд ва чунон рақси дилфиребе мекунад, ки тамоми ҳозирин, аз ҷумла Мадан мафтуну шефта мегарданд ва ҳамон шаддаи марворидеро, ки ба ӯ чанд лаҳза пеш шоҳ тӯҳфа карда буд, ба зери пои Комде ҳаво дода, мегӯяд:

К-он чӣ ман дорам аз сарафрозӣ,
Беҳ, ки халхоли пои худ созӣ.

Албатта, шоҳ аз ин беҳурматии Мадан ба хашму ғазаб омада, фармон медиҳад, ки ӯро аз кишвар бадарға намоянд ва ҳар касе, ки ба Мадан кӯмаке расонад, ба қатл расонда мешавад.

Комде аз ин ҳодиса хеле мутаассир мегардад:

Комде ҳар тараф «Мадан» гӯён,
Буд чун ашк аз қафо пӯён.

Ба ивази зару зевар ба Комде муяссар мегардад, ки бо Мадан воҳӯрда, як шаб бо ҳам бошанд. Фардо Маданро одамони шоҳи золим ба биёбони тафсон ва бедолу дарахт мебаранд ва ӯро танҳо гузошта боз мегарданд. Пас аз ҷустуҷӯи зиёд Мадан дарахти муродро пайдо мекунад ва дар зери он муддате хоб мекунад. Дар ҳамин айём подшоҳи мулки Шимол, ки аз он биёбон гузар дошт, аз назди он дарахт гузашта, Маданро дар ҳолати афсурдагию парешонҳолӣ дида, ӯро ба ҳуш меорад ва аз Мадан аҳвол мепурсад. Пас аз шунидани саргузашти ғамангези ин ду дилдода подшоҳи мулки Шимол мутаассир гашта, нисбат ба корҳои ношоистаи подшоҳи золим хашму ғазабаш зиёд мегардад ва дар назди худ вазифа мегузорад, ки бо қадом роҳе, ки бошад, бояд ин ду ҷавонро ба мақсад расонад. Ба ин мақсад ба номи подшоҳи мулки Комде мактуб менависад. Дар мактуб гуфта шудааст, ки ба Комде ва Мадан садди роҳ нашавад ва имкон диҳад, ки онҳо ба мурод расанд. Агар ба ин розӣ нашавад, дар байни онҳо ҷанг барпо хоҳад гардид. Подшоҳи золим розӣ намешавад ва дар байни онҳо ҷанг ба амал меояд. Дар ин ҷанг подшоҳи мулки Шимол ғолиб мебарояд.

Ғалаба дидори ду дилдоро ба ҳам наздик гардонд. Гӯё барои Комде ва Мадан Хуршеди оламоро тулӯъ кард. Ҳар ду шоду масрур буданд.

Подшоҳи мулки Шимол барои фаҳмидани муҳаббату садоқати онҳо мехоҳад Комде ва Маданро имтиҳон кунад. Барои ин мувофиқи супориши шоҳ шахси қаллоберо ба назди Комде мефиристанд. Ӯ ба Комде мегӯяд, ки Мадан дар ҷанг шаҳид гардид. Комде ба ин бовар карда беҳуш мегардад. Шахси қаллоб ба назди подшоҳи одил, ки Мадан ҳам дар ҳузури ӯ буд, омада, ин хабари ноҳушро ба шоҳ арз мекунад ва дар охир мегӯяд, ки Комде ҳалок шуд. Ин суханонро Мадан шунида беҳуш мегардад. Подшоҳ ва ҳамаи

аркони давлат аз ин ду ҳодисаи нохуш ғамгин ва пушаймон мегарданд.

Подшоҳ фармон медиҳад, ки ҳар ду дилдодаро биёранд ва табибони ҳозиқ, ҳакимони донишмандро даъват намоянд, то ки онҳоро аз марг наҷот диҳанд. Мувофиқи супориши ҳакимон ҷасадҳои Комде ва Маданро ба ҳам наздик намуда, ба гармоба мебаранд. Пас аз муддате, ки ҳарорати гармӣ ба ҷисм таъсир кард, дили Комде ва Мадан ба задан медарояд ва осори ҳаёт дар онҳо пайдо мешавад. Ду дилдода чун чашм мекушоянд, якдигарро дар оғӯши ҳам дида, ба муроди дил мерасанд».

Шоир дар ин достон зиндагӣ, ишқу муҳаббат, ғаму дарди табақаҳои поёни ҷамъиятро ба тарзи ҳаққонӣ нишон додааст. Қаҳрамонҳои асосии асар – Комде ва Мадан аз молу сарват бенасибанд. Онҳо дили пок, иродаи қавӣ, ҳунари зебо доранд. Бедил ба ин восита нишон додааст, ки ҳунар ва аҳли ҳунар дар рӯзгори шоир қадру қимате надоранд ва ҳуқуқи ишқ варзидан ҳам надоранд. Меҳнат мекунанд ва дигарон, аз ҷумла шоҳу ҳокимон аз ҳунари зебои онҳо лаззат мебаранд. Вале худ дар дарду ғам, ботинан ашки ҳасрат мерезанд. Шоир ба ин восита тазодҳои зиндагии табақаҳои ҷамъиятро ба хубӣ инъикос намудааст.

Ба ҳамин тариқ, достони «Комде ва Мадан» ба масъалаҳои муҳими рӯзгори адиб бахшида шуда, дар симои Комде ва Мадан озодии шахс, адолатпарварӣ, некию некӯкорӣ, ишқи поки инсонро нишон додааст. Адиб дар достон роли санъату мусиқиро дар пешрафту такомули инсон хеле мӯҷаз тасвир намудааст. Фарқи нахустини достони «Комде ва Мадан» аз достонҳои «Лайлӣ ва Маҷнун» ва «Хусраву Ширин» он аст, ки қаҳрамонҳои асосӣ Комде ва Мадан ба мурод мерасанд, вале ишқи қаҳрамонҳои достонҳои зикршуда фоҷиавӣ буда, ба мақсад намерасанд.

Дуюм, қаҳрамонҳои асосии достони «Комде ва Мадан» намояндагони аҳли ҳунар, яъне аз табақаи поёни ҷамъиятанд, аммо қаҳрамонҳои достонҳои «Лайлӣ ва Маҷнун», «Хусрав ва Ширин» аз табақаи боло мебошанд.

Бедил ба воситаи як қатор персонажҳои достони худ одамони рӯзгорашро ба сидқу сафо, далерию қадршиносӣ ва дигар хислатҳои ҳамидаи инсонӣ ҳидоят мекунад. Идеяи шоҳи одил яке аз муваффақиятҳои Бедил ба ҳисоб меравад. Шоҳи одил барои ба мақсад расидани ду дилдода–Комде ва Мадан саъю кӯшиши зиёд карда, онҳоро ба мурод расондааст. Дар баробари ин шоир шоҳи золим ва наздикони вайро сахт мазаммат намудааст.

**Таҳлили образҳои асосии достон**

Абулқодири Бедил бисёр фикрҳои пешқадами худро дар симои қаҳрамонҳои достон Комде ва Мадан ифода намудааст. Дар симои Комде сифатҳои беҳтарини зани санъаткорро ҷамъбаст намудааст. Комде духтари соҳибҷамол ва соҳибҳунар аст. Ишқи ӯ ба Мадан поку самимист ва барои ба мақсад расидан саъю кӯшиш ва иродаи устувор дорад. Вай барои дидани Мадан азобу ранҷи зиёд мекашад, аммо аз роҳ пас намегардад. Пулу моламро дода пинҳонӣ аз шоҳ бо Мадан мулоқот менамояд. Комде ба ҳамаи золимон, ба он касоне, ки садди роҳи ишқи поки онҳо шудаанд, дар дил нафрату адовати

зиёде дорад. Ӯ ин кирдори ғайриинсонӣ, ноодилонаи шоҳи золимро сахт маломат намуда, хитобан ба шоҳ мегӯяд:

К-эй чаҳон масти даври ҷоми шумо!
Бод чандин замон ба коми шумо!
Аз мукофот агар хазар доред,
З-ин ситамкушта даст бардоред!

Комде бидуни ба Мадан ишқи пок доштан боз маънавиёти бой ва одаму одамгарӣ дорад. Ӯ дар масъалаи азобу машаққат кашидани Мадан хешро гунаҳгор ҳисоб мекунад. Аз ин рӯ санги маломат ба сари хеш зада чунин мегӯяд:

Ғурбат оташинишини аҳволат!
Бекасӣ доғи сурати ҳолат!
Кардӣ аз баҳри ман видои ватан,
Хок бар фарқи ошноии ман!
Боядам тарфи доманат гирам,
Дар ҳавои ту парфишон мирам!

Шоир дар образи Комде занони санъатвари нокомро, ки ҷамъият онҳоро дар ниҳояти хорию забунӣ ва беҳуқуқӣ гузошта буд, ҷамъбаст намудааст.

Мадан ҳам аз ҷумлаи санъаткори моҳирест. Ӯ хеле хуб навохта, сурудҳои дилошӯб мехонад. Махз бо меҳнати ҳалол ва бо санъати олии худ тавонист дилҳоро тасхир кунад. Мадан тавассути ҳунари худ ба дарбор роҳ ёфта, бо Комде шинос мешавад ва якумр бо ишқи Комде пайванд мегардад. Ӯ дар ишқ устувор аст. Ҳатто тӯҳфаи пуркиматтарини шоҳро ба пеши пои Комде мепартояд. Мадан аз шоҳ тарсу ҳарос надошт. Барои Мадан шаддаи марворид арзише надорад. Ӯ молпарасту чизпараст нест. Аз ҳама чиз муҳимтару олитар ишқи Комдест. Ба ёди Комде менолад:

К – «Эй ҳавои ту барқи офати ман!
Шӯри ман, доғи сад қиёмати ман!
Гар харобам ва гар ба ҳоли худам,
Ватановораи хаёли худам.
Он хаёлам тӯӣ, ки дар ҳама ҳол,
То ба маргам фитода дар дунбол.
Бе рухат сар ба сангу по дар неш,
Сайри рӯзи сиёҳ дорам пеш.
Бе чароғам, зи дарду доғ мапурс!
Мебарам доғат, аз чароғ, мапурс»!

Мадан дар роҳи ба мақсад расидан устувор буда, саъю кӯшиш менамояд. Аз ин ҷост, ки ба таъқиби шоҳи золим нигоҳ накарда аз пайи ҷустуҷӯи дарахти мурод меравад. Ниҳоят пас аз азобу машаққати зиёд дарахтро пайдо мекунад. Ба ҳамин тариқ, қаҳрамон ба хулосаи дуруст меояд ва мегӯяд, ки дар ҳар як кор саъю кӯшиш ва ҳиммати баланд, силку вафо лозим аст. Агар инсон ба чунин корҳо қодир бошад ва чунин сифатҳоро дошта бошад, ба мурод мерасад:

Ҳиммат он ҷо, ки бастааст камар,
Мӯр бар шер бурдааст зафар!

Ароки саъйи мард дар хама хол,
Нест беобёрии икбол.
Кўшиши мард агар кадам соял,
Осмон бо замин ба хам соял.

Бешубҳа, Мадан бо чунин хислатҳо ороста буд ва бинобар ин ба мурод у мақсад расид.

Ғайр аз ин, Бедил дар достони «Комде ва Мадан» ду шоҳро тасвир намудааст, ки онҳо аз рӯи кирдору рафтор зидди якдигар гузошта шудаанд. Яке золиму хунхор. Барои молу мулк, савлату шавкати худ мубориза мебарад. Дигаре бошад, шоҳи одил, раиятпарвар, хайрандеш ба қалам дода шудааст. Яке муқобили ишқи поки ин ду дилдода буда, дигаре саъю кӯшиш намуд, то ки ин ду ҷавонро ба мурод расонад. Аммо ин кор ба осонӣ ба шоҳи одил муяссар нагашт. Ӯ бо шоҳи золим ҷанг намуд ва бо мубориза ва хунрезӣ ӯро мағлуб кард. Пас аз ин Комде ва Мадан ба орзу расиданд. Бедил ба ин восита таъкид кардан мехоҳад, ки бадхоҳон харгиз ба мурод намерасанд. Некӣ ба бадӣ, адолат аз болои беадолатӣ ғолиб мебарояд. Аз ин чост, ки Бедил аз ғалабаи шоҳи одил хеле хурсанд гашта, чунин мегӯяд:

Хоки он бевафо ба хун тар шуд.
Подшоҳи Мадан музаффар шуд.

**Санъатҳои бадеӣ дар эҷодиёти Бедил**

Санъати сухан дар эҷодиёти пурбаракати Бедил бо тамоми нозукиҳояш ифода ёфтааст. Дар забон ва тарзи ифода, истифодаи санъатҳои бадеӣ дар мероси адабии Бедил ду услубро ба хубӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Аввалан, услуби сода ва барои ҳар як хонанда фаҳмою дастрас, сониян, услуби мураккаб, душворфаҳм. Баъзан ғазалу рубоиҳои шоирро хонда, гумон мекунед, ки ин ғазал ё рубоӣ чунон содаю фаҳмост, ки гӯё моли халқ бошад. Барои исботи фикр рубоии зерро мулоҳиза кунед:

Имрӯз насими ёри ман меояд,
Бӯи гули интизори ман меояд.
Вақт аст, ки з-он ҷилва ба ранге бирасам,
Ойинааму баҳори ман меояд.

Баъзе рубоиёти Бедил дар байни халқ чунон машҳур гардидаанд, ки вариант пайдо намудаанд. Чунончи, Бедил мегӯяд:

Ид омаду гул кард баҳори хама кас,
Олам чамане гӯш зад аз ишқу ҳавас.
Бо ҳар ранге, ки ман назар во кардам,
Дидам, ки ба гирди сари ту мегардаду бас.

Дар байни халқ бошад, рубоии боло бо тарзи зайл шӯҳрат дорад:

Ид омаду тоза шуд баҳори хама кас,
Ҳар сӯ чамане шукуфта аз ранги ҳавас.
Бо ҳар ранге, ки ман назар во кардам,
Дидам, гирди сари ту мегардаду бас.

Дар намунаҳои боло хеле шоирона ва бо санъати баланд муҳаббати поки қаҳрамони лирикӣ, иди Наврӯз, оғози сол, тароваті зебоиҳои он бо камоли ҳунармандӣ тасвир ёфтаанд.

Бедил дар рубоии аввал ёрашро ба баҳори нозанине монанд кардааст. Дар рубоии сонӣ қаҳрамони лирикӣ аз омадани иди Наврӯз, баҳори нозанин, шукӯҳи табиат басо шоду масрур аст, зеро дар ҳар як ҷилоаю дурахши он маҳбубаашро мебинад, зебоии онро эҳсос менамояд.

Дар девони ғазалиёти Бедил ғазалҳои содаю равон кам нестанд. Ҳофизон ғазалҳои шоирро ба оҳанг даровардa, хеле марғуб месароянд. Махсусан ғазали «Эй ҳузури мақдамат дар зиндагӣ бурҳони ман» хеле самимӣ ва дилкаш ба гӯш мерасад:

Эй ҳузури мақдамат, дар зиндагӣ бурҳони ман!
Мурда будам, зиндаам кардӣ, биё, эй ҷони ман!
Пеш меомад ба ҳар ҷо дар раҳат барги гуле,
Бурда буд оинае аз дидан ҳайрони ман.
Баҳри побӯси ту ҳар ҷо сабзае сар мекашид,
Дошт бо худ нусхае аз касрати мижгони ман.
Интизорӣ доштам дар гӯшаи вайронае,
Юсуфистон кард фазлат кулбаи эҳзони ман.
Бедил, аз созӣ дилу дасти тиҳӣ шармандаам,
Ҷуз дуо дигар чӣ ояд аз ману сомони ман.

Бедил дар ғазали «Асрори дигар дорад баҳор» табиати нотакрори баҳори Ҳиндустонро бисёр зебою дилкаш ба қалам додааст:

Чашм во кун, рангу асрори дигар дорад баҳор,
Он чӣ дар ваҳмат нағунҷад, ҷилвагар дорад баҳор.
Соате чун бӯи гул аз қайди пироҳан баро,
Аз ту чашми ошноӣ он қадар дорад баҳор!
Каҳкашон[1] ҳам поймоли мавҷи тӯфон гаштааст,
Сабзаро аз хоби ғафлат ҷанд бардорад баҳор.
Чашм то во кардаӣ, ранг аз назарҳо рафтааст,
Аз насими субҳ домаи бар камар дорад баҳор.
Аз хазон ойна дорад субҳ, то гул мекунад,
Ҷуз шикастан нест ранги мо, агар дорад баҳор.
Абр меояд, к-аз асбоби нишоти[2] анҷуман,
Ҳар чӣ дорад, дар фишори чашми тар дорад баҳор.
Аз гулу сунбул ба назму насри Саъдӣ қонеам,
Ин маонӣ дар «Гулистон» бештар дорад баҳор.
Мӯ ба мӯям ҳасрати захмат табассум мекунад,
Ҳар кӣ гардад бисмилат, бар ман назар дорад баҳор.
З-ин чаман, Бедил, на сарве ҷасту на шамшод раст,
Аз хаёли қоматаш дуде ба сар дорад баҳор.

---

[1] *Каҳкашон* – ситораҳои зиёди ба зӯр дидашаванда, ки шабона дар осмон чун роҳи сафеде ба назар намоён мешавад. Аз ин рӯ ин роҳро Роҳи Каҳкашон низ меноманд.

[2] *Нишот* – шодмонӣ, тараб, сурур, хурсандӣ, хуррамӣ.

Бедил дар ғазали боло аз санъатҳои бадеӣ – ташбеҳ, истиора, тавсиф ва махсусан санъати талмеҳ ба хубӣ истифода бурда, ғазалро хушобуранг намудааст. Ёдовар шудани адиб аз Саъдӣ намунаи барҷастаи санъати талмеҳ дар адабиёти классикист. Аз тарафи дигар, равшан мегардад, ки Бедил ба Саъдию эҷодиёти пурбаракати ӯ муҳаббату самимияти бепоён доштааст.

Дар байти зер ҳолати рӯҳӣ, дунёи ботинии қаҳрамони лирикӣ хеле табиӣ ба қалам дода шудааст. Шоир барои равшан намудани ҳиссиёти ботинии ошиқ санъати тазодро мавриди истифода қарор додааст.

Ба ту нақши сӯҳбати мо чӣ қадар ба ҷо нишаста,
Ту ба нозу мо дар оташ, ту ба хобу мо нишаста.

Санъати тавсиф, сифатчинӣ ва муболиға дар ашъори ошиқонаи Бедил бештар мушоҳида мешаванд:

Ба сад улфат фиребам дод, аммо доғ кард охир,
Гуландоме, суманбӯе, чаманранге, шарархӯе.
Зи пои мӯр то боли магас сад бор санҷидам,
Нашуд беэътиборихои ман санги тарозуе.

Шоир дар байти аввал ба тарзи киноя сифатҳои маҳбубааш (гуландоме, суманбӯе, чаманранге, шарархӯе)-ро ба тарзи табиӣ зикр намуда, худашро хеле дарднок ва аламзада ба қалам медиҳад. Қаҳрамони лирикӣ кӯшиш мекунад, ки сабаби беилтифотии маъшуқаашро пайдо кунад, аммо ба мурод намерасад. Гӯё ӯ ҳама чизро аз пои мӯр то боли магас санҷидааст, вале илоҷашро наёфтааст. Санъати муболиға бисёр зебо афтодааст.

Бедил зарбулмасалу мақолҳои халқӣ, панду ҳикматҳои адибони бузурги гузаштаро омӯхта, аз онҳо илҳом гирифтааст ва худаш суханҳои пурҳикмате гуфтааст, ки имрӯз ҳам қимату арзиши баланди тарбиявӣ доранд. Барои исботи фикр муште аз хирвор:

Ба як - ду рӯза сару барги зиндагӣ мапиcанд,
Ки баҳри халқ пайи суди худ, зиён бошӣ.
Агар ғубор шавӣ, маҳви домани худ бош,
Чунон мабош, ки ташвиши дигарон бошӣ.
Нафас бидузду сабукрӯҳ зиндагонӣ куи,
Мабод, бар дили оинае гарон бошӣ.

Гар ризои ҳақ тамаъ дорӣ, ба нафъи халқ кӯш!
Ҳар ғизо к-афтад мувофиқ бо бадон, чонпарвар аст.
Бар ҳаловат мефизояд улфати соҳибдилон,
Меваи нахле, ки пайвандаш кунӣ, ширинтар аст.
Бе такаллуф касби хешӣ кун, ки дар девони роз,
Андаке фаҳмидан аз бисёр гуфтан хуштар аст.

Албатта, он намунаҳое, ки дар боло оварда шуданд, сода буда, барои хонандаи имрӯза фаҳмидани маъниҳои онҳо чандон душвор нест. Аммо бояд эътироф кард, ки қуллаи эҷодиёти Бедил ва махсусан насраш чи дар замонашу чи дар асрҳои минбаъда ва имрӯз ҳам барои хонандагони оддӣ

душворгузар ва дастнорас мебошад. Аз ин рӯ, дар таърихи адабиёти тоҷику форс Бедил бо сабки хоси худ шӯҳрат дорад. Ин сабк бо ду ном- **Сабки Бедилӣ** ё **Сабки ҳиндӣ** машҳур аст.

**Сабки ҳиндӣ**

Ҳанӯз дар замони ҳукмронии Маҳмуди Ғазнавӣ (998–1030) домани шеъру шоирӣ дар сарзамини Ҳинд паҳн мегардад ва дар асрҳои минбаъда нуфузи шеъри тоҷикӣ - форсӣ зиёд мешавад. Махсусан ривоҷи шеъру шоирӣ дар айёми салтанати Бобур Мирзо (1483–1531) авлодони вай Акбар (1556–1627), Шоҳи Ҷаҳон (1627–1658) ва Аврангзеби Оламгир (1658–1707) ба дараҷаи олии худ мерасад. Зикр кардан лозим аст, ки сабки ҳиндӣ пеш аз Бедил пайдо шуда буд ва намояндагони барҷастаи он Файзии Даканӣ, Урфии Шерозӣ, Толиби Омулӣ, Абӯтолиби Калим, Соиби Табрезӣ ва дигарон ба ҳисоб мераванд, ки дар инкишофу ривоҷи ин сабк саҳм гузоштаанд. Аммо Бедил хусусиятҳои ин сабкро ба воситаи эҷодиёти худ равшан намуда, сабки ҳиндиро ба дараҷаи олӣ расонд. Аз ин ҷост, ки дар таърихи адабиёти тоҷику форс ин сабк бо номи ӯ низ шӯҳрати хосса дорад.

Шоироне, ки номашон дар боло зикр шуд, аслан аз Мовароуннаҳр, Хуросон, Эрон буданд, ки дар асри XVI ва XVII ба Ҳиндустон рафта, эҷод намуда, пояҳои сабки ҳиндиро гузошта буданд. Ғайр аз ин, адибони дигаре аз қабили Бедил, Носиралии Сарҳиндӣ, Фонии Кашмирӣ, Ғании Қашмирӣ низ буданд, ки дар сарзамини Ҳинд таваллуд ёфта, ба камол расидаанд. Маҳз онҳо дар инкишофи ҳаматарафаи сабки ҳиндӣ хизмати калон карданд. Пеш аз ҳама, адибон зисту зиндагонӣ, урфу одат, фолклори бойи мардуми Ҳиндро омӯхта, дар асарҳои худ инъикос намуданд. Ин сабк хусусиятҳои ба худ хос дорад:

**1.** Шеъри шоирони сабки ҳиндӣ аз лиҳози забон сода буда, калимаю ибораҳо, таркибҳо оммафаҳманд. Хонанда калимаю ибораҳоро мефаҳмад, дарк мекунад, вале маънӣ пӯшидаву душвор аст. Аз ин рӯ, кас дар дарк намудани мазмун ва ғояи асар душворӣ мекашад. Барои равшан гардидани масъала ба тариқи муқоиса як мисол меорем. Саъдӣ дар байти зер нозу истиғнои маҳбубаашро тасвир намуда, чунин мегӯяд:

Дидор менамоию парҳез мекунӣ,
Бозори хешу оташи мо тез мекунӣ.

Мазмуну ғояи байт барои ҳар хонанда фаҳмою дастрас аст. Шоир гуфтан мехоҳад, ки худатро (маъшуқаашро дар назар дорад) як ҷилва медиҳию ғоиб мешавӣ ва бо ин амалат дар дили қаҳрамони лирикӣ оташ меафканӣ. Ин намуна бо сабки шоирони пешин ё сабки хуросонӣ эҷод шудааст. Ана ҳамин маъниро Соиб дар байти зер ба тарзи зайл додааст:

Зи пуркорӣ назар мепӯшад аз ушшоқи савдоӣ,
Дӯкондорест дар ҷӯши харидорон дӯкон бастан.

Дар ин байт калимаю ибораҳо содаю фаҳмоянд, аммо маънии онҳо пӯшидаву душвор аст. Дар мисраи аввал «пуркорӣ», «назар мепӯшад» кинояи аз

нозу истигно, дидаю дониста худро ба нодонӣ задан буда, «ушшоқи савдоӣ» бошад, ошиқи бечораю девонаро, ки дар ғами ӯ ба ин дараҷа расидааст, дар назар дорад. Мисраи дуввум ирсолулмасал буда, ба тариқи тамсил ҳолати ошиқу маъшуқро ба дӯкондору харидор монанд кардааст. Аз ин ҷост, ки барои дарк намудани чунин байтҳо бояд хонанда амиқтар фикру андеша кунад.

Ин хусусиятҳо дар эҷодиёти Бедил бисёр барчаста ба назар мерасанд. Барои фаҳмидани абёти Бедил дониши мукаммал бояд дошт. Танҳо донистани забону адабиёт кифоя нест. Илмҳои таърих, нуҷум, баёну калом ва ғайраро донистан муҳим аст. Илова бар ин, урфу одат, нақлу ривоятҳои таърихӣ, динию мазҳабии мардуми Ҳинд ва дини исломро пурра аз худ кардан ба мақсад мувофиқ аст. Чунончи, рубоии зерини Бедилро гирем:

> Бар одами бечора ба ғайр аз мурдан,
> З-ин варта маҳол аст саломат бурдан.
> К-аз хӯрдани гандум он чӣ дирӯз кашид,
> Имрӯз ҳамон мекашад аз нохӯрдан.

Дар ин рубоӣ Бедил ба ҳаёти пурмашаққати миллионҳо деҳқонони қашшоқ, гадоёни гурусна, ки дар рӯзгори шоир дар Ҳиндустон зиндагӣ мекарданд, ишорат мекунад. Байти аввалии рубоӣ барои хонанда фаҳмост. Адиб мегӯяд, ки одамони қашшоқ аз ин қашшоқӣ илоҷи халосӣ надоранд. Танҳо марг онҳоро аз ин варта халос мекунад. Байти сонӣ тақвияти фикри болост. Дар ин байт санъати талмеҳ, тазод, тамсил бо ҳам омезиш ёфта, маъноро душвортар кардаанд. Бедил дар байти сонӣ ба ривояти Ҳазрати Одам, ки дар Биҳишт гандумро хӯрда, аз Биҳишт ронда мешавад, ишорат кардааст ва ин ривоятро бо ҳаёти қашшоқонаи мардумони Ҳинд ҳамчун тазод муқобил гузоштааст. Яъне Бедил гуфтан мехоҳад, ки агар Одам гандум хӯрда аз Биҳишт ронда шуда бошад, пас ин мардум аз гуруснагӣ, аз нахӯрдани гандум ба ҳалокат расида истодааст.

Таъсири сабки ҳиндӣ ё бедилизм ба адабиёти асрҳои минбаъда хеле зиёд аст. Ҳанӯз дар замони Бедил муқаллидони эҷодиёти ӯ кам набуданд. Махсусан шоирони асрҳои XVIII ва XIX Мирзо Содиқи Муншӣ, Муҳаммадшарифи Шавқӣ, Парии Ҳисорӣ, Ҳасрати Ҳисорӣ, Қонеи Насафӣ, Гулмуҳаммади Афғон ва дигарон ба Бедил пайравӣ карда, дар ҷавоби ғазалу мухаммас ва рубоиёти ӯ назира гуфтаанд. Вале бояд гуфт, ки тақлиди онҳо бештар дар шаклу услуби шеъри Бедил буд. Аксарияти тақлидкунандагон мазмунҳои фалсафию иҷтимоии абёти шоирро сарфи назар кардаанд ва ё дуруст дарк карда натавонистаанд.

Шоирони ибтидои асри XX Асирӣ, Туғрал ва Ҷавҳарӣ бо муваффақият Бедилро пайравӣ намуданд. Зуфархон Ҷавҳарӣ, ки соли 1945 вафот ёфт, охирин намояндаи сабки ҳиндӣ буд.

Хулоса, дар Мовароуннаҳру Хуросон ва Ҳиндустону Эрон дар тӯли 350 сол ҳазорон шоирон ба эҷодиёти Бедил тақлид карданд, пайравӣ намуданд. Вале ягонтои онҳо ба дараҷаи Абулмаонӣ нарасиданд. Дар ин бора

устод Айни ҳаққонӣ менависад: «Аз шоирони ин сарзамин бисёр касон Бедилро таклид кардаанд, лекин ҳатто забардасттаринашон ҳам санъати худро ба ин шоири нозукхаёл расонида натавонистанд»[1].

**Савол ва супориш**

1. Чаро ба Бедил номи фахрии Абулмаонӣ додаанд? 2. Даврам кӯдакӣ ва наврасии Бедил чӣ хел гузашт? 3. Шавку рағбати ӯ ба кадом илмҳо бештар буд? 4. Сафарҳои Бедил ба ҳаёти минбаъдаи ӯ чӣ таъсире расонд? 5. Чаро ӯ пешаи навкариро ихтиёр намуд ва пас аз андаке онро тарк кард? 6. Чӣ маҷбур кард, ки Бедил гӯшанишин шавад? 7. Гӯшанишинӣ ба шоир чӣ дод? 8. Поёни умри Бедил чӣ хел гузашт? 9. Асарҳои машҳури Бедилро номбар кунед. 10. Кадом масъалаҳо дар «Ирфон» инъикос ёфтаанд? 11. Ғояи адолатхоҳӣ дар кадом асарҳои шоир бештар ифода ёфтааст? 12. Ақидаҳои гуманистии Бедилро бо мисолҳо фаҳмонед. 13. Ақидаи Бедил дар бораи ҷамъият, синфҳо чӣ гуна аст? 14. Дар бораи инсон Бедил чӣ ақида дорад? 15. Достони «Комде ва Мадан» дар пайравии кадом достонҳои шоирони гузашта иншо шудааст? 16. Достони «Комде ва Мадан» бо кадом хусусиятҳояш аз достонҳои пешин фарқ мекунад? 17. Бо кадом мақсад Бедил қаҳрамонони асарашро аз аҳли ҳунар интихоб кард? 18. Муносибати Бедил нисбат ба образҳои асосии достони «Комде ва Мадан» чӣ гуна аст? 19. Шумо дар бораи забони асарҳои Бедил чӣ гуфта метавонед? 20. Аз кадом санъатҳои бадеӣ шоир истифода бурдааст? 21. Чаро асарҳои Бедилро дар мадрасаҳои Осиёи Марказӣ меомӯхтанд? 22. Сабки ҳиндӣ ба эҷодиёти Бедил чӣ муносибат дорад? 23. Хусусиятҳои ин сабкро номбар кунед! 24. Чаро бисёр шоирон дар асрҳои минбаъда ба Бедил таклид мекарданд? 25. Камбудии муқаллидони Бедил аз чӣ иборат буд? 26. Устод Айнӣ ба эҷодиёти Бедил ва пайравони ӯ чӣ гуна баҳо додааст?

*Рӯйхати адабиёти илмӣ ва методӣ*


1. С. Айнӣ. Мирзо Абдулқодири Бедил, Куллиёт, ҷилди 11, қисми 2. «Ирфон», Душанбе, 1964.

2. У. Каримов. Адабиёти тоҷик дар нимаи дуввуми асри XVIII ва аввали асри XIX, «Дониш», Душанбе, 1974.

3. Т. Миров. Дастури методии «Адабиёти тоҷик» барои синфи 9, «Маориф», Душанбе, 1986 /боби Бедил/.


[1] С. Айнӣ. Куллиёт, ҷилди II. Китоби дуюм, «Ирфон», Душанбе, 1964, саҳ. 115.

# ЗЕБУННИСО
## (1639-1702)

*Духтари шоҳам, валекин рӯ ба*
*факр овардаам,*
*Зебу зинат бас ҳаминам, номи*
*ман Зебуннисост.*



**Шарҳи ҳол**

Зебуннисо дар гӯшаи танҳоӣ нишаста, аз рӯзгор, нобаробариҳои замон менолид, оби чашм мерехт. Ӯ барои он ашк мерехт, ки озод набуд, мурге буд дар қафас фарёдрасе надошт:

Сад таъна бар оташ зада дуди нафаси мо.
Эй вой, агар сабр набудӣ қафаси мо.
Гар замзамаи мо шунавад санг, шавад нарм,
Андар дили пурдард садои ҷараси мо.
Кардем басе аз ситаму ҷаври ту фарёд,
Ҷуз гиря нашуд ёд зи фарёдраси мо.

Зебуннисо соли 1639 дар Деҳлӣ таваллуд ёфтааст. Падари шоира Аврангзеб (1658–1707) подшоҳи Ҳиндустон буда, бо ҷоҳилию золимии худ дар байни шоҳони ин сулола машҳур буд. Модари Зебуннисо Дилрасбону духтари яке аз саркардагони Эрон Бадеуззамон буда, хату саводи хубе доштааст. Бинобар ин барои савод омӯзонидани Зебуннисо кӯшиши зиёд карда, ба хонадони худ Ҳафиза Марям ном зани оқила ва фозилаеро даъват мекунад. Марям дар як муддати кӯтоҳ ба Зебуннисо, ки духтари ҳушзеҳн ва закӣ буд, хату савод омӯзонида, шавқу завқи ӯро ба адабиёту каломи мавзун афзун мегардонад.

Зебуннисо аз китобхонаи падар, ки дар он ҷо китобҳои нодиру камёфти шоирони бузурги гузашта маҳфуз буданд, пайваста мутолиа мекунад ва абёти зиёдеро аз бар менамояд. Бо ёрии муаллимаи худ дар маънидоду омӯхтани санъати сухан малакаю маҳорат пайдо мекунад. Инчунин забони арабӣ ва «Қуръон»-ро дар давоми ду солу се моҳ аз бар менамояд.

Зебуннисо аз синни 13–14-солагиаш барои шеър гуфтан қалам ба даст мегирад. Шеърҳои аввалини ӯ ба устодаш писанд омаданд. Устодаш шеърҳои шогирдонаи ӯро суфтаю равон намуда, дар рушду комолоти ӯ ёрӣ ва мададгорӣ менамояд.

Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ ва адабӣ Зебуннисо дар

дарбори падараш китобхонаи калоне ташкил карда, гоҳ-гоҳ аз падар пинҳон базми шеър меорост ва шоиронеро, ки аз дигар кишварҳои дунё ба Ҳиндустон меомаданд, пуштибонӣ мекард ва ёрии моддӣ мерасонд.

Аврангзеб намехост, ки духтараш шеър гӯяду шоира шавад. Аз ин ҷост, ки рафтору кирдори духтараш ба ӯ маъқул набуд. Ҳар гоҳ ӯро сарзаниш менамуд. Зебуннисо ба ҳамин маънӣ дар як ғазалаш ишорат менамояд, ки хомӯш бошу дам назан, зеро султон тоқати шунидани суханҳои булбули хушилҳонро надорад. Дар ин ҷо шоира худашро ба булбули хушилҳон монанд кардааст:

Эй булбули хушилҳон, махрӯшу дам фурӯ каш,
Табъи латифи султон тоби сухан надорад.

Вале ин духтари ҷасуру нотарс аз хашму ғазаби падар нахаросид ва пайваста ғазалҳои шӯрангези худро эҷод кард. Зебуннисо кору кирдорҳои ношоиста, маҷлису базмҳои назарфиребонаи аҳли дарбори падарро дида, дилаш танг мешуд, худашро бечораю танҳо ҳис мекард, ба зебу зинатҳои шоҳона чандон майл надошт. Зеро зебоии инсонро на дар зебу зинати зоҳирӣ, балки дар ақлу тамиз, донишу камолоти вай медид.

Зебуннисо дар оянда низ дониши худро такмил медод, ӯ илмҳои мантиқ, таърих ва ҳикматро омӯхта, инчунин машқи хат мекунад ва дар навиштани хати настаълиқу насх ҳунарманд мешавад. Мувофиқи ахбори сарчашмаҳо шоира аз сӯҳбатҳои адибони машҳури ҳамзамонаш Носиралии Сарҳиндӣ, Неъматхони Олӣ ва Мирзо Абдулқодири Бедил баҳра бурдааст.

Шоҳи мутаассиб Аврангзеб аз шеърҳои эҷодкардаи духтараш худро ҳамеша нороҳат ҳис мекард ва Зебуннисоро азоб медод. Шоира худашро дар зиндон ҳис мекард. Ҷои гурез надошт. Ӯ ҳамаи дарду алам̣и худро ба воситаи ашки чашмон ва ғазалҳои шӯрангезаш андаке сабук мекард:

Зи хуни дида зиндонро беҳ аз рашки чаман дорам,
Зи доғи ғусса сад гулшан ба зери пираҳан дорам.
Ба сони ғунча гар бастам лаб аз гуфтушунид, аммо
Ба хуни дида оғушта саропои бадан дорам,
Ба сони абри найсонӣ зи ашки дидаи ҳиммат,
Кашида дар раги ҷон сад ҷаҳоне дар сухан дорам.

Зебуннисо аз дӯстон ва наздиконаш хоҳиш мекунад, ки дар шаҳри Лоҳур барояш боғе бунёд кунанд. Барои боғи оянда худи шоира ҳар гуна ниҳоли мевадиҳанда интихоб менамояд. Ниҳолҳо сарсабз гашта, боғи шоираро зебу оро медиҳанд. Зебуннисо дар синни 63-солагӣ соли 1702 дар Деҳлӣ вафот мекунад. Ӯ пеш аз вафоташ васият карда буд, ки ҷасадашро дар шаҳри Лоҳур дар боғи худаш дафн намоянд. Дӯстони наздики Зебуннисо васияташро иҷро мекунанд. Ӯро дар боғи худаш дафн намуда, дар санги болои қабраш байти зерини адибаро ҳаккокӣ намудаанд:

Бар мазори ман, ғарибон, не чароғе, не гуле,
Не пари парвона сӯзад, не садои булбуле.

**Мероси адабии Зебуннисо**

Девони ашъори ӯ чандон бузург нест. 4000 байтро дар бар мегирад. Асосан қисми зиёди девони шоираро ғазал ташкил медиҳад. Ба ғайр аз ғазал 7 қасида, 5 тарчеъбанд ва як мухаммас низ эҷод кардааст. Дар баъзе сарчашмаҳо омадааст, ки Зебуннисо «Зеби тафосир» ном асаре иншо кардааст. Асари номбурда дастрас нест.

Мавзӯи ғазалиёти Зебуннисо гуногун аст. Шоира дар ғазалҳои худ ҳаёти вазнину беҳуқуқии занони мазлуми Шарқро инъикос кардааст. Ӯ дар образи қаҳрамони лирикӣ, яъне худаш, садои шикоятомез ва эътирози занони замонаашро нишон додааст.

Зебуннисо дар ғазали зерин аз бахти баргашта, аз ранҷу озорҳои рӯзгор шикоят дорад. Ӯ нишон медиҳад, ки ин бахти баргашта насиби миллионҳо одамони мазлуму бечора аст. Ба ҳамаи ин «чархи ҷафопеша», «каҷниҳод» айбдор аст. Шоира зимни ин ибораҳо золимон, ҳокимон ва шоҳони замонаашро тасвир намудааст. Ӯ дар анҷоми ғазал садои эътирози худро баланд карда, ба ситамгарону золимонро огоҳӣ месозад, ки аз оҳи дили мазлумон, бечорагон ҳазар кунанд, зеро тири оҳи онҳо синаи шумо – золимонро маҷрӯҳ месозад:

Фиғони булбулон имшаб ба ҳар гулшан асар дорад.
Магар дарду алам оҳе зи дунболи саҳар дорад.
Ба кини ман камар баста магар ин бахти баргашта,
Ки аз рӯзи дигар ҳар рӯз ҷонамро батар дорад?!
Гаҳе парвона месӯзад, гаҳе шамъ аз ҷудоиҳо,
Ба олам ҳар киро бинӣ ту, доғе бар ҷигар дорад...
Ҷафоҷӯё, ситамгоро, ҳазар аз оҳи мазлумон,
Ки тири оҳи мазлумон ниҳон дар санг асар дорад!

Шоира ҳамин маъниро боз дар ғазали «Дар бағал дорам» равшантар баён намуда, ба золимон таъкид менамояд, ки ба дардмандон ҷафою ситам кардан оқибати хуб надорад. Зеро оҳи мазлумон басо дарднок ва сахт аст. Ин оҳ ба мисли тири заҳролудест, ки пинҳонӣ ба нишон мерасад ва аз он ҷон ба саломат бурдан муҳол мебошад. Ин оҳ мавҷи тӯфони даҳшатнокеро ба ёд меорад. Барои ҳамин дурусттар андеша кунед ва оқибати онро пеши назар оред:

Ману он сар, ки сад савдо зи ҷонон дар бағал дорад.
Ману он дил, ки сад навак зи миҷгон дар бағал дорад.
Ту бераҳму ҷафоҷӯӣ, мани озурда метарсам,
Ки оҳи синаи маҷрӯҳ пайкон дар бағал дорад.
Ду чашмам гирялуду дилам чун бед меларзад,
Ки ашки дардмандон мавҷи тӯфон дар бағал дорад.
Зи оҳи сарди мазлумон ҳазар, золим, намедорӣ,
Ба заҳр олуда сад пайкони пинҳон дар бағал дорад.

Аз ин порчаҳо равшан мегардад, ки Зебуннисо ҳаёти пуразоб, кашшоқӣ ва муфлисии мардуми оддии ватанашро басо хуб медонистааст. Аз ин рӯ, аз ин зиндагии талхи омма дилаш ба дард омада, ашк мерехтааст ва садои эътирозашро ба муқобилии золимон баланд намуда, чунин мегӯяд:

Наштаре дорам нихон дар синаи хар нолае,
Пас дили аҳли ситам афгор хоҳам карду рафт.

Ба ҷои зулму таадди, – мегӯяд Зебуннисо, – ба дармондагон некӣ кардан лозим. Ба касони мусибатзада кӯмак расон, мисли булбулу парвона бош:

Гар сари осудагӣ дорӣ, ба ғам ҳамхона бош,
Аз тарики офият маҷнунсифат бегона бош,
Ҳар куҷо базми мусибат гарм гардад дар ҷаҳон,
Дар такаллум булбулу дар сӯхтан парвона бош.

Дили шоира ба ҳоли дармондагону бечорагон месӯзад. Аз ин ҷост, ки Зебуннисо онҳоро дилбардорӣ мекунад, таъкид менамояд, ки ҳаёт тағйир меёбад, дар оянда зиндагиашон беҳтар хоҳад шуд. Зеро аз пайи шом саҳар аст:

Навмед набояд шудан аз гардиши айём,
Ҳар шом, ки ояд, зи пайи он саҳаре ҳаст.

Ё ки:

Баст агар Махфӣ дари гулшан ба рӯят боғбон,
Бо умеди нашъаи бӯ дар паси девор бош!

Дар поёни умр диду эҳсос намуд, ки дар дарбори падар шахсони ноloиқ, хушомадгӯ, пастфитрат ҷамъ омадаанд, онҳо барои беҳбудии зиндагии меҳнаткашон чорае намебинанд ва баръакс бо чоплусию порадиҳӣ соҳиби мансаб мешаванд, қалбаш реш-реш мегардад. Ӯ мебинанд, ки аҳли ҳунар хору забун аст, қадру қимате надорад, сабр аз дасташ меравад ва ошкоро мегӯяд, ки дар ин рӯзгор Ҳари Исо агар зар дошта бошад, соҳибҳунар ба ҳисоб меравад:

Ба кори кас намеояд ҳунар, Махфӣ, дар ин олам,
Ҳари Исо ҳунарманд аст, агар дар киса зар дорад.

Барои ҳамин акнун косаи сабрро бояд бишкаст, ба по бояд хест, то ки ҳақ ба ҳақдор бирасад:

Зи ҷаври аҳли ситам, дӯстон, чӣ чора кунам?
Ба ғайри он ки гиребони сабр пора кунам?

**Тараннуми муҳаббати поки инсонӣ дар ғазалиёти Зебуннисо**

Мавзӯи ишқу муҳаббат дар ғазалиёти Зебуннисо мавқеи асосӣ дорад. Албатта, ин бесабаб нест. Зеро қаҳрамони лирикӣ пеш аз ҳама зан аст. Аз ин рӯ, дарду аламӣ зан, ишқу муҳаббати занро беҳтару хубтар эҳсос мекард. Аз тарафи дигар, дар ишқ ӯ ноком буд. Ӯ 63 баҳорро дид, аммо аз гулистони муҳаббат гуле начида, хазон гашт:

Сад баҳор охир шуду ҳар гул ба фарқе ҷо гирифт,
Лолаи доғи дили мо зеби дасторе нашуд.
Ҳар матоеро ҳаридорест дар бозори ҳусн,
Пир шуд Зебуннисо, ӯро харидоре нашуд.

Ё ки:

> Рафт ҳангоми баҳору гули боғам нашукуфт,
> То кай ин ғунча дар ин парда ниҳон хоҳад буд?

Зебуннисо зани соҳибмаърифат, боандешаю соҳибчамоле будааст. Ӯ зиндагиро фаҳмид, дарк кард. Духтари шоҳ буд, зару зевар, молу чиз дошт, вале ӯ худашро хушбахт ҳисоб намекард. Шоира озод набуд. Барои инсон озодӣ муҳим аст. Ӯ касеро дӯст дошта, ба мурод расида наметавонист. Адиба орзу дошт, ки шавҳар, фарзанд, хонаи мустақиле дошта бошад, аммо ба доди ӯ падари ҷоҳил нарасид. Бинобар ин Зебуннисо дар ғазали «Вайронае пайдо кунам» дарду алам, мақсадашро бисёр мӯъҷаз тасвир кардааст:

> Меравам, то баҳри худ вайронае пайдо кунам,
> В-андар он вайрона аз ғам хонае пайдо кунам.
> Шуд баҳори умру боғи орзу хуррам нашуд,
> Меравам то гиряи мастонае пайдо кунам.
> Раҳ биёбам пеши шамъе аз барои сӯхтан,
> Махфиё, бояд пари парвонае пайдо кунам.

Аммо умри шоира ба охир расиду издивоҷ накард. Аз ин рӯ, бо сӯзу гудоз, бо сухан дарду аламашро ифода намуда, аз духтари шоҳ буданаш хиҷил мегардад. Барои худ шарму хаёро занҷири по ҳисоб мекунад. Ӯ худашро ба Лайлии дар ишқ ноком, ба булбули чаман, ба парвона монанд кардааст, ки дар ғами ёр менолад, месӯзад:

> Гарчи ман Лайлиасосам, дил чу Маҷнун дар ҳавост,
> Сар ба саҳро мезанам, лекин хаё занҷири пост.
> Булбул аз шогирдиям шуд ҳамнишини гул ба боғ,
> Дар муҳаббат комилам, парвона ҳам шогирди мост.
> Дар ниҳон хунем, зоҳир гарчи ранги нозанин,
> Ранги ман дар ман ниҳон чун ранги сурх андар ҳиност.
> Духтари шоҳам, валекин рӯ ба фақр овардаам,
> Зебу зинат бас ҳаминам, номи ман Зебуннисост.

Доир ба ин масъала афкори Зебуннисо, яъне қаҳрамони лирикӣ характери умумӣ ва ҷамъбастӣ дорад. Ишқи ӯ, муҳаббати ӯ, дарду алами ӯ ба ҳамаи занону духтарони ҷомеаи онрӯза баробар тааллуқ дошта, шоира аз номи онҳо нобаробарӣ, беадолатии занро дар рӯзгори гузашта ҳаққонӣ ба қалам додааст.

Ишқи қаҳрамони лирикӣ ҳаётист, поку беолоиш аст. Яъне дар ғазалҳои ишқии ӯ муҳаббати байни марду зан инъикос ёфтааст. Шоира ба ҳамин маънӣ ишорат карда, дар мактаи як ғазалаш мегӯяд:

> Дили марде ба даст овар, агар мардонаӣ, Махфӣ,
> Ки дилҳоро ба дилҳо дар ҳақиқат кор меафтад.

Умуман, ғазалҳои ишқии шоира илова ба ҳаётӣ буданашон боз як хусусияти ба худ хос доранд. Дар онҳо дарду сӯз, эҳсосоти амиқи зан ба дилдодааш хеле табиӣ тасвир ёфтааст.

**Баъзе андешаҳои ахлоқию тарбиявии шоира**

Ба ҳар ҳол Зебуннисо бо зиндагии мардуми оддӣ, аҳли ҳунар, ки ба дарбори шоҳ барои беҳбудии ҳаёташон мерафтанд, ошно буд. Ҳаёти талх, оби чашми

бенавоёнро дида, дилаш реш мегашт. Аз ин рӯ, ба худ ва ба аҳли дарбор хитоб карда мегӯяд, ки набояд мо танҳо дар ғами худ бошему халос. Лозим аст, ки ба дармондагон низ кӯмак расонем.

Эй дил, асири доми ҳавою ҳавас мабош,
Ғофил зи ёди ҳамнафасон як нафас мабош.

Зебуннисо дар масъалаи одоби сухан, ҳамсӯҳбатони лоиқ пайрави адибони бузурги гузашта буда, бо сухани худ фикрҳои онҳоро тақвият медиҳад. Масалан, ӯ бо шахси хирадманд, доно, сӯҳбаторо дар зиндон нишастанро беҳтар медонад аз он ки бо ашхоси худписанд, бехирад дар гулистон бошӣ:

Дар гулистон доштан сӯҳбат ба ночинсон аз ин,
Назди доно беҳтар аст танҳо ба зиндон зистан.

Шоира ҳангоми сӯҳбатҳо бо ашхоси гуногун мебинад, ки як гурӯҳ нокасон фақат айби дигаронро мегӯянд, одамони дилсофро тӯҳмат мекунанд. Аз ин рӯ, ба онҳо таъкид мекунад, ки пеш аз ҳама бояд айби худро дид:

Махфӣ, мабин ба айби касон, дида боз кун!
Бингар ба айби худ, ки ҳунарҳо дар ӯ гум аст.

Дар замони гузашта ва махсусан дар асрҳои XVII–XVIII чи дар Ҳиндустон ва чи дар Осиёи Миёна хушомадгӯӣ, тамаъкорӣ хеле ривоҷ ёфта буд. Аз ин ҷост, ки Зебуннисо ба муқобили тамаъ ва тамаъкорон баромада, онҳоро сахт накӯҳиш менамояд ва дар баробари ин таъкид менамояд, ки инсон бояд иззаташро нигоҳ дорад. Барои ин чун магас дар дастархони аҳли ҷоҳу мансаб нашавад:

Хоҳӣ, ки обрӯй нарезад ба зери хок,
Бар суфраи замонаи дун чун магас мабош!

Зебуннисо ба масъалаи дӯстӣ аҳамияти калон додааст. Албатта, ин бесабаб набуд. Пеш аз ҳама шоира ба дӯсти ҳақиқӣ мӯҳтоҷ буд. Барои ҳамин бисёр мехост, ки дӯст, ҳамсӯҳбат дошта бошад, дарди дил гӯяд, дилашро таскин диҳад. Аз тарафи дигар, дар он рӯзгор дар Ҳиндустон дар байни ҳиндуҳою мусулмонон зиддиятҳои динию мазҳабӣ хеле тезу тунд шуда буданд. Зебуннисо ҳамчун як инсони ватанпараст, адолатхоҳ ба муқобили ҳамаи ин низоъҳои миллӣ буд. Аз ин рӯ, дӯсти ҳақиқиро аз ҳамаи неъматҳои дунё болотар мегузорад. Дар ғазали зер шоира таъкид менамояд, ки садои дӯст дилро равшан мегардонад. Агар аз дӯст камбудие дидӣ, наранҷ, зеро дашноми дӯст аз саховату дуои душман афзалтар аст:

Тоза созад гулбуни умедро пайғоми дӯст,
Бишкуфонад ғунчаи дилро насими номи дӯст.
Гар ғубори хотире аз дӯстон бинӣ, маранҷ,
К-аз дуои душманон беҳтар бувад дашноми дӯст.
Не хумор орад, на бадмастию не дарди саре,
Нашъаи оби ҳаёте дар сарам аз ҷоми дӯст.

Чунон ки дидем, ғазалҳои шоира бо камоли маҳорат ва санъати баланд

иншо шудаанд. Зебуннисо аз мактаби шеъру шоирӣ ба хубӣ гузашта, дар ин ҷода соҳибмақом аст. Ғазалҳояш равону сода, тару тоза ва хушоҳанг ҳастанд:

Меравам, имшаб, туро бедор хоҳам карду рафт,
Нақди ҷонро сарфи як дидор хоҳам карду рафт.
Баски гирям дар фироқат ҳамчу абри навбаҳор,
Водии ҳиҷрон гулу гулзор хоҳам карду рафт.
Наштаре дорам ниҳон дар синаи ҳар нолае,
Бас дили аҳли ситам афгор хоҳам карду рафт.
Дин агар ин асту имон ину аҳли қибла ин,
Риштаи тасбеҳро зуннор[1] хоҳам карду рафт.

Ғазали боло бо санъати баланд эҷод шудааст. Ташбеҳоти мувофиқ, тавсифҳои табиӣ ғазалро пуробуранг кардаанд, ки ба кас ҳаловат мебахшад.

Ибораҳои «нақди ҷон», «сарфи як дидор», «водии ҳиҷрон» тавсифҳои марғубанд. Такрори радифи «карду рафт» ва ҷонишини «ин» низ шеърро боназокат гардонидаанд.

Барои ҳамин Зебуннисо кӯшиш намудааст, ки ба мазмун шакли мувофиқ пайдо кунад. Ӯ ягонагии шаклу мазмунро дар асари бадеӣ аз ҳама муҳим ҳисоб мекунад. Шоира мазмунро ҷон ва шаклро тани ӯ мешуморад. Агар мазмуну шакл ҳамбастагӣ надошта бошанд, дурри мақсуд ба даст намеояд:

Шеър бувад ҳамчу тан, маънии ӯ – ҷони ӯ,
Гармии бозори ӯ – равнақи дӯкони ӯ.
Дояи ман шуста буд сина ба хуноби дил,
Шир зи хун хӯрдаам аз сари пистони ӯ.
Аҳли сухан ноҳуне беҳуда бар дил занад,
Марҳами захми дил аст гарди намаклони ӯ.

Хулоса, дар ғазалҳои шоира ишқ, дарду алами занон дар симои қаҳрамони лирикӣ ҷамъбаст гардидаанд.

**Савол ва супориш**

1. Чаро Зебуннисо аз зиндагӣ норизо буд? 2. Ғайр аз Зебуннисо дар таърихи адабиёти тоҷик боз ягон шоираеро медонед? 3. Кӯдакӣ, таҳсил ва давраи наврасии шоираро ҳикоят кунед. 4. Барои дар эҷоди каломи бадеӣ малакаю маҳорат пайдо кардани адиба кадом омилҳо кӯмак расониданд? 5. Чаро Зебуннисоро дар Лоҳур ба хок супориданд? 6. Дар мероси адабии шоира кадом жанр мавқеи асосӣ дорад? 7. Чаро Зебуннисо золимонро танқид мекунад? 8. Мавзӯи ғазалиёти шоираро тавзеҳ диҳед. 9. Чаро адиба худашро бадбахт мешуморад? 10. Фикри шахсиятонро дар бораи Зебуннисо ва ғазалиёти ӯ баён кунед!

*Рӯйхати адабиёти илмӣ ва методӣ*


1. Тоҷӣ Усмон. Бисту се адиба, Нашрдавтоҷик, Сталинобод, 1962.

2. Т. Миров. Дастури методии «Адабиёти тоҷик» барои синфи 9, «Маориф», Душанбе, 1986.


---

[1] *Риштаи зуннор* – риштае, ки дарвешон, зардуштиён, насрониён ба миён мебастанд.

# АДАБИЁТИ НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIX ВА ИБТИДОИ АСРИ XX

**Вазъи сиёсӣ.** Инкишофу таҳаввули адабиёти ин асрҳо, пеш аз ҳама, ба ҳаёти сиёсию иқтисодии Осиёи Миёна алоқаи зич дошт. Аз ин рӯ, пеш аз он ки ҳаёти илмву мадании ин давраҳоро дида бароем, бамаврид аст, ки ба тариқи хеле мухтасар дар бораи ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодии ин асрҳо маълумот диҳем.

Ҳукумати подшоҳии Россия дер боз ба сарзамини Осиёи Миёна чашм дӯхта, фурсати муносиб меҷуст, то ки онро ба зери тасарруфи худ дарорад. Зеро ин сарзамини босаховат ва пурсарват барои капитализми навбаромади Россия ҳамчун манбаи пуркимати ашёи хом ҳисоб мерафт. Фурсати муносиб ҳам расид. Соли 1864, ки дар байни хонигариҳои Қӯқанд ва Бухоро ҷанг мерафт, қӯшунҳои Россия ба Осиёи Миёна дохил гардида, бе ҳеч як мамониат (соли 1865) шаҳри Тошкандро ишғол намуданд. Ба ҳамин тарик, дар байни солҳои 1866–1868 Хуҷанд, Ӯротеппа, Ҷиззах, Самарканд, Фарғона ва дигар ноҳияҳо ба зери итоати Россия дохил гардиданд ва дар Тошканд генерал-губернатории Туркистон ташкил ёфт. Аз ин давра сар карда Осиёи Миёна мустамликаи Россия шуда монд.

Албатта, ин ҷангу хунрезиҳо ба хароб гардидани деҳоту шаҳрҳои обод ва иқтисодиёти мамлакат таъсири манфӣ расонд. Ҳаёти бе ин ҳам қашшоқонаи мардумро боз ҳам кашшоктар, вазнинтар ва харобтар кард. Бухоро ба Россияи подшоҳӣ товони ҷанг супорид, ки ин бори вазнин ба сари халқи меҳнаткаш афтид. Аз халқ андози иловагӣ гирифта шуд. Зулму истисмори дутарафа косаи сабри халқро лабрез намуд. Аз ин ҷост, ки дар баъзе ноҳияҳои мамлакат шӯру исён, норизоӣ хеле зиёд гардид. Махсусан ноҳияҳои Бухорои Шарқӣ, ки бештар зулму ситам дида буданд, садои эътирози худро баландтар намуда, ба муқобили феодалон, ҳокиму амир ба по хестанд. Намунаи ин шӯриши Восеъ аст, ки дар ноҳияи Хатлонзамини хонигарии Балҷувон соли 1885 оғоз ёфта буд, шуда метавонад. Деҳқонони ҷабрдида ва азияткашида бо сардории Восеи камбағал барои баробарӣ, бародарию беҳбудии ҳаёти худ ба золимону ситамгорон фишор оварда, Балҷувонро гирифтанд. Вале пас аз чанд муддат шӯришро бераҳмона пахш намуданд. Фарзандони содики халкро ба қатл расонданд. Аз ин шӯриш зиёда аз 100 сол гузашта бошад ҳам, халқ номи муборизони роҳи озодӣ ва роҳбару роҳнамои он Восеъро фаромӯш накардааст. Дар бораи далерию қаҳрамонӣ, фидокорию адолатхоҳии қаҳрамони худ - Восеъ ривоят, қиссаю роман, суруду тарона эҷод намудааст. Масалан духтари Восеъ дар бораи падари худ ба дарду алам мегӯяд:

Маҳрум мондум аз падар,
Ибрат шавад ба дигар.

Дод аз дасти ситамгар,
Вой аламн Гульизор.

Албатта, ба ин восита садои эътирози садхо, хазорхо занону духтарони чабрдида, азобу азияткашида дар симои Гульизор чамъбаст гардидаанд.

Ба сарзамини Осиёи Миёна сар халондани капиталистон ва дигар табакахои истисморкунандаи хукумати подшохии Россия бозори ханнотию кишлоби, разолату кабохат, зулму истисморро боз хам ривоч дод.

Дар ибтидои асри XX дар давраи инкилоби якуми рус (1905–1907) дар Осиёи Миёна дар зери таъсири болшевикон корпартоихои зиёде ба амал омаданд, ки бештари онхо характери сиёсӣ доштанд. Аз тарафи болшевикони пинхонкор, ки бо коргарону дехконон робитаи зич доштанд, корхои ташвикотию тарғиботӣ бурда мешуд. Махсусан, дар арафаи Чанги якуми чахон кори таблиғотии болшевикон хам кувват гирифт. Онхо ба омма мохияти ин чанг ва окибатхои харобиоварии онро фахмонда медоданд.

Соли 1916 дар Осиёи Миёна сафарбарии умумӣ барои корхои акибгох ба фронт эълон карда шуда буд, ки хукумати Россияи подшохӣ ин максади худро бо номи «Мардикорӣ» пинхон дошта, бехтарин фарзандони халкро ба фронт мефиристоданд. Аз ин кор мардуми махаллӣ норизо шуда, дар бисёр шахру нохияхои Осиёи Миёна шӯришхои мусаллахона ба амал омаданд. Бештари шӯришхо, ки дар шахрхои Хучанд, Самарканд, Тошканд ба амал омада буданд, характери сиёсӣ ва озодихохӣ доштанд. Армияи подшохӣ шӯришхоро берахмона пахш карда бошад хам, аммо иродаи халкро шикаста натавонист. Дар хаёти сиёсиву ичтимоии Осиёи Миёна тағйиротхои назаррас низ ба вучуд омаданд.

Дар Осиёи Миёна ғуломдорию ғуломфурӯшӣ вучуд дошт. Ва хушбахтона дар ин давра ин тартиботи нанговари ғуломдорӣ бархам хӯрд.

Дар ин давра империализми Англия Хиндустонро мустамликаи худ гардонда, мехост ба Осиёи Миёна сар даровара, вале хокимияти подшохии Россия пешдастӣ кард. Ба хамин тарик, Осиёи Миёна аз чанголи хунини империализми Англия рахо ёфт, вале ба чанги Россия афтод. Дар ин давра синфи коргари махаллӣ пайдо шуд. Синфи коргар дар рафти вокеаю ходисахои сиёсӣ рушду камол ёфт.

Ба пайдо шудани капитализм дар Осиёи Миёна, инкишоф ёфтани корхонахои саноатӣ, то андозае пеш рафтани хочагии кишлок, вусъат ёфтани системаи обёрӣ ва вобаста ба хамин ба вучуд омадани коргари точик роли калон бозид.

Хушбахтона, дар натичаи додугирифт, савдо, робитахои фарханги дар хаёти мардуми Осиёи Миёна пешравию дигаргунӣ ба амал омад.

Ин дигаргунӣ, пеш аз хама, дар он зохир гардид, ки дар баъзе шахрхои Осиёи Миёна, аз чумла Тошканд, Самарканд, Когон ва дигар шахрхои калон мактабхои чадиди миллии русӣ ташкил шуданд. Дар Тошканд, Самаркандгу Когон беморхонахои типи европоӣ сохта шуданд, ки дар онхо духту-

рони хоричӣ ба табобат машғул буданд.

Илова бар ин, дар ибтидои асри XX мактабҳои типи нави тоҷикӣ ташкил ёфтанд. Бештари ин мактабҳо хурд ва хусусӣ буданд. Барои мактабҳои нав китобҳои дарсӣ навишта шуда буданд. Яке аз ҳамин гуна шахсон устод Садриддин Айнӣ буд. Устод соли 1909 барои таълими шогирдони мактабҳои типи нав «Таҳзибуссибён»-ро иншо мекунад. Фарқи мактабҳои русӣ ва типи нави мактабҳои тоҷикӣ дар он буд, ки дар мактабҳои русӣ фарзандони табақаи болои ҷамъиятӣ, савдогарон ва тоҷирони маҳаллӣ таҳсил мекарданд, дар мактабҳои нави тоҷикӣ бошад, фарзандони мардуми оддӣ ҳам имконияти таҳсил кардан доштанд. Дар ин бора устод Айнӣ дар «Ёддоштҳо»-яш маълумоти пурқимат додааст.

Умуман ҳукумати подшоҳии Россия барои ривоҷу равнақи мактабу маориф, илму маданияти халқҳои Осиёи Миёна ҳавас надошт. Мардум бесавод бошад, барояшон хубтар буд. Зеро мардуми бесаводро идора намудан осонтар аст. Аҳмади Дониш ба Россия сафар намуда, хост, ки халқи худро бо пешрафту инкишофи маданияти рус шинос намояд ва бисёр пешниҳоду дархостҳои судбахше доир ба тағйири давлату соҳаҳои гуногуни он кард, аммо аз тарафи амир қабул нашуд, баръакс мутафаккирро озор доданд.

## ҲАЁТИ МАДАНӢ

Ба ҳамаи ин монеаҳо, душвориҳои сиёсию иқтисодӣ нигоҳ накарда дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ, аз ҷумла маданият, адабиёт, дигаргунӣ ва тағйирот ба вуқӯъ омад. Маҳз дар ҳамин давра пайдо шудани ҷараёни пешқадами маорифпарварӣ ҳодисаи бузурги ҳаёти маданин халқҳои Осиёи Миёна ба ҳисоб меравад. Ин ҷараён ба адабиёту маданияти ояндаи ин халқиятҳо таъсири калон расонд. Асосгузори ҷараёни маорифпарварӣ мутафаккири тоҷик Аҳмади Дониш буд. Пас аз он ки бо маданияти Россия шинос мегардад, ҷаҳонбинии адиб тағйир ёфта, мехоҳад дар сарзамини Осиёи Миёна ҳам бояд дигаргуниҳои куллие ба вуқӯъ пайвандад. Бо суханони устод Айнӣ агар хулоса карда гӯем, Аҳмади Дониш дар осмони тираи аморати Бухоро ҳамчун «як ситораи тобоне» намудор гашт. Дониш дар асарҳои худ ақидаҳои пешқадамашро нотарсона, ҷасурона пешниҳод кард, ки зимни ин фикрҳо манфиатҳои синфи меҳнаткаш ва орзую омоли омма пурра ба ҳисоб гирифта шуда буд.

Дар баробари ҷараёни маорифпарварӣ дар Осиёи Миёна боз ҷараёни ҷадидӣ пайдо шуд, ки ин ҷараён пас аз солҳои 1905–1907 дар Бухоро амалиёти худро сар карда буд.

Мақсади намояндагони ин ҷараён, пеш аз ҳама, он буд, ки Осиёи Миёнаро аз Россия ҷудо карда, онро ба султони Туркия тобеъ кунанд. Онҳо мехостанд давлати исломии буржуазӣ барпо намоянд. Намояндагони онҳо амиру вазиронро ситоиш менамуданд. Дар рӯзномаю маҷал-

лахое, ки онҳо ташкил карда буданд, бештар идеяҳои боло ташвиқу тарғиб карда мешуданд.

Ҳодисаю воқеаҳое, ки дар ҳаёти сиёсии Осиёи Миёна дар ин давраҳо ба вуқӯъ омаданд, ба бурду бохти ҳаёти илмӣ таъсири худро гузоштанд. Аввалан, ҳамин масъаларо бояд ёдовар шуд, ки илмҳои дақиқ, яъне табиатшиносӣ, инчунин таърих, ҷуғрофия, мусиқӣ, адабиётшиносӣ чандон инкишоф наёфтанд. Доир ба ҳаёту эҷодиёти адибони асрҳои номбурда чанд тазкира иншо шуд, ки ҳамаи онҳо дар як поя нестанд.

**«Тӯҳфатулаҳбоб фӣ тазкиратуласҳоб»**. Ин тазкира ба қалами олим ва шоири маорифпарвар Қозӣ Раҳматуллоҳи Возеҳи Бухороӣ тааллуқ дорад. Возеҳ дар ин тазкира (соли таълифаш 1871) дар бораи 130 нафар адибони Осиёи Миёнаи асри XIX маълумоти тарҷумаҳолӣ дода, аз осорашон намунаҳо меорад. Тазкираи мазкурро соли 1914 Мирзо Салимӣ чоп намуда, ба он шеърҳои зиёда аз 80 нафар шоирони дигари охирҳои асри XIX ва аввалҳои асри XX-ро дохил намуд. Ин тазкира барои омӯзиши адабиёт ва ҳаёти адабии ин асрҳо аҳамияти калони илмӣ ва адабӣ дорад.

Доир ба ҳаёту эҷодиёти адибони ин асрҳо тазкираҳои Афзали Пирмастӣ («Афзалуттазкор фӣ зикришшуаро вал ашъор»), Абдӣ («Тазкиратушшуаро), Мӯхтарам («Тазкираи Мӯҳтарам»), Шарифҷонмахдуми Садри Зиё («Тазкорулашъор») ва ғайра навишта шуда, барои равшан намудани баъзе масъалаҳои илмию адабӣ маводи хуб дода метавонанд. Вале тазкираҳо дар як поя нестанд. Масалан, Афзали Пирмастӣ ба эҷодиёти Аҳмади Дониш барин адиб баҳои манфӣ додааст. Албатта, чунин тазкираҳо хонандаро ба иштибоҳ андохта, ҳақиқати ҳолро рӯпӯш мекарданд.

Садри Зиё (1868–1931) ёддоштҳои худро дар бораи шоирон, олимон, хаттотон ва дигар афроди пешқадами замонаш таълиф намуд. Маҳз бо ёрию дастгирии ӯ асарҳои Аҳмади Дониш, Возеҳи Бухороӣ ва дигар адибони қарнҳои пешин нусхабардорӣ шуда, дар байни зиёиёну аҳли ҳунар паҳн гардиданд.

Дар ин давраҳо асарҳои Аҳмади Дониш «Манозирулкавокиб» («Манзараҳои ситорагон»), «Рисола фӣ аъмол ил кура» («Рисола дар бораи амалиёти кура») иншо шудаанд.

## ҲАЁТИ АДАБӢ

Нақши ҷараёни маорифпарварӣ дар инкишофи ҳаёти адабии ин асрҳо басо бузург аст. Сардори маорифпарварони Осиёи Миёна – Аҳмади Дониш се маротиба ба Россия сафар карда, бо маданияти нисбат ба аморати Бухоро инкишофёфтаи он шинос гардид. Афкори пешқадами Аҳмади Дониш, ки ба амиру вазир маъқул наафтод, ба омма, ба зиёиёну адибони озодфикр таъсири амиқ расонд. Таъсири Аҳмади Дониш ё ҷараёни маорифпарварӣ на танҳо дар байни халқи тоҷик зиёд буд, балки бисёр намояндагони халқҳои Осиёи Миёна мазмуну идеяи ҷараёни маорифпарвариро пазируф-

та, ба он ҳамроҳ шуданд ва асарҳои худро дар ҳамин маром эҷод карданд. Намояндагони пешқадами ин ҷараён Муҳаммадхоҷа Муқимӣ (1850–1903), Зокирҷон Фуркат (1858–1909), Ҳамза Ҳакимзода (1889–1929) ва дигарон дар эҷодиёташон ба муқобили зулму золимӣ, беинсофии амирон, амалдорони Россияи подшоҳӣ рӯирост баромад менамуданд.

Маркази ҷараёни маорифпарварӣ дар шаҳри Бухоро буд ва он намояндагоне, ки дар боло зикр шуданд, дар вилояти Фарғонаи кишвари Туркистон зиндагӣ ва эҷод мекарданд. Вале онҳо бавосита ё бевосита бо Аҳмади Дониш ва эҷодиёти ӯ ошно буданд ва дар эҷодиёти онҳо таъсири идеяҳои Аҳмади Дониш ба хубӣ равшан шуда меистод.

Аҳмади Дониш, Абдулқодирхоҷаи Савдо, Возеҳи Бухороӣ, Шамсиддин Шоҳин, Тошхӯҷа Асирӣ, Ҳайрат камбудию нуқсонҳои ҷомеа, зулму золимӣ, истисмор, беадолатӣ, фиребу найранг, пораҳӯрии ҳокимон, амалдорон, амиру вазиронро фошофош, беибо дар асарҳояшон ба зери тозиёнаи танқид гирифтанд. Масалан, Возеҳ ҳаёти табақаи болои ҷамъиятро ҳаматарафа омӯхта, кору рафтори онҳоро нолоиқ, «масдари сад фитнаю шар» номида, худи онҳоро ба аждаҳо ва хар монанд кардааст:

Аз хубси нафс масдари сад фитнаву шаранд,
Чун аждаҳо калиди дари ганҷу гаҳваранд.
Дар иддиои рутба зи афлок бартаранд,
Чун нек бингарӣ, ба ҳақиқат кам аз харанд.

Сонияи, маорифпарварони тоҷик барои инкишоф ёфтан ва тараққӣ намудани маданияти худ назди амир таклифу шартҳо мегузоштанд. Махсусан Аҳмади Дониш, Асирӣ, Мирзо Сироҷ таъкид намудаанд, ки аз илму маданияти халқҳои Европа истифода бояд бурд, забони онҳоро бояд омӯхт, тарзу усули таълимро бояд дигар кард, то ки кишвар ободу халқ осуда ва соҳибмаълумот гардад. Албатта, ин вазифаи ҳокиму амирон аст. Онҳо бояд бо адлу инсоф, хирадманду оқил ва бо фазлу дониш бошанд. Шоҳин аз набудани чунин ашхос шикоят мекунад:

Ҷаҳонбинию ҳукмронию дод,
Сазовори он гурди фарзона бод.
Ки ҷон бар сари марди доно кунад,
Ба коме, ки хоҳад, тавоно кунад.
Диҳад ганҷу омӯзад асрори илм,
Кунад хосили мулк дар кори илм.
Чу омӯхт аҳкоми ҳикмат тамом,
Диҳад мулки худро ба ҳикмат низом.
Хилофи амирони ин марзу бум,
Ҳуморо надонанд фарқе зи бум.
Дареғо, ки ин аблаҳон беҳисанд,
Тавонгар ба зар, дар ҳунар муфлисанд.

Ташвиқу тарғиби забондонӣ ва забономӯзӣ дар он замон аҳамияти калон дошт. Дониш дар «Наводирулвақоеъ», Мирзо Сироҷ дар «Тӯҳафи аҳли Бухоро» ва Тошхӯҷа Асирӣ дар ашъораш ин масъаларо барои ҳар як фарди

ваъият муҳим шуморида талаб мекарданд, ки на танҳо забони русӣ, туркӣ, арабӣ, немисӣ, англисӣ ва ғайраро омӯхтан зарур аст, балки илму фарҳанги онҳоро донистан мувофиқи матлаб аст. Чунончи дар ин бора Асирӣ гуфтааст:

Дигар илму забони аср омӯз,
Ҳамон илме, ки дунё созад обод.
Туро созад зи банди ҷаҳл озод,
Ба илми дунявӣ кӯшиданат беҳ,
Аз ин оби бақо нӯшиданат беҳ.

Хусусияти сеюми фаъолияти маорифпарварон он аст, ки мақсаду мароми оммаи меҳнаткашро дар осори худ бештар ифода менамоянд. Маорифпарварони тоҷик бо ҳар роҳу усул манфиатҳои деҳқонону ҳунармандонро ҳимоя намуда, зиндагии осудаҳолонаи онҳоро орзу мекарданд. Онҳо ба мамлакатҳою шаҳрҳои гуногун сафар карда, он чизе, ки дар сарзамини худ дорад, муқоиса намуда, қафомонӣ ва аҳволи душвори мардумони кишвари худро ба таассуф нишон додаанд. Масалан, Мирзо Сироҷ дар «Тӯҳафи аҳли Бухоро» чунин мегӯяд:

«Бубинед, ки илму сарват кори миллати Урупоро ба куҷо расонида, бамалию танбалӣ кори мо, аҳолии Осиёро ба чӣ пояи пастӣ кашонида. Зиндагии онон ба чӣ вусъат гузарон, мо мардум ба чӣ машаққату хорӣ? Қаҳвахонаҳои сарибозории онон аз иморати аъёни мо ҳазор дараҷа беҳтару нектар. Эй вой бар мо, вой бар мо!».

Барои ҳамин Мирзо Сироҷ муборизаи коргарону ҳунармандони шаҳри Табрезро, ки Лоҳутӣ сардори ин шӯришу исён буд, бо назари нек нигоҳ карда, ба ин восита оммаи меҳнаткаши Бухороро ба мубориза ҳидоят мекунад.

Маорифпарварони тоҷик барои ифодаи афкори хеш аз шаклу жанрҳои адабӣ, бо назму бо наср бамаврид истифода мебурданд. Пас аз Аҳмади Дониш кори ӯро шогирдонаш Возеҳ ва Шоҳин давом доданд. Мактаби таҷкиннамудаи Дониш дар ибтидои асри XX ҳам самари хуб дод. Асирӣ, Ҳайрат, Мирзо Сироҷ, устод Айнӣ анъанаи маорифпарварони асри XIX-ро дар шароити нави ҳаёти иҷтимоӣ давом доданд. Ба тарзи муқоиса нишон додани ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ, илмию маданӣ ва адабии кишварҳои мухталиф бо Осиёи Миёна дар асарҳои «Наводирулвақоеъ»-и Аҳмади Дониш, «Савонеҳулмасолик»-и Возеҳи Бухороӣ ва «Туҳафи аҳли Бухоро»-и Мирзо Сироҷ нишонрас аст.

Нависандагони пешқадам ба ҳар як ҳодисаю воқеаҳое, ки дар мамлакат рух медоданд, фавран ҳамовозӣ мекарданд. Масалан, он чизе, ки Дониш дар Россия дид, онро ба қалам дода, муносибати шахсии худро нисбат ба масъалаҳои ифшокардааш ҳаққонӣ баён намуд. Ё ки дар аввалҳои асри XX барои обёрӣ намудани даштҳои ташналаби Бекобод канали бузург сохта шуд. Асирӣ аз ин амал ба ваҷд омада, дар бораи канали Бекобод маснавие иншо кард. Дар оғози маснавӣ ҳолати дашти фарохи лабташна, макони вахшиёну хазандаҳои серщумор будани он тавсиф ёфта, ниҳоят бо дастгирию ёрии техника ва муҳандисони халқҳои дигар ба ин дашти лабташна ҷорӣ гардидани

оби ҳаётбахшро бо ҳиссиёти баланд ба қалам дода, ситоиш намудааст.

Канал дарвоза дорад, ки ин дарвоза бар асари комёбиҳои охири илмию техникии аср сохта шудааст. Ба ин восита хонандаро бо ин мӯъчизоти фарҳангӣ ошно мегардонад:

Даҳонаш ёздаҳ дарвоза дорад,
Ба ҳар як сегазӣ андоза дорад.
Бувад дарвозаҳо з-оҳан мурассас[1],
Ба фатҳулбоб[2] як мошин мухассас[3].
Ва болояш пуле аз оҳан иншо,
Ба услуби саноотн Урупо.
Лабу таҳташ ҳама аз сангу семин[4]
Мураттаб гашта ҳамчун кӯҳи сангин.
Агар он ҷумла дарҳоро кушоянд.
Тамоми оби Сайҳунро рабоянд.

Дар ин намуна ва умуман дар эҷодиёти адибони маорифпарвар мавзӯи дӯстии байни миллатҳо, халқҳо ба хубӣ инъикос ёфтааст. Асирӣ бо як муҳаббату самимият ин идеяро илко намуда, дар анҷоми маснавӣ фикрашро ба чунин байт ҷамъбаст менамояд:

Мусулмонон лаби таҳсин кушуданд.
Садои «Ура»-и ӯрусҳо суруданд.

Аҳмади Дониш дар «Наводирулвақоеъ» дар бораи зиёиён, санъаткорон, коргарон, олимони рус бо камоли эҳтиром сухан ронда, қадршиносӣ, одамгарӣ ва санъати баланди онҳоро ситоиш мекунад. Худи Дониш ва умуман маорифпарварон чи дар ҳаёти шахсӣ ва чи дар асарҳояшон нисбат ба халқҳо муҳаббат ва садоқати зиёд доштанд.

Мавзӯи дигар ва хеле муҳиме, ки дар ин асрҳо дар эҷодиёти адибони маорифпарвар қувват гирифта буд, тарғиби илму дониш ва вобаста ба ҳамин ситоиши мактабу омӯзгор аст. Ин мавзӯъ бештар дар эҷодиёти маорифпарварони ибтидои асри XX, шогирдони мактаби адабии Аҳмади Дониш – Асирӣ, Ҳайрат, Аҷзӣ, Мирзо Сироҷ ва Айнӣ акс ёфтааст. Дар ин давра дар Осиёи Миёна мактабҳои типи нав бунёд гардиданд, ки маорифпарварон барои толибилмони ин мактабҳо китобҳои дарсӣ, асарҳои хурди бадеӣ, ки характери таълимию тарбиявӣ доштанд, иншо карданд. Дар ин тип мактабҳо илмҳое, ки барои инсон заруранд, омӯзонда мешуд. Сарвари мактабҳои наву китобҳои дарсӣ Абдулқодири Шакурӣ, муаллим Раҳматуллозода, Мунзим ва устод Айнӣ буданд. Онҳо хусусияти синнусолии мактабиёнро ба ҳисоб гирифта, шеъру ҳикояҳои сода дар бораи мактаб ва вобаста ба ҳамин аҳамияти илму дониш дар пешрафти маънавиёти инсону сухани пандомезро дар китобҳои дарсии нав дохил карданд. Масалан, ус-

---

[1] *Мурассас* – маҳкам.
[2] *Фатҳулбоб* – кушодани дарвоза.
[3] *Мухассас*– махсус.
[4] *Семин* – семент.

тод Айнӣ дар ин бора чунин мегӯяд:

Бе ҷон ҷасадро қадре набошад,
Ҷисм аст инсон, ҷон аст мактаб.
Аз мактаб ояд осоиши дил,
Марғуби дилҳо з-он аст мактаб.
Бемактабонро набвад ҳаёте,
Об аст мактаб, нон аст мактаб.
Саъд аст мактаб, хайр аст мактаб.
Ин аст мактаб, шон аст мактаб.
Дар ҷисми дониш ҷон аст мактаб.
Дар моҳии ҷон об аст ирфон,
Дар мурғи ирфон дон аст мактаб.

Дигар, ба воситаи асарҳои бадеӣ ба фонди луғавии забони тоҷикӣ бисёр калимаю ибораҳои русӣ ва миллатҳои Европа дохил шудаанд. Албатта, аз ҳисоби забонҳои дигар бой шудани забони тоҷикӣ ҳодисаи нав нест. Маълум аст, ки ҳанӯз аз асрҳои IX–X сар карда ба воситаи адабиёти бадеӣ ва асарҳои илмӣ калимаю ибораҳои арабӣ, юнонӣ, туркӣ ва ғайра дохил гардида, фонд ва таркиби луғавии забони моро ғанӣ гардонида буданд. Калимаю ибораҳои дохилшуда ба қоидаҳои грамматикии забони мо мутобиқ шуданд. Вале ҷиҳати муҳимтаринаш дар ин давраи нави таърихӣ он аст, ки ба забони мо калимаҳои русӣ ва халқҳои Европа дохил гардиданд. Ин хусусиятро дар эҷодиёти Асирӣ, Мирзо Сироҷ, Возеҳ, Ҳайрат ва Айнӣ бештар мушоҳида менамоем. Масалан, Айнӣ дар маснавии «Сайри Ширбадан» бисёр калимаҳои русиро бамавқеъ истифода бурдааст:

Ман онгаҳ тамошогаҳе кофтам,
Ба дарвозаи сирк раҳ ёфтам.
Чу белат гирифтам, шудам андарун,
Ҳама буд он ҷо – чи аъло, чи дун.
Ба пеш устали лӯҷние буду бас,
Зада тахтаи первой ба пас.
Ба по рост истода кардам назар,
Сӯи халқи он анҷуман сар ба сар.

Дар ин намуна калимаҳои сирк (цирк), белат (билет), устали лӯҷни (ложа) ба тарзи талаффузи мардуми мо мувофиқ кунонда оварда шудаанд.

**Жанри адабӣ**

Дар адабиёти нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX нисбат ба наср назм бештар мақом дошт, ки ин, бешубҳа, анъанаи асрҳои пешин аст. Дар назми ин давра жанрҳои хурди лирикӣ: қасида, ғазал, рубоӣ, мухаммас, қитъа, таърих мавқеи калон доштанд. Тағйироти ҷиддиеро дар шаклу мазмуни ин жанрҳо қариб мушоҳида намекунем.

**Қасида.** Бештар қасидаҳои мадҳӣ ривоҷ ёфтанд. Шоирони дарбор Афзал, Оҷиз, Ато шавкату савлати худ, амир ва сарватмандонро мадҳу ситоиш менамуданд. Дар эҷодиёти шоирони ин давра қасидаҳои ахлоқӣ, фалсафӣ ва иҷтимоиро мо хеле кам мебинем.

**Ғазал.** Дар эҷодиёти аксари шоирони ин асрҳо ғазалро пайдо карда метавонем. Аммо ҳамаи онҳо дар як поя нестанд. Як гурӯҳ шоирон бештар

ба шаклпарастӣ машғул шуда, ба мазмун кам аҳамият медоданд. Онҳо ба назирагӯӣ ва тақлидкорӣ қувваи эҷодии худро сарф менамуданд. Масалан, ғазалҳои амир Абдулаҳадро, ки ҳому аз ҷиҳати санъати суханварӣ дар сатҳи қарор доштанд, шоирони хушомадгӯ тазмин менамуданд ё ғазалҳои ҷавобия иншо мекарданд.

Бо вуҷуди ин, ғазал дар эҷодиёти Шоҳин, Савдо, Ҳайрат анъанаҳои беҳтарини адибони бузурги гузаштаро нигоҳ дошт. Мазмунҳои сиёсиву иҷтимоӣ, ахлоқӣ, ишқӣ асоси мундариҷаи идеявии эҷодиёти ғазалсароёни пешқадами ин асрҳоро ташкил карда буд.

**Мухаммас.** Мухаммас ҳам дар адабиёти ин давраҳо яке аз жанрҳои маъмул ба ҳисоб рафта, асосан бо ду роҳи анъанавӣ иншо мегардид. Мавзӯи мухаммасоти адибони ин давр асосан ишқ аст. Вале дар мухаммасоти шоирони пешқадам, аз ҷумла, Шоҳин, Савдо, Ҳайрат, Туғрал, Ҳусайни Хатлонӣ мавзӯъҳои иҷтимоӣ, ҳасбиҳолӣ, ахлоқӣ бештар ифода ёфтаанд.

Масалан, Ҳусайн дар мухаммаси «Зиндагӣ» аз нодорӣ, кашшоқӣ ва ҷабру ситаме, ки аз золимони рӯзгор дид, шикоят намуда, чунин мегӯяд:

> Бурдаам умре ба сар дар имтиҳони зиндагӣ,
> Сар ба сар кулфат бувад фаслу замони зиндагӣ.
> Ҳасрате дорам зи ранги ину они зиндагӣ,
> Бекасу афтодаам андар ҷаҳони зиндагӣ,
> Мекашам ҷабру ҷафо, то ҳаст ҷони зиндагӣ.

**Рубоӣ.** Дар ин асрҳо ҳам рубоӣ яке аз жанрҳои маъмул буда, ҳар як адиб дар ин ҷода табъозмоӣ менамуд. Вале дар мазмуну мундариҷа ба рубоисароёни асрҳои пешин нарасиданд. Шоирони пешқадам дар рубоиёти худ мавзӯъҳои муҳими замонро инъикос менамуданд. Бештар мавзӯъҳои панду ахлоқ, фалсафӣ, иҷтимоӣ дар рубоиёт тасвир ёфта буданд.

Дар ин асрҳо рубоигӯӣ дар байни халқ хеле инкишоф мёебад. Дар рубоиёти халқӣ мавзӯъҳои ғарибӣ, камбағалӣ, шикоят аз зулми амирону ҳокимон ва ғайра бештар инъикос ёфтаанд. Албатта, ин бесабаб нест. Махсусан, мардуми кӯҳистон, ки ниҳоят кашшоқона умр ба сар мебурданд, барои пайдо кардани қути лоямут ба шаҳрҳо рӯ меоварданд. Бисёри онҳо дигар баргашта натавониста, дар ғарибӣ дур аз Ватан, аз зану фарзанд ҷон медоданд:

> Мо булбули мастему чаман нест моро,
> Мо марди мусофирем, Ватан нест моро,
> Ин умри азиз, ки бе Ватан мегузарад,
> Кардем сафари дуру кафан нест моро.

Ё ки:

> Дар ғарибӣ гашта-гашта ранги зард овардаам,
> Ранги зардамро ба пеши аҳли дард овардаам.
> Ранги зардамро бубину аз ҳазонам ёд кун,
> Бар сари қабрам нишину як даме фарёд кун.

Дар рубоиёти халқӣ садои эътирози мазлумон аз ҳокимону амирон, қозӣ ва дигар соҳибмансабон, ки ба сари онҳо зулму таадди ба дараҷае расонда буданд, хеле баланд аст. Онҳо орзу доранд, ки камону тире дошта бошанд ва

қасоси худро аз золимон гиранд, яъне ба синаашон тир андозанд:

Аз хона баромадум бозӣ-бозӣ,
Баста бурдан маро сагони козӣ.
Тирон бошаю кӯшакамоне созӣ,
Бар синаи золимон тир андозӣ.

Дар ин давра **суруду таронаҳои халқӣ** дар бораи мубориза ба муқобили золимон (суруди «Шӯриши Восеъ»), азобу машаққати аҳли ҳунар дар ҷамъияти онрӯза («Суруди бофандагон») ва дар дигар мавзӯъҳо шеръҳои хуб иншо шудаанд.

Анъанаи **хамсасароӣ** дар ин қарнҳо инкишоф намеёбад. Танҳо Шоҳин дар ҷавоби «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Низомию Амир Хусрав достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-ро иншо кардааст, ки аз ҷиҳати мазмуну мундариҷаи идеявӣ аз достонҳои ҳамномаш фарқ дорад. Дигар Хоҷа Ҳусайни Хатлонӣ дар пайравии достони «Комде ва Мадан»-и Бедил достони «Комде ва Мадан»-ро эҷод кардааст, ки аз ҷиҳати мавзӯъ ва сохти композитсионӣ ба асари Бедил шабоҳат дорад.

**Асарҳои ахлоқӣ** низ чандон ривоҷ наёфтанд. Фақат маснавии ахлоқии Шамсиддин Шоҳин «Тӯҳфаи дӯстон», ки дар пайравии «Бӯстон»-и Саъдӣ навишта шудааст, ба майдон омад. Вале асари мазкур ҳам нотамом мемонад.

**Насри бадеӣ** хеле пеш рафт. Асарҳои насрие, ки дар ин давраҳо иншо шудаанд, бо як қатор хусусиятҳои худ аз насри асрҳои XVII–XVIII фарқ карда меистанд. Пеш аз ҳама, дар асарҳои насрии ин давра тасвири вокеии ҳаёт табиӣ ва барҷаста аст. Масалан, «Наводирулвақоеъ»-и Аҳмади Дониш ва «Савонеҳулмасолик»-и Возеҳро гирем. Дар онҳо тасвири ҳодисаҳои таърихӣ, баёни масъалаҳои фалсафӣ, муносибати шахсии нависанда ба масъалаҳои ҳалталаб ва муҳими рӯз барҷаста ифода ёфтаанд. Баъзе хусусиятҳои асари ёддоштӣ – «Бадоеулвақоеъ»-и Маҳмуди Восифиро дар онҳо дида метавонем. Вале бисёр проблемаҳои муҳиме, ки дар ин ду асар бардошта шудаанд, дар асари Восифӣ дида намешаванд. Масалан, ба тарзи муқоиса нишон додани ҳаёти сиёсӣ, маданӣ ва адабии кишварҳои гуногуни Осиёи Миёна, ё ки барои беҳтар гардидани маданияту адабиёти мардуми ин кишвар шартҳо, дархостҳо пешниҳод кардаанд. Дар ин асарҳо ҷанбаи публитсистӣ хеле қавист. Нависандагон аз намунаҳои насри ҳаҷвии адибони пешин устокорона истифода бурдаанд. Илова бар ин, дар гузориш ва ҳалли мавзӯъҳо нависандагон усулу методи ҷанговаронаи нависандагони маорифпарвари Европаи Ғарбӣ ва Россияро бо ҳам пайвастаанд.

Дар ибтидои асри XX, пас аз инқилоби соли 1905–1907 Россия дар ҳаёти маданӣ ва адабии халқҳои Осиёи Миёна дигаргуниҳои назаррас рух доданд. Адабиёти нави ба истилоҳ адабиёти ҷадидӣ пайдо шуд. Намояндагони ин равия беҳтар шудани зиндагӣ, тағйир ёфтани сохти давлатдорӣ ва барпо намудани мамлакати буржуазиро тарафдор буданд. Барои амалӣ гардидани ин масъалаҳо маърифатнок намудани оммаро шарти аввалин ҳисоб мекарданд. Аз ин

чост, ки онҳо барои ин мақсад рӯзномаю маҷаллаҳо ташкил намуданд. Илова бар ин, онҳо осори нависандагони Ғарб ва Россияро ба забони тоҷикӣ тарҷума мекарданд ва дар боробари ин худ асарҳо меофариданд.

Дар солҳои 1909–1917 дар адабиёти мо асарҳои драмавӣ пайдо шудаанд. Пйесаи М. Беҳбудӣ «Падаркуш» соли 1913 чоп шудааст. Персонажи асосӣ–бой як писар дорад, ки барои молу чиз шуда падарашро мекушад. Пйесаҳои Нусратулло Қудратулло «Тӯй ва Ҳоҷа Муин», «Мактаби кӯҳна -мактаби нав» ва ғайра ба майдон омаданд.

Дар ин давра асарҳои насрии Фитрат «Мунозира», «Баёноти сайёҳи ҳиндӣ» иншо шудаанд. Онҳо аз ҷиҳати мавзӯъ, сабки баён қобили таваҷҷӯҳанд. Дар онҳо нависанда намояндагони ҷоҳили дин ва қоидаю қонунҳои исломро дар зимни образҳои бадеӣ мазаммат менамояд. Дигар, хусусиятҳои миллатчигию пантуркистӣ дар кор ва эҷодиёти ӯ ба хубӣ мушоҳида мешуданд.

Мирзо Сироҷ, яке аз нависандагони ҳушсалиқа буд, Вай то андозае манфиати буржуазияи маҳаллиро инъикос мекард. Нависанда дар «Тӯҳафи аҳли Бухоро» дар бораи як қатор мамлакатҳои Европа, зисту зиндагӣ, урфу одат, адабиёт ва санъати мардуми ин кишварҳо маълумоти муфассал додааст. Асар аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ва бисёр хусусиятҳои худ ба жанри ёддошт наздик аст. Пас аз мутолиаи асари «Туҳафи аҳли Бухоро» хонанда ба чунин хулоса меояд, ки Мирзо Сироҷ нисбат ба Ватан муҳаббату самимияти зиёде дорад. Ӯ аз пешрафту тараққии илму адаб ва ободии мамлакатҳои мутараққии Европа мутаассир гашта, кишвари қафомондаи Бухороро бо онҳо муқоиса менамояд ва аз қафомонии Ватани худ мутаассир мегардад, ашк мерезад: «Бубинед, ки… беилмӣ ва танбалӣ кори мо аҳолии Осиёро ба чӣ пояи пастӣ кашонида… Аз пироҳани атфол гирифта то кафани мурдагон бояд аз Аврупо биёяд. Охир мо мисли онон одамем. Дили мо мехоҳад ба хонаҳои хуб манзил намоем, дили мо мехоҳад, ки шаҳрҳо ободу хушиморат бошанд. Мо ҳам мехоҳем басарват бошем. Фарзандони худро тарбият ва таълим кунем. Банда ҳар қадар Порисро сайругашт мекардам, бисёр аз Ватани азиз ба хотирам расида, ҳама вақт ашк аз чашмонам мерехт».

Дар ин давра тарҷумаи асарҳои бадеии нависандагони рус, Европа ва дигар миллатҳо зиёд мегардад. Масалҳои Крилов, «Бандии Кавказ»-и Л. Н. Толстой, киссаи «Моҳигир ва моҳии тилло»-и А. С. Пушкин, романи «Доруррохат»-и И. Гаспаринский ва ғайра тарҷума шуда, ба табъ расиданд. Бештари асарҳои номбурдаро ноширони маҳаллӣ дар матбааҳои Тифлис, Қазон, Боку, Когон чоп кардаанд. Аз тарафи дигар, рӯзномаҳои «Бухорои Шариф», «Самарқанд», маҷаллаҳои «Оина» ва «Зарафшон» барои дастрас намудани асарҳои тарҷумавӣ ҳизмати арзанда намудаанд.

Забон ва тарзи баёни нависандагони ибтидои асри XX аз асрҳои пешин ва инчунин аз нимаи дуюми асри XIX низ фарқ дошт. Яъне аз ҷиҳати содагӣ оммафаҳмӣ ба халқ наздик буд. Зеро мақсади нависандагони пешқадам, пеш аз ҳама он буд, ки афкорашонро бояд халқи меҳнаткаш фаҳмад. Он китобҳои дарсӣ ва он шеъру ҳикояҳое, ки онҳо чоп мекарданд, бояд ба до-

ниш ва фаҳмиши омма наздик бошанд. Калимаю ибораҳои арабӣ, таърифу тавсифҳои душворфаҳм дар наср кам гардид. Илова бар ин, дар таркиб ва сохти ҷумлаҳо як дигаргуниеро мушоҳида кардан мумкин буд. Дар боло аз асари «Тӯҳафи аҳли Бухоро» намунае оварда будем. Инак як намунаи дигар аз ҳикояи «Закӣ»-и китоби дарсии «Таҳзибуссибён:

«Дар фасли баҳор, рӯзи шанбе дар мактаб «имтиҳон мешавад», – гуфта хабар дода буданд. Аз имтиҳон як рӯз пеш Закиро падараш дар шаҳр тамошо кунонида мегашт. Гузорашон ба бозори китоб афтод. Закӣ як ҷилд китоби мусаввари хушхатро дида, аз падараш илтимос намуд, ки ҳамин китобро ҷиҳати ӯ бихарад. Падараш ваъда намуд, ки ҳар гоҳ пагоҳ дар имтиҳон ба дараҷаи аввали синф гузарӣ, ҳамин китобро ба ту гирифта медиҳам».

Намунае, ки мо дар боло овардем, пурра собит менамояд, ки нависандагони ибтидои асри XX на танҳо дар мазмуну мундариҷаи идеявии асарҳояшон мувофиқи талаботи замон дигаргунӣ дохил намудаанд, балки онҳо барои демократӣ намудани забон такмили забони зиндаи халқ–забони гуфтугӯӣ ва таркиби луғавии онро ба ҳисоб гирифтаанд, саъю кӯшиши зиёд ба харҷ додаанд. Асарҳои дар ин давра бавуҷудомада дар ташаккули забони адабии ҳозираи тоҷик ёрӣ расониданд. Устод Айнӣ ва дигар маорифпарварони ин давра бо эҷодиёти худ пояҳои аввалини адабиёту забони нави моро ҳанӯз дар ҳамон рӯзгор гузошта буданд. Бешубҳа, дар ибтидои асри XX мактаби адабии маорифпарварии Аҳмади Донишро Савдо, Асирӣ, Ҳайрат, Мирзо Сироҷ бомуваффақият давом додаанд, ки мо ҳоло ба тариқи хеле мухтасар дар бораи ҳаёту эҷодиёти онҳо маълумот медиҳем.

## АБДУЛҚОДИРХОҶАИ САВДО

Абдулқодирхоҷа, ки бо тахаллуси Савдо машҳур аст, соли 1823 дар Бухоро таваллуд ёфтааст. Падараш марди фозил буд ва барои саводнок намудани фарзандаш саъю кӯшиши зиёд намуд. Аз ин рӯ, Савдо дар синни 22-солагӣ мадрасаро хатм намуда, аксарияти илмҳои маъмули замонаашро аз худ менамояд. Махсусан дар илми мусиқӣ, хаттотӣ, наққошӣ, зарҳалкории китоб, таърих, нуҷум ва шеъру адаб ҳунарманд гардид.

Амир Савдоро ба дарбор даъват менамояд. Умри ӯ дар дарбор гузашт. Эҷод кард, амирро васф намуд. Вале як гурӯҳи шоирони нотавонбин истеъдод ва ҳунари Савдоро чашми дидан надоштанд, ба ӯ бахилӣ мекарданд. Аз ин хотир Савдо хост, ки дарборро тарк кунад, аммо амир розӣ нашуд. Савдо дар як рубоияш, ки пас аз сафари амир ба Ширбадан иншо намудааст, аз чархи фалаку мӯҳтоҷӣ ва озод набуданаш шикоят намуда мегӯяд:

Эй чархи фалак, ҷафо ба ҷонам кардӣ!
Мӯҳтоҷ ба як бурдаи нонам кардӣ!
Ман ошиқи ринди бенамозе будам,
Дар Ширбадан намозхонам кардӣ!

Ниҳоят дар як сафаре, ки соли 1873 ба Норак карда буд, дар дарёи Вахш ғарқ шуда, зиндагиро падруд мегӯяд.

Мероси адабии Савдо то ҳанӯз пурра ҷамъ оварда нашудааст. Ӯ бештар дар жанрҳои хурди адабӣ–қасида, ғазал, рубоӣ, мухаммас ва ғайра асар эҷод кардааст, ки миқдори онҳо ба 1500 байт мерасад. Дар наср ҳам табъозмоӣ намудааст. Ӯ асари насрии «Музҳика»-ро навиштааст, ки аз панҷ нағма ё боб иборат аст. Ин асар аз ҷиҳати мазмун ҳаҷвӣ буда, масъалаҳои мухталифи зиндагиро аз нуқтаи назари танқидӣ матраҳ месозад.

Умуман Савдо дар назмаш бештар ба ҳаҷв майл дошт. Савдо ба эҷодиёти Бедил пайравӣ намудааст. Вале адиб сохт, вазни ғазалҳои Бедилро нигоҳ дошта, бо ҳамон вазну услуб ва радифу қофия мазмуни ғазалҳоро тамоман тағйир додааст. Масалан, агар Бедил дар ғазали зер, ки матлаъаш ин аст:

Ба авҷи кибриё, к-аз паҳлуи аҷз аст роҳ он ҷо,
Сари мӯе гар ин ҷо ҳам шавӣ, бишкан кулоҳ он ҷо!

бузургию тавоноии Аллоҳро ситоиш карда бошад, Савдо дар ғазали ҷавобияи худ хислатҳои мумсикии савдогарон ва умуман аҳли ҷоҳро ба зери тозиёнаи танқид мегирад:

Ба авҷи бепулӣ, к-аз паҳлуи харҷ аст роҳ он ҷо,
Сари мӯ харҷ афзунтар кунӣ, бишкан кулоҳ он ҷо!
Адабгоҳи хасосат харҷи беҷо барнамедорад,
Чу ҳамён сар ба мӯҳри танга меболад нигоҳ он ҷо.
Кунам карзе ба афсуни дили бемуддао, Бепул,
Аз он мумсик, ки гар мункир шавам, набвад гуноҳ он ҷо.

Ҳамин тавр, ҳаҷвиёти Савдо характери иҷтимоӣ дошта, дар онҳо нуқсонҳои ҷомеа, фиребу найранги аҳли ҷоҳ фошофош ба қалам дода шудаанд. Савдо дар шеъри поён бо тамасхур шаҳнаро мазаммат намуда, хар номидааст:

Шаҳна аст он ки харобот харобод кунад,
Дар харӣ хубтар аз шаҳна харе дидӣ? – Не!

Савдо дар шеъри дигар мӯҳтасиб ва навкарони онро ҳаҷв намуда, таъкид менамояд, ки одамони мӯҳтасиб илова ба ғорату дуздии моли мардум ба киморбозӣ машғул шуда, ҳатто «куртаи садямокро» бурдаанд:

Вазъи киморпешагон пураҷаб асту ин аҷаб,
Навкари мӯҳтасиб бурад куртаи садямокро.

Ғайр аз ин, Савдо дар ашъораш дигар золимонро бо камоли нотарсӣ ҳаҷв намуда, дар баробари ин одамонро ба накӯкорӣ, додгустарӣ ва дигар хислатҳои ҳамидаи инсонӣ даъват кардааст.

## МУҲАММАДСИДДИҚИ ҲАЙРАТ

Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат дар Бухоро аз оилаи мазлум соли 1878 ба дунё омадааст. Ӯ таҳсили ибтидоиро дар назди падараш гирифта саводнок шуд. Вале аввал модар ва дар синни 12-солагӣ падараш ҳам аз ҳаёт чашм

пўшид. Барояш зиндагӣ вазнин гардид.

Сипас ӯ тахсили худро дар мадраса давом дод. Маҳз дар ҳамин давраҳо устод Айнӣ бо Ҳайрат шиносоӣ пайдо кардааст. Айнӣ Ҳайратро бо яке аз мардони фозил ва шеърпарвар Шарифҷонмахдум ошно кард. Ба воситаи Шарифҷон Ҳайрат бо одамони номдор, шоирону донишмандони бузург алоқа пайдо намуда, аз онҳо доир ба илму фарҳанг ва нозукиҳои пешаи шоирӣ таълим гирифт. Махсусан дар тағйир ёфтани ҷаҳонбинии адиб мутолиаи дастхати асари Ахмади Дониш «Наводирулвақоеъ» аҳамияти калон дошт. Ҳайрат пас аз мутолиаи ин асар сабаби бисёр ҳодисаю воқеаҳо, нуқсону иллатҳои иҷтимоии рӯзгорро дарк намуд. Дигар, шахсияти Дониш ҳамчун шахси бофазлу дониш, нотарс, ростгӯю покви̇ҷдон ба оянда Ҳайрат таъсири калон расонд ва баъдтар яке аз пайравони мактаби адабии Дониш гардид.

Ҳаёти минбаъдаи Ҳайрат бо азобу машаққат мегузарад. Нодорӣ ва муфлисӣ Ҳайратро ба танг меоранду дардманд мешавад. Ҳарчанд дӯстонаш барои беҳ шудани саломатии ӯ саъй карда бошанд ҳам, фоида намебахшад. Ҳайрат соли 1902 аз касалии сил вафот мекунад.

Мероси адабии Ҳайрат чандон зиёд нест. Шоир асарҳояшро ба шакли девон надароварда буд. Пас аз вафоташ Айнӣ ва Мунзим шеърҳои парокандаи ӯро ҷамъ намуда, ба шакли девон медароранд, ки миқдори абёти девон ба 2000 байт мерасад.

Ҳайрат шоири лирик аст. Қариб ҳамаи ашъори ӯ дар жанрҳои хурди лирикӣ суруда шудаанд. Мазмуну мундариҷаи идеявии асарҳои ӯро танқиди замон, аҳли ҷоҳу мансаб, шикоят аз нодорию бечорагӣ, тараннуми дӯстӣ, муҳаббати поки инсонӣ ва ғайра ташкил медиҳанд.

Ҳайрат дар рубоии зер зулму бедодии амалдорону соҳибмансабонро сахт накӯҳиш менамояд:

Эй рафта тариқи ҷафокории халқ,
Парҳез накарда ҳеҷ аз зории халқ.
Эй пирзада, то ба кай аз қаҳр занӣ,
Ҳамчун ақраб неши ситамгории халқ?

Дар рӯзгори Ҳайрат ба намуди зоҳир аҳамият додан мисли касали вабо паҳн шуда буд. Ашхосе, ки саллаҳои калон, ҷомаҳои қиматбаҳо ва ришу фаши дароз медоштанд, одамони бохирад ва донишманд ҳисоб меёфтанд. Аммо дар амал бештари онҳо аз фазлу дониш орӣ ва ёвагӯ буданд. Ҳайрат дар ғазали поён чунин ашхосро сахт мазаммат кардааст:

Эй хар ҳами дастори ту бозори калова,
Риши ту ба бозори каловаст илова.
Рухсори ту як шаттазаминест пур аз заҳ,
Бинии ту дар заҳкаши он китъа чу нова.
Сар ҳамчу каду холию аз харза даҳон пур,
Қомат чу шутур навчаю ишкам чу каҷова.
Атвори ту чун вахшию андоми ту манфур,
Кирдори ту бемаънию гуфтори ту ёва.

Ҳайрат истеъдоди баланди суханварӣ дошт. Тасвирҳои табиӣ тару тоза, забони равону сода хоси ашъори рангини ӯ буданд. Масалан, ғазали поёнро чун

намуна меорем, ки шоири номурод ҳанӯз онро дар синни 16–17-солагиаш иншо намудааст:

Эй сарв, бе ибо ба чаман сар кашидаӣ,
Моно, ки сарви қомати ӯро надидаӣ.
Ороми сарви ман бувад аз ҷӯйбори чашм,
Эй сарв, агар ту бар лаби ҷӯ орамидаӣ.
Ӯ сарви дилбар асту равон асту дар хиром,
Ту сарви бебариву ба кунҷе хазидаӣ.

Устод Айнӣ дар «Ёддоштҳо»-и худ дар боби навишта шудани ғазали боло таваққуф намуда, ба он аз нуқтаи назари шеършиносӣ баҳои арзанда медиҳад: «Ин ғазал ба болои он ки равон, сода, ҳамафаҳм, ҳамаи калимаҳояш дилчасп буда, бо камоли маҳорат баргузида шуд ва дар ҷои худ монанди нигинакориҳои нодиркорона шинам шудаанд, як эълони мубориза буд бар зидди ташбеҳҳои ғайритабиии обшустаи шоирони гузашта, ки то он замон аз тарафи тақлидчиён такрор меёфтанд. Маълум аст, ки шоирон, ҳар ҷо ки қомати ёр ояд, албатта ба сарв, шамшод ва тубии афсонавӣ, ҳатто ба ар-ар, ки як дарахти қадбаланди бисёр баднамост, монанд мекарданд. Ҳайрат дар мунозираи худ аз он дарахтон сарвро, ки беҳтарини онҳо ҳисоб меёфт, гирифта маҳалли баҳси худ қарор дода буд ва бо санъати шеърия дар пеши қади ёр ҳеч гуна зебоӣ надоштани вайро бомуваффақияти тамом исбот карда буд».

Ҳамин тавр, аксарияти ашъори Ҳайрат аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ва сабки нигориш дар пояи баланд меистанд. Ӯ бо асарҳои худ барои демократӣ кунонидани забони адабӣ саҳми арзанда гузоштааст.

## ТОШХӮҶАИ АСИРӢ

Соли 1864 дар шаҳри бостонии Хуҷанд Асирӣ дар оилаи ҳунарманди сангиосиётарош таваллуд ёфтааст. Асирӣ таҳсили ибтидоиашро дар Хуҷанд гирифта, соҳиби хату савод шуд. Баъд барои такмили дониши худ ба шаҳри Қӯқанд, ки яке аз марказҳои илмию адабии Осиёи Миёна ба ҳисоб мерафт, рахти сафар барбаст. Асирӣ усули таҳсили мадрасаҳои Қӯқандро напазируфта, тарки таҳсил кард ва илмҳои маъмули замонаашро мустақилона омӯхт. Асирӣ ба доираи адабии Қӯқанд наздик мешавад. Сарвари ин доираи адабӣ Муқимӣ ва Фурқат буданд ва онҳо низ дар мактаби маорифпарварии Аҳмади Дониш тарбия ёфта, дар инкишофи адабиёти ӯзбек саҳми калон гузоштанд. Дар он рӯзгор Қӯқанд ба ҳайати Россия дохил мешуд ва таъсири илму маданияти рус ба он хеле калон буд. Аз ин ҷост, ки Асирӣ дар Қӯқанд забони русиро омӯхт ва ба адабиёту маданияти он аз наздик ошно шуд.

Пас аз 8 соли зиндагӣ ва таҳсил Асирӣ боз ба Хуҷанд баргашт ва ба касби меросии сангиосиётарошӣ машғул гардид ва дар баробари ин шеър эҷод мекард.

Асирӣ соли 1915 дар шаҳри Хуҷанд аз дунё чашм пӯшид.

Мероси адабии Асирӣ чандон зиёд нест. Ӯ асосан дар жанрҳои хурди

адабӣ– ғазал, қасида, қитъа, рубоӣ, мухаммас ва ғайра табъозмоӣ намудааст. Илова бар, ин Асирӣ манзумаҳо ё маснавиҳои ҳаҷман хурд низ офаридааст.

Мавзӯи ашъори Асирӣ гуногун аст. Аввалан, Асирӣ таблиғгари ҳаёти нав аст. Ӯ одамонро ба илму фарҳанг омӯхтан даъват намудааст. Адиб таъкид мекунад, ки пешаҳоеро, ки имрӯз барои ҷамъият заруранд, бояд аз худ намуд. Ва ин амал вазифаи муқаддаси ҳар як фард ба ҳисоб меравад:

Макотибҳои нав бунёд созед,
Раҳи дарси навӣ иршод созед!
Ду чашм аз хоби ғафлат боз доред!
Ба заръи дунявӣ киште бикоред!
Қироатхонаҳо барпо намоед,
Макоми маслиҳат иншо намоед!
Агар Чин аст ё Маскав, ба ҳар ҳол:
Сазад рафтан пайи таҳсили икмол.
Ба ҳар як лафз дар фанни малоҳат,
Китобат кун зи тасnифи саноат!
Чи аз мошинаю фабрикаи рус,
Чи меъморӣ зи Мисру равзаи Тӯс.
Ружӯе бар тараққиёт бояд,
Ки дониш боби худ бар мо кушояд.

Асирӣ дар баробари таърифу тавсифи рӯйдодҳои нави ҳаёт, ки дар зиндагии онрӯза рух дода буданд, усули таълими мактабу мадрасаҳои кӯҳнаро мазаммат мекунад. Давру замон дигар шуд, бояд мутобиқи он кору амал намоем:

Чу омад асри нав, кӯшиш намоед,
Мутобиқ бар ҳамин ҳиммат физоед!

Асирӣ ба фарзандаш насиҳат карда мегӯяд, ки ҳамон илмеро фаро гирифтан лозим аст, ки дар айни замон муҳим буда, ҳам барои ҷомеа манфиат ба бар биёварад.

Биё, эй нури чашму ҷони дида,
Зи ман бишнав яке панди ҳамида,
Зи илму касби обо тӯша андӯз,
Дигар илму забони аср омӯз.
Маошат аз ҳунар гар ҳосилояд,
Туро роҳат ба ҷон мустаҳсил ояд.
Ба илми дунявӣ кӯшиданат беҳ,
Аз ин оби бақо нӯшиданат беҳ.

Ғайр аз ин, Асирӣ дар эҷодиёташ ба масъалаҳои ниҳоят муҳими рӯзгор, диққат дода, онҳоро дар асарҳояш нишон медиҳад. Масалан, дар маснавии «Канали Бекобод» проблемаи обёрӣ кардани даштҳои лабташна ва аз ин ҳисоб ба кор даровардани заминҳои бекорхобидаро ба миён мегузорад. Дар ҳақиқат, эҳтиёҷи аҳолӣ ба об зиёд буд. Рӯдхонаҳо ифлосу таъмирталаб гардида буданд. Деҳқонон замини корам надоштанд. Аз беобӣ дар гармои тобистон ҳосил нобуд мешуд. Асирӣ ин аҳволи вазнини деҳқононро дида, рӯҳан азоб мекашид ва барои беҳбудии зиндагии оянддаи деҳқонон кушодани ка-

налҳоро пешниҳод кард:

Гар аз Ҷайҳун ду-се ҷӯе бароранд,
Бухоро, Хеваро фирдавс созанд.
Ба Сайҳун боз агар шохе фазоянд,
Ба саҳрои Чуқурбекат кушоянд.
Деҳоту шаҳрҳо маъмур гарданд,
Ки рашки Кашмиру Лоҳур гарданд.
В-аз он пас аз кафои Ӯш як ҷӯй,
Ба тахти кӯҳ оад то бад-ин сӯй.
Зи фавқи Маргелон то Конибодом,
Аз он ҷо то саводи хиттаи Ём
Хавосу Истаравшан то ба Зомин
Шавад ғайратфизои мулк то Чин.

Хулоса, Асирӣ ба воситаи ин маснавӣ афкори инсондӯстӣ, адолатхоҳии худро тасвир намудааст. Ӯ дар бораи пешрафту тараққии кишвар андешаҳои хешро баён карда, ба қувваи хирад, илму техникаи муосир боварии комил доштааст. Аз тарафи дигар, идеяи дӯстӣ, ҳамкорӣ, ҳамраъйии халқи тоҷикро бо халқи рус ҳанӯз дар ҳамон замон ба хубӣ нишон додааст.

## МИРЗО СИРОҶИ ҲАКИМ

Мирзо Сироҷ соли 1877 дар Бухоро аз оилаи бозаргон таваллуд ёфтааст. Падари Мирзо Сироҷ Абдурауф аз хурдӣ фарзанди худро барои таҳсил ба мактаби усули нав дод. Пас аз он ки Сироҷ хату савод пайдо кард, ӯро барои омӯзиши забонҳои европоӣ ҳидоят намуд. Дар ин бора Мирзо Сироҷ чунин мегӯяд: «...пеши як нафар муаллими русидон шурӯъ ба хондану навиштани забони русӣ намуда, дар муддати шаш моҳ хондану навиштани забони русиро балад шудам (яъне ёд гирифтам)». Баъдан забони туркӣ, франсавӣ, арабиро низ меомӯзад ва ба воситаи забони русӣ ва туркӣ рӯзномаю маҷаллаҳоро мутолиа мекунад.

Мирзо Сироҷ чун ба камол расид, касби падарро пешаи худ қарор дод ва дар баробари ин илму фарҳанг низ омӯхт. Ӯ ба хариду фурӯши пахта дар Бухоро ва ҳам дар пойтахти Фарғона – Қӯқанд машғул буд.

Сироҷ дар баробари субути корҳо, шеър иншо мекард ва шеърҳояш ба воситаи матбуоти даврӣ ба табъ мерасиданд. Дар ашъораш мавзӯъҳои муҳимми замон бештар инъикос меёфтанд. Ӯ ба шоирон ва саромадони илму адаби гузашта, аз ҷумла устод Рӯдакӣ, иҳлос ва муҳаббати зиёд дошт. Вале аз адибони ҳамзамонаш талаб мекард, ки замона дигар шудааст ва бояд вазифаи шеъру шоирӣ низ ба мароми имрӯз мувофик бошад, аз қасидаҳои мадҳӣ, образҳои обшуста даст кашем:

Мо ҷумлаи шоирон саросар,
Аз пойи фитодаем яксар.
Дар васфи узору чашми шаҳло,
Гуфтем қасидаҳои гарро.
Аз ишқи маҷоз чашм пӯшед!
Дар ишқи ҳақиқатӣ бикӯшед!

Мирзо Сироҷ чанд сол сарват ҷамъ кард. Мақсад дошт, ки ба як қатор мамлакатҳои Европа сафар намуда, бо ҳаёту зиндагии мардумони он ошно шавад. Ҳамин тавр ҳам шуд. Соли 1900 Мирзо Сироҷ ба Германия, Англия, Франсия, Австрия, Швейтсария, Туркия, Эрон, Афғонистон сафар карда, бо ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, маданӣ ва адабии ин мамлакатҳо шинос мегардад. Пас ба Бухоро омада пешаи бозаргониро раҳо карда, ба табобати беморон машғул мегардад. Аз ин ҷост, ки мардум ба вай унвони «Ҳаким», яъне докториро медиҳад. Мирзо Сироҷ дар Тифлис ва Теҳрон ҳам ба тарзи шарқӣ ва ҳам ба тарзи европоӣ илми тиббро аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ аз худ менамояд.

Ҳаким Мирзо Сироҷ соли 1907 асари бузурги худ «Тӯҳафи аҳли Бухоро»-ро навишта ба итмом расонд. Ин асар соли 1910 аз чоп баромад. Пас аз ду соли чопи асар, яъне соли 1912 дар айёми ҷӯшу хурӯши эҷодӣ Мирзо Сироҷ дар Бухоро вафот мекунад.

Дар вафоти ин марди донишманд, маорифпарвару ватандӯст мардуми оддӣ, одамони пешқадам ашки ҳасрат рехтанд. Масалан, дар ҳамон шабу рӯз устод Айнӣ сӯзу гудози умумро дар марсияи дар вафоти Мирзо Сироҷ эҷод кардааш бисёр амиқу равшан ва таъсирбахш ба қалам додааст:

Оҳ, сад оҳ, ки барбаст абадӣ роҳи сафар,
Аз Бухоро сӯи Фирдавс яке донишвар,
Рафту дар маҳфили аҳбоб аз ӯ нест нишон,
Рафту дар сафҳаи айём аз ӯ нест асар.
Он ки такмили фунун кард дар айёми шабоб,
Он ки таҳсили ҳакам кард дар аснои сафар...
Оташ аз синаи ман дарзада дар пайкари ман,
Об шав, об, зи ду чашми ман, эй хуни ҷигар.

Мирзо Сироҷ пас аз марг ба наслҳои оянда «Тӯҳафи аҳли Бухоро»-ро мерос гузошт. Дар ин асар Мирзо Сироҷ ҷо-ҷо шеърҳои пароканда худро вобаста ба мавзӯъ ва мундариҷаи бобҳо дохил кардааст. Вале онҳо каманд. Мирзо Сироҷ нависандаи навовар ва воқеанигори асри худ аст. Ӯро аз рӯи мақолаҳое, ки дар рӯзномаю маҷаллаҳо чоп менамуд, яке аз аввалин рӯзноманигорони тоҷик номидан хато нахоҳад буд.

«Туҳафи аҳли Бухоро» ҷамъбасти афкори мардумони пешқадами ибтидои асри XX аст, ки дар бораи тағйир додани ҳаёти иҷтимоӣ, маданӣ ва адабии ин давраи таърихӣ зимни ҳодисаю воқеаҳои мухталиф нишон дода шудаанд.

**Савол ва супориш**

1. Мақсади ҳукумати Россияи подшоҳӣ аз забт намудани Осиёи Миёна дар чӣ буд? 2. Пас аз забти Осиёи Миёна аҳволи халқ чӣ хел шуд? Оё ба пайдо шудани синфи коргар чӣ он таъсир расонд? 3. Аҳамияти сиёсӣ, иқтисодии ин ҳамроҳшавиро шумо дар чӣ мебинед? 4. Ба кадом роҳ маданияти Россияи подшоҳӣ ба ҳаёти маданиии мо таъсир расонд? 5. Чаро рӯҳониён барои ҷорӣ намудани маданияти рус муқобил буданд? 6. Бартарии мактабҳои типи нав дар чӣ буд? 7. Дар ин асрҳо бештар кадом илмҳо ривоҷ ёфтанд ва

чаро? 8. Сабаби инкишоф ёфтани тазкира ва тазкиранависиро дар чӣ мебинед? 9. Дар ин асрҳо дар кадом шаҳрҳо доираҳои адабӣ вуҷуд доштанд? 10. Сабабҳои объективии пайдо шудани ҷараёни маорифпарвариро шумо дар чӣ мебинед? 11. Аввалин маорифпарварони Осиёи Миёна киҳо буданд? 12. Чаро Донишро сарвари маорифпарварони Осиёи Миёна мегӯем? 13. Таъсири маорифпарварон ба ҳаёти адабӣ чӣ гуна аст? 14. Мазмун ва мундариҷаи ғоявии асарҳои намояндагони ин ҷараёнро шарҳ диҳед. 15. Дар эҷодиёти Асирӣ кадом мавзӯъҳо бештар инъикос ёфтаанд? 16. Кадом мавзӯъҳо дар эҷодиёти Ҳайрат ва Савдо бештар ифода ёфтаанд? 17. Адабиёти ин асрҳо бо кадом хусусиятҳояш аз асрҳои пешин фарқ мекунад? 18. Дар эҷодиёти намояндагони ин асрҳо кадом жанрҳо бештар инкишоф ёфтанд? 19. Анъанаи достоннависӣ оё дар ин асрҳо давом кард? 20. Насри ин давра бо кадом роҳ инкишоф ёфт? 21. Ҷараёни ҷадидизм ба адабиёти бадеӣ чӣ алоқа дошт? 22. Мақсади намояндагони ин ҷараён дар чӣ буд? 23. Намояндагони маорифпарварони ибтидои асри XX аз нимаи дуюми асри XIX бо кадом хусусиятҳояшон фарқ доранд? 24. Таъсири инқилоби соли 1905–1907 рус ба эҷодиёти маорифпарварони тоҷик чӣ гуна дида мешавад? 25. Ба назари шумо камбудии идеявии маорифпарварони тоҷик дар чӣ буд?

*Рӯйхати адабиёти илмӣ ва методӣ*


1. Б. Ғафуров. Тоҷикон, қисми II, «Ирфон», Душанбе, 1985.

2. И. С. Брагинский. Очерки из истори таджикской литературы, Таджикгосиздат, Сталинабад, 1956, сах. 376 — 417.

3. Р. Ҳодизода. Адабиёти тоҷик дар нимаи дуввуми асри XIX, «Дониш», Душанбе, 1963.

4. З. Раҷабов. Аз таърихи афкории ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX, Сталинобад, 1959.

5. Т. Миров. Дастури методии «Адабиёти тоҷик» барои синфи 9, «Маориф», Душанбе, 1986.

# АҲМАДИ ДОНИШ



*Бузургтарин хизмати Аҳмади Дониш аз ин иборат аст, ки ӯ тавонист дар атрофи худ як гурӯҳ пайравон – маорифпарварони асри XIX тоҷикро муттаҳид кунад.*

*Академик Бобоҷон Ғафуров*

Мутафаккир ва адиби барҷастаи халқи тоҷик Аҳмад Маҳдуми Дониш яке аз он ситорагонест, ки осмони илму адаби Бухорои охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX-ро бо асарҳои илмию адабияш фурӯзон намудааст. Афкори пешқадами адиб, чунон ки олими бузург Б. Ғафуров мегӯяд, барои ба вуҷуд омадани ҷараёни маорифпарварӣ дар Осиёи Миёна асос гардид.

**Рӯзгори Дониш**

Падару модари Аҳмад аз аҳли савод буданд. Падари Дониш аз тумани Шофирком барои таҳсил ба Бухоро омада, пас аз хатми мадраса дар ҳамин ҷой мемонад. Аҳмад соли 1826 ба дунё меояд. Ӯ дар назди модар хату савод мебарорад. Пас падараш соли 1838 ӯро ба мактаби қориҳо мебарад. Мақсад ҳамин буд, ки бояд Аҳмад «Қуръон»-ро дар ин ҷо аз ёд карда, соҳиби унвони қорӣ гардад. Барои Аҳмади хурдсол ва донишҷӯ аз бар кардани як китоби калони арабӣ бисёр мушкил буд. Аз ин ҷост, ки ӯ барои аз ёд кардани он чандон саъю кӯшиш наменамуд ва бештари вақти худро дар маъракаи қиссахонҳо мегузаронд. Инчунин бо ёрию дастгирии модараш абёти шоирони бузурги гузаштаро мутолиа мекард ва бо салоҳдиди худ намунаҳои зиёдеро аз бар менамуд.

Носир маҷбур мешавад, ки Аҳмадро аз мактаби қориҳо гирифта, соли 1842 ба мадраса монад. Дар солҳои аввал Аҳмад забони арабиро омӯхта, баъзе фанҳои маъмули мадрасаҳои онвақтаи Бухороро аз худ менамояд. Вале дар баробари ин ба таври мустақилона хаттотӣ ва зарҳалкории китобҳоро омӯхта, дар як муддати кӯтоҳ дар байни хосу ом шӯҳрат меёбад. Аҳмад ин пешаҳоро аз рӯи зарурат аз бар намудааст. Зеро зиндагӣ вазнин буд ва падар оиларо базӯр таъмин мекард. Аҳмад дар баробари хондан, инчунин бо хати зебояш китобҳоро рӯнавис мекард, муқова мебаст, зарҳалкорӣ менамуд. Аз рӯи ин даромад ба оила ёрии моддӣ мерасонд ва таҳсили худро низ давом медод.

Аҳмад дар солҳои охири таҳсил бештар мустақилона илмҳои риёзиёт, нуҷум, ҷуғрофия, таърих ва фалсафаи Шарқро меомӯзад ва яке аз шахсони

донишманди замонаш мегардад. Яке аз устодони Аҳмади Дониш, ки дар дарбор вазифаи сармуҳандисиро ба ӯҳда дошт, восита шуда Донишро ба дарбор даъват менамояд. Аввал дар ин ҷо ба китобати асарҳои тиббию адабӣ машғул шуда, инчунин яке аз мушовирони амир оид ба илми нуҷум низ будааст. Ҳангоме ки устодаш вафот мекунад, Донишро муҳандис ва меъмори дарбор таъин менамоянд ва рӯз то рӯз шӯҳрат ва мақому мартабаи Дониш дар назди амир ва аҳли дарбор бештар мегардад. Аз ин ҷост, ки дар ҳалли масъалаҳои мушкили сиёсӣ, иҷтимоӣ ва илмию мадании мамлакат амир аз Дониш маслиҳат мепурсад. Аҳмадро ҳамчун донишманди замон эътироф мекунанд. Ба ҳамин муносибат Аҳмад тахаллуси худро Дониш мегузорад.

**Сафарҳои Дониш**

Соли 1857 ба мақсади ба тахт нишастани Александри II ва дар оянда боз ҳам мустаҳкам намудани муносибатҳои дӯстиву ҳамкории байни Россия ва Бухоро амир Насрулло ба пойтахти русия элчӣ мефиристонад. Ӯ шахсан хоҳиш менамояд, ки Аҳмади Дониш дар ин ҳайат бошад. Бояд мувофиқи супориши амир Дониш ҳаёту зиндагӣ, давлатдорӣ ва дигар масъалаҳои ба ҳаёти кишвар марбутро омӯхта, пас амирро аз дидаю шунидааш огоҳ намояд.

Аҳмади Дониш чанд муддат дар Петербург мемонад. Ӯ дар баробари вохӯрию гуфтугӯйҳои расмӣ ва ҳалли масъалаҳои давлатӣ вақтҳои фароғат марказҳои илму фарҳанг–Институти технологӣ, музеи Академияи фанҳо, Расадхонаи калони Пулково, театр, фабрикаи газворбарорӣ, боғи ботаникӣ ва ғайраҳоро тамошо мекунад. Як дунёи дигар дар пеши чашми Аҳмади Дониш ҷилвагар мешавад. Сӯҳбатҳо, вохӯриҳо бо сиёсатмадорон ва аҳли фазл ҷаҳонбинӣ ва тафаккури Донишро ба тамом тағйир медиҳанд. Дигар дар пеши чашми мутафаккир қафомондагӣ, фарсудагии Бухоро барзъло намоён мегардад. Акнун ӯ бо назари дигар ба ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва маданиии кишвари худ менигарад.

Албатта, ин сафари аввалин ва охирини Дониш ба Россия набуд. Соли 1869 бори дуюм Аҳмад дар айёми ҳукмронии амир Музаффар (1860–1885) боз дар ҳайати сафорат ба Петербург сафар мекунад. Дониш ду моҳ дар ин шаҳри обод истиқомат мекунад. Аҳмад аз фурсат истифода бурда, бисёр ёдгориҳои таърихӣ, қалъаи Кронштат, корхонаҳои киштисозӣ, музейҳои хоҷагии қишлоқ, маъданшиносӣ, роҳҳои нақлиёт ва ғайраро дида, бо ходимону коргарон ҳамсӯҳбат мешавад.

Дар ин сафар ашхоси олирутба ва аҳли илму адаби рус ба Аҳмади Дониш иззату эҳтироми зиёде зоҳир мекунанд. Маърифатнокӣ ва хирадмандии ин марди фозил қадру манзалати ӯро дар назди подшоҳи рус низ афзун намуд. Аз ин ҷост, ки пас аз бозгашт амир ба Аҳмади Дониш унвони «урок»-иро медиҳад. Ин унвони илмӣ ба олимони эътирофшудаи дарбор бевосита аз тарафи худи амир дода мешуд. Ин унвон ва шӯҳрату мақоми Дониш дили ҳасудону душманони ӯро реш кард ва шумораи онҳо бештар гардиданд.

Ниҳоят соли 1873 амир одамони худро боз барои сафари Петербург омода кард. Дониш ҳамчун сармушовир таъин гардид. Дар ин сафар До-

ниш имконият пайдо кард, ки илова ба Петербург шаҳри Москваро низ тамошо кунад. Дар ин сафар бо донишмандони рус ҳамсӯҳбат шуда, доираи дониши назариявии худро ба илмҳои дақиқ такмил дод. Хусусан бо олими шарқшиноси рус В. Григорев вохӯрдани ӯ басо судбахш буд.

Пайи умри Дониш

Пас аз бозгашт амир Музаффар соли 1874 Донишро ба дарбор даъват намуда, мехоҳад ба ӯ мансабе бидиҳад. Аҳмади Дониш андешаи зиёд кард. Азбаски дар Россия ҳангоми сафарҳо бисёр чизҳоро дида, омӯхта буд, ният дошт, ки дар сохти давлатдорӣ ва ҳаёти илмву маданий кишвар тағйироти куллӣ дохил намояд. Пас мулоҳиза кард, ки бо ин соҳибмансабоне, ки имрӯз дар аморати Бухоро ҳастанд, амалӣ гардондани нақшаҳояш кори номумкин аст. Аксарияти онҳоро аз сари мансаб бояд дур кард. Нағз медонист, ки ба ин кор ҳаргиз амир розӣ намешавад. Бо вуҷуди он рисолае иншо мекунад ва дар ин рисола пешниҳод ва таклифҳои худро дар бораи сохт ва тартиботи давлатдорӣ дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагӣ ва маданӣ баён менамояд. Дар охир Дониш ба амир хотиррасон мекунад, ки агар таклифҳояшро қабул фармояд, ба дарбор меояд ва ба ягон коре машғул хоҳад гашт.

Амир аз ин ҷасорати Дониш ба хашму ғазаб омада, таклифҳои ӯро рад мекунад. Зеро қабули таклифҳои Дониш пояи ҳукмронии амирро суст мекард ва умуман, хилофи давлатдорӣ ва манфиати амир буд. Аз ин ҷост, ки амир дар яке аз сӯҳбатҳои хосааш аз кӯрнамакии Дониш нолида, чунин гуфтааст: «Ман фалониро (Аҳмади Донишро) бо суфарои давлат ба ҷониби Русия ҳамроҳ кардам, дар охир ба ман насиҳатгар шуд. Ман баъд аз ин ӯро намефиристонам». Аҳмади Дониш сухани амирро шунида, бадеҳатан чунин ҷавоб додааст: «Ман ҳам ба нӯкарии ин каллахарон толиб нестам».

Суханони Донишро ҷосусон нaчакондаю нарезонда ба амир расониданд. Бинобар ин амир Музаффар аз Аҳмади Дониш қасос гирифтан хост. Аммо ин корро карда наметавонист. Зеро Дониш ҳамчун як шахси бомаърифат, пешқадами замон дар назди давлати Россия соҳибэҳтиром ва соҳибиззат буд. Азбаски Бухоро ниммустамликаи Россия ба ҳисоб мерафт, амир нияти бади худро дар ҳаққи Дониш ошкоро ба амал бароварда натавонист. Бинобар ин роҳи дигарро пеш гирифт. Ӯро аз Бухоро бадарға намуд. Яъне аввал дар тумани (ноҳия) Ғузор ва баъд ба Наҳрпай ба сифати қозӣ фиристод. Пас аз вафоти амир Музаффар Аҳмади Дониш аз бадарға боз ба Бухоро меояд. Дигар ба корҳои давлатӣ машғул нашуда, танҳо ба ном вазифаи китобдориро иҷро карда, бештар вақти худро дар ҳалқаи дӯстон, ҳамфикрон мегузаронад ва ба корҳои эҷодӣ бештар машғул мегардад. Устод Айнӣ дар «Ёддоштҳо»-яш дар бораи ҳаёти ҳаминдавраи Аҳмади Дониш, умуман тарзи зиндагӣ, симои ботинӣ ва зоҳирии ӯ ин тавр ҳикоят мекунад:

«Аз рӯи қавли Ҳомидбег, Аҳмадмахдум ҳар рӯз саҳар аз хоб хеста, баъд аз шустушӯй ба мутолиа ва ё китобат машғул мешуд, баъд аз бомдод ва пеш аз баромадани Офтоб чой менӯшид ва як кулчаи равғанизардиро бо ним коса чойи қаймоқӣ хӯрда, боз ба кор менишаст...